**ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ Ш. ШОҲТЕМУР**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД 631.162:657.47
М-24

**МАНУЧЕҲРИ НОЗИМИИ РАҶАБЗОДА**

# ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ ТАБДИЛЁБИИ ДОРОИҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ПАРАНДАПАРВАРӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси**
**6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит**
**(6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессор

Низомов Самариддин Фахриевич

Душанбе – 2024

Мундариҷа


Муқаддима ........................................................................................ 3

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ ТАҒЙИРЁБИИ БИОЛОГӢ ДАР ПАРАНДАПАРВАРӢ**......... 11

1.1. Асосҳои назариявии дороиҳои биологӣ ва таснифоти онҳо дар хоҷагиии қишлоқ.................................................................................... 11

1.2. Таъсири хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирӣ ....................................................................................... 31

1.3. Ҷойгоҳи назорати дохилӣ дар низоми менеҷменти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ................................................................................... 48

**БОБИ 2. БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ТАҒЙИРЁБИҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ПАРАНДАПАРВАРӢ**................................................................................... 70

2.1. Ҷанбаҳои назариявии ташкили тасниф ва баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти парандапарварӣ............................................................... 70

2.2. Такмили методикаи ҳуҷҷатикунонӣ ва баҳисобгирии ҷузъии хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ ........................................... 87

2.3. Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ .............101

**БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ ТАҒЙИРЁБИҲОИ ДОРОИҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ПАРАНДАПАРВАРӢ**..................................................................................123

3.1. Мукаммалгардонии таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ.................................123

3.2. Рушди методикаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ...............................................................................................138

3.3. Буҷетикунонии ҷараёни тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ...............................................................................................154

**Хулоса ва пешниҳодҳо**.......................................................................174

**РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА**...................................179

**Замимаҳо** ...................................................................................................198

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба асосҳои пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ба таҳияи заминаи нав ва мушаххасгардонии қоидаҳои амалкунандаи баҳисобгирӣ, коркарди дастурҳои методӣ ва тафсирот оид ба масъалаҳои алоҳидаи баҳисобгирииии муҳосибӣ замина гузошт.

Ҳамин тавр, дар соҳаи хоҷагии қишлоқ мафҳуми нав - баҳисобгирии дороиҳои биологӣ ба миён омад. Ин гурӯҳи объектҳои баҳисобгирӣ растанӣ ва ҳайвонотро дар бар мегирад. Ҳамзамон кофӣ набудани методикаи илман асоснокшуда ва дастурамал оид ба танзими меъёрии баҳисобгирӣ, баҳодиҳии воқеӣ ва баҳисобгирии эътимодноки дороиҳои биологиро мушкил мегардонад.

Аз ибтидои асри бистум дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони бизнеси алоҳида дар ҷараёни фаъолияти хоҷагидории худ стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро истифода мебаранд. Дар айни замон, низоми танзими меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ аз нуқтаи назари илмӣ гурӯҳбандии асоснокшудаи дороиҳои биологиро сатҳи назар менамояд. Дар баробари ин, принсипҳои заминавӣ ва пайдарҳамии расмиёти баҳисобгирии дороиҳои биологӣ аз рӯйи арзиши одилона ва равишҳои методии муайянкунии он таҳия нашудааст. Бар замми ин, аз нуқтаи назари илмӣ-амалӣ усули асосноккардашудаи назорати ҳаракати дороиҳои хусусияти биологӣ дошта ва натиҷаи ниҳоии тағйирёбии биологии онҳо дар ҳисобҳои баҳисобгирӣ коркард нашудааст.

Дар баробари ин, дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ бо назардошти номукаммалии муаммоҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии баҳисобгирӣ ва назорати дороиҳои биологӣ миқдори зиёди масъалаҳои шакливазкунии биологӣ ҳалношуда боқи мондаанд. Бар замми ин, масъалаҳои омӯзиши асосҳои назариявӣ, методикаи пешбурди баҳисобгирии дороиҳои биологӣ ва гузаронидани назорати дороиҳои хусусияти биологӣ дошта, ташхиси амалияи мавҷуда, коркарди дастурҳои методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии тартиби баҳисобгирӣ ва методикаи назорати ҷараёни шакливазкунии биологӣ дар парандапарварӣ рӯзмарра ва мубрам мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар корҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ: Атиксон Е.А., Бакаев А.С., Безруких П.С., Бобиев И.А., Бобоев М.У., Богатая И.Н., Булгакова С.В., Вахрушина М.А., Гулов Т.Г., Друри К., Калемуллоев М.В., Каплан Р.С., Кизилов А.Н., Курсеев Д.В., Кондраков Н.П., Лабинсев Н.Т., Мирзоалиев А.А., Низомов С.Ф., Палий В.Ф., Содиқов С.И., Соколов Я.В., Тоҳирова Р.С., Ткач В.И., Уроқов Д.У., Фостер, Ҷ., Хорнгрен С., Шеремет А.Д., Шобеков М. ва дигарон баррасӣ шудаанд.

Масъалаҳои рушди назария, методология ва ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ, аудит ва назорат дар хоҷагии қишлоқ дар корҳои олимон, ба монанди Алборов Р.А., Белов Н.Г., Бичкова С.М., Васикина Ф.И., Кружкова И.И., Ларионов А.Д., Ламикин И.А., Лисович Г.М., Маслова И.А., Пизенголтс М.З., Радостоветс В.К., Удалова З.В., Файзуллоев А.Х., Хоружий Л.И., Хушвахтзода Қ.Х., Шарифов З.Р., Широбоков В.Г. ва дигарон таҳқиқ карда шудааст. Аммо, сарфи назар аз аҳаммияти назариявӣ-амалӣ ва арзиши илмии таҳқиқоти анҷомёфта дар ин самт, хусусиятҳои ташкил ва пешбурди низоми баҳисобгирӣ мутобиқи СБҲМ, низоми назорати дохилии субъектҳои хоҷагидорӣ оид ба раванди тағйирёбии дороиҳои биологӣ ва методҳои муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти асосӣ ва иловагии соҳаи парандапарварӣ аз рӯйи зерсоҳаҳои парандапарварӣ дар кишвар ҳанӯз ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқот қарор нагирифтаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба раванд ва мазмуни ислоҳоти дар соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит ва назорат мувофиқат менамояд ва барои татбиқи амалии барномаҳои зерин равона гардидааст: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030", иҷроиши Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба амалигардонии СБҲМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (аз 3 майи соли 2010 № 231). Инчунин, таҳқиқоти мазкур бо нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур мувофиқат менамояд.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ** таҳқиқоти асосҳои назариявӣ, масъалаҳои ташкилӣ ва ҷанбаҳои методӣ бо роҳи коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба мақсади гузошташуда дар кори илмӣ масъалаҳои зерин мавриди омӯзиш, таҳлил ва ҳал қарор мегиранд:

1. Ошкорнамоии таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва таснифоти дороиҳои биологӣ дар хоҷагии қишлоқ;

2. Таъсир ва алоқамандии хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии соҳаи парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ;

3. Таҳқиқи мавқеи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии парандапарварӣ;

4. Омӯзиши ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва муайян кардани арзиши равандҳои тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ;

5. Таҳқиқи ҷараёни буҷетикунонӣ тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ ва роҳҳои такмили он;

6. Рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот таҷрибаи амалкунандаи баҳисобгирӣ ва назоратии дохилии раванди тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқоти** диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявӣ-методӣ ва ташкилии баҳисобгирӣ ва назоратии дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ ба ҳисоб меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба он такя мекунад, ки рушди минбаъдаи методикаи баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ имконият медиҳад: мухтавои иқтисодии мафҳуми "дороиҳои биологӣ" дақиқ карда шавад; ташкили баҳисобгирӣ ва назорати дохилии тағйирёбиҳои дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ мукаммал карда шавад;

дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ инъикоси ҳаракати дороиҳои биологӣ ва натиҷаҳои шакливазкунии онҳо тақвият дода шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро корҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, ки дар соҳаи менеҷмент, баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил, назорат ва аудит иншо шудаанд, ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** усулҳои диалектикии таҳқиқот, ки омузиши таҳаввули руйдодҳо ва ҳодисаҳоро дар инкишоф ва боҳамалоқамандӣ таъмин мекунанд, ташкил медиҳад. Дар диссертатсия чун анъана усулҳои умумиилмӣ, ба монанди, абстраксияи илмӣ, мушоҳида, таҳлили мантиқӣ, таҳлил ва синтез истифода шудаанд. Ба сифати усулҳои махсус истифода шудаанд: таърихӣ, системавӣ, гурӯҳбандии оморӣ, комплексӣ, моделронӣ, ҷамъбасткунӣ, муқоисавӣ, индексӣ, монографӣ ва ғайра.

**Сарчашмаи маълумот.** Пояи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, асосҳои методологии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назоратро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимкунанда, инчунин стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ, маълумоти агентии омории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои баҳисобгирии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, маводи чопӣ ва электронӣ, маводи конфронсҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур дар давоми солҳои 2016-2023 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмӣ дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ ва назорат, инчунин дар ин замина коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалгардонии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ иборат мебошад. Ба муқаррароте, ки унсурҳои навгонии илмиро ифода мекунанд, дохил мешаванд:

- дар асоси ҷамъбасти назарияҳои илмӣ бо дарназардошти хусусиятҳои соҳаи хоҷагии қишлоқ мафҳуми “дороиҳои биологӣ” дақиқ карда шуда, таърифи муаллифии он пешниҳод карда шудааст. Таснифоти дороиҳои биологӣ дар хоҷагии қишлоқ аз рӯйи якчанд аломатҳо асоснок карда шудааст, ки унсурҳои зеринро фаро

мегиранд: вобаста аз намуди паранда, аз рӯйи самт, аз рӯйи усули истифодабарӣ, аз рӯйи давраҳои иштирок дар ҷараёни хоҷагидорӣ, аз рӯйи гурӯҳбандӣ вобаста ба синну сол, аз рӯйи методикаи баҳодиҳии арзиши онҳо, аз рӯйи муҳлати истифодабарӣ, аз рӯйи тавсифи инъикос кардани истеҳлок, аз рӯйи ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ, вобаста аз мақсади истифодабарӣ, аз рӯйи идора намудани таваккалҳо;

- хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии хоҷагии парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсири муҳим мерасонанд, муайян карда шудааст, инчунин тартиби баҳисобгирии харoҷот, интихоби усулҳои баҳисобгирӣ ва тақсимкунии харoҷоти барилова, таркиб ва номгӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ ошкор ва асоснок карда шудаанд;

- мавқеи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии корхонаи парандапарварӣ таҳқиқ карда шуда, таърифҳои мафҳумӣ ва усулии мукаммалгардидаи "назорати дохилӣ" пешниҳод карда шудааст. Назорати дохилӣ –унсури низоми идоракунии корхона буда, бо ёрии он мақомоти идоракунӣ ва кормандони ширкат менеҷменти босифат ва оқилонаро тавассути ошкорсозии тамоюлҳо аз натиҷаҳои эҳтимолӣ дар тамоми сатҳҳо, марҳилаҳо ва ҷараёнҳо кафолат дода, барои омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилӣ ва берунӣ, таъмини самаранокӣ ва самарабахшии фаъолият ва риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрии танзимкунанда равона шудааст. Модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ коркард ва асоснок карда шудааст;

- ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва муайянкунии арзиши тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шуда, модели муайян кардани объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ коркард гардида, бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ-технологии корхонаҳои парандапарварӣ дар ҳисоби куллии 10751 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» кушодани ҳисобҳои таҳлилӣ асоснок карда шуда, тартиби инъикоси амалиётҳо нишон дода шудааст. Вобаста ба ин, модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории маҳсулоти асосӣ ва иловагии (дуюмдараҷа ва сеюмдараҷа) соҳаи парандапарварӣ коркард карда шудааст;

- технологияи буҷетикунонии ҷараёни шакливазкунии биологӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ ҳамчун воситаи муассири баҳисобгирӣ ва назорати дохилӣ асоснок карда шуда, стандарти (низомномаи) буҷетикунонии корхонаҳои парандапарварӣ таҳия карда шуда, бо дарназардошти нишондиҳандаҳои пешбинишудаи саршумори парандагон (тухм, гӯшт, афзоиши вазни зинда) буҷети истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ пешниҳод карда шудааст;

- роҳҳои рушди методикаи баҳисобгирӣ ва назоратии дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, мукаммалсозии шаклҳои ҳуҷҷатгузории ибтидоӣ ва аналитикӣ (ҷузъи) баҳисобгирӣ коркард ва асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Натиҷаҳои илмӣ, ки шахсан муаллиф ба даст овардаасту барои дифоъ пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:

- асосҳои назариявии дороиҳои биологӣ ва таснифоти онҳо дар хоҷагии қишлоқ дар умум ва хусусан, соҳаи парандапарварӣ омӯхта шудааст;
- таъсир ва алоқамандии хусусиятҳои ташкилӣ ва технологии соҳаи парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ ошкор ва асоснок карда шудаанд;
- мавқеи назорати дохилӣ дар низоми идоракунии парандапарварӣ таҳқиқ ва нишон дода шудааст;
- ҳолати муосири ташкили баҳисобгирӣ ва муайянкунии арзиши тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ мавриди омӯзиш ва баҳодиҳӣ қарор дода шудааст;
- методикаи буҷетикунонии ҷараёни тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ таҳия ва асоснок карда шудааст;
- роҳҳои такмили усулҳои баҳисобгирӣ ва назоратии дохилии тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард ва асоснок карда шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Дар дисссертатсия тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд, ки ба рушди методика ва ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои назариявӣ метавонанд дар низоми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ, методика ва тавсияҳои пешниҳодгардида

ҳангоми мукаммалгардонии заминаҳои меъёрии баҳисобгирӣ ва назорат аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амалияи ташкилотҳои аудиторӣ-консалтингӣ, корхонаҳои парандапарварӣ истифода карда шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Боэътимодии натиҷаҳои кор бо истифодаи усулҳои махсус дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқотӣ, омӯзиши мукаммали раванди ташкили баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ ва коркарди тавсияву пешниҳодҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва маводҳои нашршуда дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ тасдиқ карда мешавад. Хулосаҳо ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ (экспериментали) тасдиқ мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи мазкур мувофиқ ба шиносномаи 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), банди 1.1. “Парадигмаҳои ибтидоӣ, консепсияҳои бунёдӣ, принсипҳои асосӣ, постулатҳо ва қоидаҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ”, 1.7. «Баҳисобгирии муҳосибӣ (молиявӣ, идоравӣ, андоз ва ғ.) дар ташкилотҳои дорои шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ, доира ва соҳаи гуногун”, 1.10. “Назария ва методологияи буҷасозӣ”, 1.13. “Ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ (молиявӣ, идоракунӣ, андозӣ, корпоративӣ ва ғайра) аз рӯйи сегментҳо, бизнес-ҷараёнҳо ва сохторҳои таркибӣ”, 1.16. “Проблемаҳои баҳисобгирии хароҷот ва ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот (кор, хизмат)”, 3.2. “Асосҳои назариявӣ ва методологӣ, вазифагузориҳои мақсадноки аудит ва назорат”, 3.9. “Инкишофи методологияи комплексии усулҳои аудит ва назорат” иҷро гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба баҳисобгирӣ ва назорати тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат мебошад, аз ҷумла таърифи муаллифии “дороиҳои биологӣ” дақиқ ва пешниҳод карда шудааст, таснифоти дороиҳои биологӣ аз рӯйи якчанд аломатҳо асоснок карда шудааст, модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ коркард карда шудааст, объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ, кушодани ҳисобҳои таркибӣ асоснок кардашуда, тартиби инъикоси амалиётҳо,

модели баҳисобгирии идоракунӣ ва баҳогузории маҳсулоти асосӣ ва дуюмдараҷаи соҳаи парандапарварӣ коркард карда шудааст. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқоти диссертатсиониро метавон ҳангоми коркарди муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба мукаммалгардонии заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати раванди тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷа ва нуқтаҳои муҳимми таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маъруза дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, байнидонишгоҳӣ пешниҳод карда шуданд.

Бархе аз муқаррароти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои истифодабарӣ дар фаъолияти корхонаи воҳиди давлатии "Саноати парандапарварии Тоҷикистон" (маълумотномаи № 26, аз 26 октябри соли 2023), ташкилоти аудиторию консалтингии ҶДММ "Тоҷик Аудит Сервис" (маълумотномаи № 21, аз 14 июни соли 2023), инчунин дар ҷараёни таълими факултети баҳисобгирӣ ва молияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (маълумотномаи № 03/820 аз 16.10.2023) қабул карда шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ беш аз 9 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 7,1 ҷ.ч. нашр гардидааст, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки аз 160 номгӯй иборат мебошад, дар маҷмуъ дар ҳаҷми 218 саҳифа навишта шудааст ва аз 8 расм, 14 ҷадвал ва феҳрасти замимаҳо иборат мебошад.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ ТАҒЙИРЁБИИ БИОЛОГӢ ДАР ПАРАНДАПАРВАРӢ

## 1.1. Асосҳои назариявии дороиҳои биологӣ ва таснифоти онҳо дар хоҷагиии қишлоқ

Ҳалли масъалаҳои бунёдии дар санадҳои стратегии рушди комплекси хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикргардидаро бе рушди чорводорӣ, алалхусус соҳаи парандапарварӣ тасаввур кардан номумкин аст. Гузашта аз ин, ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳити байналмилалӣ, қабули қонунҳои мувофиқ ва татбиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявиро тақозо мекунад.

Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IAS) 41 «Кишоварзӣ» (biological assets) аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корхонаҳои хоҷагии қишлоқ тавсия дода шуд. Ин дар навбати худ самтҳои нави асосҳои консептуалии баҳисобгирии дороиҳои биологиро дар хоҷагии қишлоқ ба миён овард. Дар натиҷа, муҳлати пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ аз рӯйи чунин намуди дороиҳо дарозтар гардид. Бояд қайд намуд, ки номи стандарт ҳамчун «Кишоварзӣ» аз ҷиҳати луғавӣ нодуруст тарҷума карда шудааст. Масалан, агар корхона ба чорводорӣ, асалпарварӣ ва парандапарварӣ машғул бошад ё махсусгардонидашуда бошад, пас фаъолияти ӯ албатта, кишоварзӣ нест. Бинобар ин, ба ақидаи мо агар “Хоҷагии қишлоқ” ё “Дороиҳои биологӣ” (ба тарҷумаи аслии biological assets) номгузорӣ менамуданд, ҳама паҳлуҳои фаъолияти корхонаҳои хоҷагии қишлоқро фаро мегирифт ва аз нуқтаи назари семантикаи калимаи мазкур дуруст мебуд.

Бинобар ин, бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавии парандапарварӣ баррасӣ намудани моҳияти иқтисодии мафҳуми «Дороиҳои биологӣ» ва муайян кардани сохтори категориявии он муҳим мебошад.

Мақсади гузаштан ба стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IAS) 41 «Кишоварзӣ», ин пеш аз ҳама, ба таври максималӣ ба инобат гирифтани хусусиятҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, инчунин маҳсулоти

хоҷагии қишлоқ мебошад. Стандарти мазкур ба таҷрибаи ватании баҳисобгирӣ мутобиқ карда шуда, бе вайрон кардани ғоя ва моҳияти асосии муқаррароти алоҳидаи стандарт пешниҳод шудааст. Вале истифода намудани стандарти мазкур дар амалияи баҳисобгирии корхонаҳои хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати ба таври куллӣ тағйир додани пояи меъёрии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот, андозбандӣ, омор ва иқтисодиётро тақозо мекунад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ истилоҳи «дороиҳои биологӣ» истифода карда мешавад, ки он ҳайвонот ва растаниҳоро дарбар мегирад. Дар луғати тафсирии истилоҳоти Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ[1] дороиҳои биологӣ бо чунин маъно оварда шудааст. Мо ба он нуқтаи назари муҳаққиқоне розӣ ҳастем, ки онҳо қайд менамоянд, ки ин таъриф на танҳо муҳтавои истилоҳро пурра кушода наметавонад, балки объекти баҳисобгириро низ мушаххас карда наметавонад ва нофаҳмиро ба вуҷуд меорад, зеро бо чунин тарз инъикос намудани ин маҳфум - ба сифати дороиҳои биологӣ тамоми наботот ва ҳайвоноти Заминро дар назар дорад. Чунин тарз маънидод кардани ин мафҳум танҳо қисмати дуюми ибораи истилоҳ, яъне «биологӣ»-ро инъикос менамояду қисмати муҳимми он, яъне «дороӣ»-ро тамоман нодида мегирад.

Дороӣ новобаста аз шакли он, чи моддӣ, ғайримоддӣ ва чи биологӣ бошад, объекти асосии баҳисобгирии бухгалтерӣ мебошад. Агар ба истилоҳи «дороиҳо» назар андозем, пас объектҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ бояд ҳайвоноти зинда ва растаниҳо набошанду танҳо аз шумори онҳо ҳамонҳое объекти дороиҳо бошанд, ки аз ҷониби корхона идора карда мешаванд ва истифодаи онҳо аз лиҳози иқтисодӣ дар оянда фоида меоранд. Мувофиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) 41 «Кишоварзӣ» дороиҳои биологӣ дар он ҳолат дороӣ ҳисобида мешаванд, агар дар оянда

[1] Луғати тафсирии истилоҳоти Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (тоҷикӣ – русӣ - англисӣ) Вазорати молияи ҶТ, 2011. С. 25

корхона аз истифодаи онҳо фоидаи иқтисодӣ гирад ва арзиши онҳоро низ дақиқ муайян карда тавонад.

Амалан тибқи муқаррароти СБҲМ 41 «корхона бояд дороии биологӣ ё маҳсулоти кишоварзиро танҳо ҳамон вақт эътироф кунад, ки:

(a) корхонаи мазкур дороиро дар натиҷаи рӯйдодҳои гузашта назорат менамояд;

(b) барои корхона эҳтимолияти зиёди ба даст овардани манфиатҳои ояндаи иқтисодии вобаста бо дороии мазкур вуҷуд дорад; ва

(c) арзиши одилона ё арзиши ҳақиқии дороиро боэътимод чен кардан мумкин аст»[1].

Вале мутаассифона, мафҳуми дороии биологӣ новобаста аз қабули стандарти мазкур он қадар дар байни олимон ва мутахассисони тоҷик мавқеи хосро пайдо накардааст, хусусиятҳои баҳисобгирӣ ва дар ҳисобот инъикос намудани он то ҳол мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бар замми ин, масъалаи дар ҳисобҳои муҳосибӣ инъикос намудани дороии биологӣ, эътироф ва баҳодиҳии онҳо яке аз масъалаҳои баҳсталаб боқӣ мондааст. Дар корхонаҳои ба истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ машғулбуда категорияи дороиҳои биологӣ падидаи нав мебошад ва асосноккунии назариявии моҳият ва усулҳои баҳисобгириву назораткунии он ба таври пурра муайян карда нашудаанд.

Новобаста аз он ки дар санадҳои меъёрӣ таърифи расмии «дороиҳои биологӣ» оварда шуда бошад ҳам, дар байни олимон нуқтаҳои назари гуногуни маънидодкунии мафҳуми мазкур мавҷуд мебошад.

Масалан Л.И. Хоружий мафҳуми дороиҳои биологиро чунин шарҳ додааст: дороиҳои биологӣ – ин «растаниҳои зинда (зироатҳои хоҷагии қишлоқ, дарахтони бисёрсола) ё ҳайвонот (намуди ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ)»[2]. Ба ақидаи мо, таърифи мазкур нопурра буда, дар шакли умумӣ

[1] Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IAS) 41 «Кишоварзӣ».
[2] Хоружий Л.И. Варианты методов учета биологических активов и сельскохозяйственной продукции / Л.И. Хоружий, А.С. Хусаинова // Бухучет в сельском хозяйстве. - 2013. -№ 3. - С. 15

пешниҳод шудааст, зеро масъалаҳои шакливазкунии биологиро дарбар намегирад. Дар натиҷаи шакливазкунӣ (раванди сабзишу нашъунамо, инқироз, маҳсулдиҳӣ ва зиёдшави) дар дороиҳои биологӣ тағйироти сифатӣ ё миқдорӣ ба амал меоянд.

О.А. Лукашова чунин мешуморад, ки «дороиҳои биологӣ– ин организмҳои зиндае, ки ба молиякияти корхонаи хоҷагии қишлоқ тааллуқ дошта, ҷараёни тағйирёбии биологиро мегузарад ва дар давра ва ё пас аз ба охир расидани ҳаёти биологӣ манфиати иқтисодӣ меорад»[1]. И.А. Маслова чунин мешуморад, ки «дороиҳои биологӣ – ҳайвоноти зинда ва растанӣ, ки барои фурӯш, барои тағйирёбӣ ба маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ё барои дороиҳои биологии иловагӣ парвариш карда мешаванд»[2]. Ба фикри мо, чунин таърифи дороиҳои биологӣ нопурра мебошад, зеро сухан танҳо дар бораи тағйиротҳои сифатӣ меравад ва тағйирёбиҳое, ки дар олами набототу ҳайвонот ба вуқуъ меоянд, ба назар намегирад.

В.Ф. Палия чунин мешуморад, ки «дороиҳои биологӣ ин натиҷаи истифодабарии дороиҳои биологии мувофиқи растанӣ ё ҳайвонот», ки он «бо роҳи ҷудо намудан аз дороиҳои биологӣ ё бо роҳи қатъ намудани дигаргуншавиҳои биологии дороиҳои биологӣ ба даст меояд»[3].

Ба ақидаи Е.В. Фастова ва дигарон «дороиҳои биологӣ – ин растанӣ ва ҳайвоноти дар фаъолияти хоҷагии қишлоқ истифодашаванда мебошанд, яъне барои фурӯш, иваз намудан ё барои афзоиши саршумори онҳо бо мақсади бадасториии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар давраи ҳозира ё оянда парвариш карда мешаванд»[4]. Чунин нуқтаи назарро Л.И. Проняева, И.И. Кружкова,

[1] Лукашова, О.А. Понятие, сущность и классификация биологических активов в сельском хозяйстве / О.А. Лукашова, О.Н. Шарабанова // Плодоводство и виноградарство Юга России. – 2019. – № 57(3). – С. 1-17
[2] Маслова, И.А. Принципы признания и оценки биологических активов /И.А. Маслова// Международный бухгалтерский учет. - 2012. - № 32. – С. 18-24, С. 18
[3] Палий В.Ф. Международные стандарты учета и финансовой отчетности: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Бухгалтерский учет, анализ и аудит» / В.Ф. Палий. – Изд. 3-е испр. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2008. – С. 484
[4] Фастова Е.В, Алборов Р.А., Концевая С.М. Учет биологических активов в соответствии с МСФО 41 «Сельское хозяйство» / Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий, № 1, 2008. – С. 33-39

А.И. Солодовник ҷонибдорӣ менамоянд[1]. Бо чунин нуқтаи назар наметавон розӣ шуд, чунки ҷараёни тағйирёбии биологиро корхона ба пуррагӣ наметавонад идора намояд.

А.В. Кирсанова, Л.И. Проняева, К. Мариус дар ин нуқтаи назаранд, ки «дороиҳои биологӣ – ин ҳайвонот ё растаниҳое мебошанд, ки дар ҷараёни тағйирёбии биологӣ қобилият доранд маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ё ки дороиҳои биологии иловагиро диҳанд, инчунин бо дигар роҳ манфиатҳои иқтисодӣ биёранд»[2].

Таърифҳои дар боло овардашуда истилоҳи «дороиҳои биологиро» дар доираи идора кардани онҳо аз тарафи одам инъикос менамоянд, ки ба он ҳамчун сарчашмаи фоидаи иқтисодӣ нигоҳ карда шудааст. Ҳоло муҳим он аст, ки бояд диққат ба бавуҷудоии табиӣ ва ҷараёни фаъолияти онҳо дода шавад, ки танҳо дар зери таъсири шароити қонунҳои биологӣ ба вуҷуд меоянд. Онҳо метавонанд аз лиҳози биологӣ худашонро тағйир дода, шаклашонро дигар кунанд. Дар ин замина, қайд кардан ба маврид аст, ки аз тарафи олимони тоҷик масъалаи мазкур он қадар мавриди таваҷҷуҳ, баррасӣ ва таҳқиқ қарор нагирифтааст, ба истисноии дастурамали методии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ин лиҳоз, ба фикри мо таърифи нисбатан дуруст ва ҷамъбастшудаи дороиҳои биологӣ бояд чунин бошад: дороиҳои биологӣ тамоми маҷмуи организмҳои зиндаи хоҷагии қишлоқ, ки дар ҷараёни шакливазкунии биологӣ зери таъсири ҷараёнҳои генетикӣ ба миён омада, ба монанди афзоиши сатҳи истеҳсолот, такрористеҳсолшавӣ ва якҷояшавӣ имконияти додани дороиҳои биологии алтернативӣ ва ё маҳсулот (маҳсулоти тайёр барои истеъмол ва ё коркард дар оянда) доранд, ва дар ҷараёни истифода аз онҳо дигар намуди маҳсулот, фоидаи имконпазир

---

[1] Проняева Л.И., Кружкова И.И., Солодовник А.И. Биологические активы: экономическая интерпретация, оценка, проблемы отражения в отчетности // Международный бухгалтерский учет. 2013. № 8. С. 2-8 С. 3

[2] Маслова И.А. Принципы признания и оценки биологических активов [Электронный ресурс] // Международный бухгалтерский учет. - 2012. - № 32 (230). - С. 18-24. URL: https://elibrary.ru/item.asp?id=17885851 (санаи муроҷиат: о9.06.2021).

гирифта шавад ва ё онҳо сарчашмаи боигарии миллии кишвар гарданд, ифода мекунад.

Ба қатори дороиҳои биологӣ бисёре аз растаниҳо ва ҳайвоноте шомил гардидаанд, ки дар миёни онҳо ҳам як ва ё ду моҳ давраи ҳаёт дошта мавҷуданду ва ҳам баъзеашонро метавон даҳсолаҳо истифода намуд. Дороиҳои биологии парандапарварӣ аз рӯйи тавсифашон гуногун мебошанд ва ба ин номгӯй микдори зиёди онҳо шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон медиҳад, ки дороиҳои биологӣ дар адабиёти илмӣ аз рӯйи аломатҳои гуногун тасниф карда шуда, онҳо ба намудҳои гуногун ҷудо карда шудааст. Масалан, М.В. Бенгардт аломатҳои зеринро ҷудо намудааст: аз рӯйи муҳлати истифодабариашон, аз рӯйи усули истифодабариашон ва аз рӯйи балоғат[1].

Таҳлили ақидаҳои олимон оид ба таснифоти асосии нишондиҳандаҳо ва хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ имкон дод, ки таснифоти дороиҳои биологиро аз рӯйи чунин аломатҳо пешниҳод намоем: вобаста аз намуди паранда, аз рӯйи самт, аз рӯйи усули истифодабарӣ, аз рӯйи давраҳои иштирок дар ҷараёни хоҷагидорӣ, аз рӯйи гурӯҳбандӣ вобаста ба синну сол, аз рӯйи методикаи баҳодиҳии арзиши онҳо, аз рӯйи муҳлати истифодабариашон, аз рӯйи тавсифи инъикос кардани истеҳлок, аз рӯйи ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ, вобаста аз мақсади истифодабарӣ, аз рӯйи идора намудани таваккалҳо. Таснифоти парандаҳо ҳамчун дороиҳои биологӣ дар расми 1.1.1. пешниҳод карда шудааст.

Аз рӯйи намуд парандаҳо ба парандаҳои хоҷагии қишлоқ ва парандаҳои ваҳшӣ ҷудо карда мешаванд. Парандаи хоҷагии қишлоқ – ин парандае мебошад, ки онро бо мақсади гирифтани тухм, гӯшт ва пар парвариш мекунанд[2].

[1] Бенгардт М.В. Бухгалтерский учет и оценка незавершенного производства в растениеводстве: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук. – М. 2018 – С. 36

[2] Государственный стандарт Союза ССР. ГОСТ 18473-88 "Птицеводство": приказ Государственного комитета СССР по стандартам от 13.12.1988 г. №4057. https://files.stroyinf.ru/Index2/1/4294834/4294834700.htm (санаи муроҷиат 10.06.2021)




**Расми 1.1.1. -Таснифоти дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ** (**сарчашма**: таҳияи муаллиф)

Дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ одатан мурғ, мурғи марҷон, мурғи ҳилол, ғозҳо, мурғобиҳо, бедона ва кабӯтарҳоро парвариш менамоянд. Парандаҳои ваҳширо бошанд, ба парандаҳои ҷангалӣ, кӯҳӣ, водигӣ ва обиву ботлоқӣ ҷудо менамоянд.

Муқаррароти чорводориро, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии даврони шуравӣ ва даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидаанд, таҳлил намуда, метавон онҳоро тибқи намудҳои муайяни паранда, ки дар ин санадҳо ҷудо гардидаанд, ба як системаи муайян даровард. Стандарти давлатии ҶТ (ГОСТ) 18473-88[1] таснифоти парандаро чунин фаро гирифтааст, махсусан: мурғҳои насли тухмдиҳанда, мурғҳои гӯштӣ ва мурғҳои тухмиву гӯштӣ, чӯҷаҳо, мурғобиҳо, ғозҳо, мурғҳои марҷон, бедона ва кабк. Фарқияти аслии ГОСТ 18473-88[2] дар раванди рушд ёфтани соҳаи парандапарварӣ, ҷараёни тақсимкунии парандаҳо низ тағйир ёфтанд ва ин гурӯҳи парандагон, яъне кабӯтаронро ба гурӯҳи парандаҳои даштӣ (ваҳшӣ) шомил намуданд.

Тибқи санади ҳуқуқӣ-меъёрии қабулкардаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[3] таснифот аз рӯйи намуди парандаҳо (дар ҳолатҳои ҷудогона гурӯҳҳои гӯштдиҳанда ва тухму гӯштдиҳанда) муайян карда шуда, дар СБҲМ 41 бошад танҳо парандаи синну солаш калон (ё бавоярасида) ва парандаи ҷавона ҷудо карда шудааст. Ба ин категорияҳо тамоми гурӯҳҳои дар боло нишондодашудаи парандаҳои хонагии соҳаи хоҷагии қишлоқ дохил мешаванд.

Ҳамаи зотҳои парандаро тибқи самти истеҳсолоти асосиашон тасниф мекунанд. Зоти мурғ ва мурғи марҷонро ба тухмдиҳанда, тухму

---

[1] Государственный стандарт Союза ССР. ГОСТ 18473-88 "Птицеводство": приказ Государственного комитета СССР по стандартам от 13.12.1988 г. №4057. https://files.stroyinf.ru/Index2/1/4294834/4294834700.htm (санаи муроҷиат 10.06.2021)
[2] Государственный стандарт Союза ССР. ГОСТ 18473-88 "Птицеводство": приказ Государственного комитета СССР по стандартам от 13.12.1988 г. №4057. https://files.stroyinf.ru/Index2/1/4294834/4294834700.htm (санаи муроҷиат 10.06.2021)
[3] Государственный стандарт Союза ССР. ГОСТ 18473-88 "Птицеводство": приказ Государственного комитета СССР по стандартам от 13.12.1988 г. №4057. https://files.stroyinf.ru/Index2/1/4294834/4294834700.htm (санаи муроҷиат 10.06.2021)]

гӯштдиҳанда ва гӯштӣ ҷудо мекунанд. Зоти ғозу мурғобиҳоро бошад, ба гӯштӣ, сасарка ва тухму гӯштӣ ҷудо намуда, бедонаро бошад, ба гурӯҳи тухмдиҳандаҳо шомил мекунанд. Чунин тақсимкунӣ аз лиҳози технологияи парвариш ва зотҳои махсуси ҳар кадом самт ба роҳ монда шудааст. Барои самти истеҳсоли гӯшт паранда бояд дар давраи ҷавона дорои мушакҳои қавӣ бошад, яъне тамоми хӯрокаро хӯрда ба пуррагӣ ҳазм карда тавонад, то ки вазни зиндааш зиёд гардад. Барои таснифи афзоиши ҷавона се нишондиҳанда истифода карда мешавад: афзоиши мутлақ (афзоиши мутлақи вазни зиндаи паранда дар давраҳои синну соли гуногун нисбат ба ибтидои давра), афзоиши нисбӣ (шиддатнокиро тавсиф медиҳад), афзоиши шабонарӯзӣ (афзоиши мутлақ дар як воҳиди муайяни вақт).

Самти тухмдиҳии парандапарварӣ хусусиятҳои хоси худро дорад ва ба тухмдиҳиву вазни тухм равона карда шудааст. Тухмгузории паранда аз зоти паранда вобастагӣ дорад ва аз он бевосита алоқаманд аст; инкишофи он, синну сол, фарбеҳӣ; вазъи саломатӣ; вазни зинда; ғаризаи инкубатсионӣ; пешравӣ; шиддат ва устувории тухмпарварӣ; давравӣ ва ритми тухмпарварӣ; хусусиятҳои генетикӣ ва селексия; хӯрока ва хӯрокхӯрӣ; ҳарорати ҳаво, рӯшноӣ, мубодилаи ҳаво дар дохили бино ва ғ.

Таснифот аз рӯйи самтҳои парвариши парандаҳои тухмдиҳанда ва гӯштдиҳандаро ҳангоми ташкили баҳисобгирии ҷузъии хароҷот бояд тибқи тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ ба роҳ монд.

Аломати дигари таснифотӣ ин усули истифодабарии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ мебошад, аз ҷумла:

- тӯдаи парандаҳои тавлидгар асосан дар корхонаҳои парандапарварии калон бо мақсади риоя кардани реҷаи технологии парвариш истифода карда мешаванд. Дар корхонаҳое, ки давраҳои истеҳсолӣ ба охир расидаанд, барои ин мақсад сехҳои махсусро ҷудо мекунанду дар корхонаҳое, ки тахассусашон дохилихоҷагианд, ин тӯдаро дар шуъбаҳои ҷудокардашуда нигаҳбонӣ мекунанд.

- тӯдаи парандаҳои саноатӣ дар корхонаҳои истеҳсолкунандаи тухм истифода карда мешавад, ки аз онҳо маҳсулоти ниҳоӣ мегиранд. Он тибқи андозаи корхона дар маҷмуъ ва ҳам дигар сеххои корхона муайян карда мешавад. Иқтидори онро аз рӯйи ҳар як сари мурғҳои тухмдиҳанда муайян мекунанд. Мурғҳоро дар катакҳо нигоҳ медоранд. Тӯдаи саноатиро аз шумори ҷавонаҳо (чӯҷаҳо) таъмин менамоянд ва ё аз хоҷагиҳои чӯҷапарварӣ харидорӣ менамоянд.

- ҷавона (чӯҷа)-ро бошад, барои таъмин намудани саршумори ҳам мурғи наслдиҳанда ва ҳам мурғҳои саноатӣ, вале ҷудо-ҷудо барои ҳар як намуд парвариш мекунанд. Таъминкунӣ ба воситаи гурӯҳҳои калони чӯҷаҳо ҳар шабонарӯз амалӣ карда мешавад ва якбора тамоми ҳуҷраи парваришкуниро пур месозанд.

Ҳамин тавр, таснифоти дороиҳои биологӣ аз рӯйи истифодабарӣ (гурӯҳҳои технологии парандаҳо) ба ташкили баҳисобгирии ҷузъӣ, махсусан барои муайян намудани объектҳои баҳисобгирии хароҷот барои тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ таъсир мерасонад.

Дар таҷрибаи ватании баҳисобгирӣ дороиҳои биологро аз рӯйи давраи иштирокашон ба ҷорӣ ва дарозмуддат ҷудо менамоянд, ки шакли ҷории он дар таркиби дороиҳои гардон ва дарозмуддат бошад, дар дороиҳои ғайригардон инъикос карда мешаванд.

Дороиҳои биологии ҷорӣ (амалиётӣ) –ин дороиҳои биологие мебошанд, ки метавонанд маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ё дороиҳои биологии иловагӣ диҳанд, бо дигар роҳ манфиати иқтисодӣ меоранд, ки аз 12 моҳ зиёд нест (давраи амалиётӣ), инчунин ҳайвоноти дар парвариш ва фарбеҳкунӣ буда мебошанд. Хусусияти хоси баҳисобгирии дороиҳои биологии ҷорӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бо ҷараёни тағйирёбии биологӣ фаро гирифта мешаванд, яъне рушд, инқироз, афзоиш ва ғайра, дар натиҷа дар онҳо ҳам тағйироти сифатӣ ва ҳам тағйироти миқдорӣ ба миён меояд. Ба дороиҳои биологии дарозмуддат бошанд намудҳои

дигари дороиҳои биологӣ дохил мешаванд, ки онҳо дороиҳои биологии ҷорӣ ҳисобида намешаванд.

Аксар вақт нисбат ба дороиҳои биологии дарозмуддат методологияи баҳисобгирии дороиҳои ғайригардон татбиқ карда мешавад: баҳисобгирии ҷузъии инвентарӣ, ҳуҷҷатикунонии амиқ, соқиткунии истеҳлок аз рӯйи он дороиҳое, ки арзиши бозориашонро муайян кардан мумкин нест. Аммо фарқияти асосӣ дар инъикоси тағйирёбии арзиши он ҳангоми баҳодиҳӣ аз рӯйи арзиши одилона мебошад, ки он камшави ё афзоиши сармояи иловагӣ эътироф нагардида, ҳамчун хароҷот ва ё даромад инъикос карда мешавад; баҳисобгирии дороиҳои биологии ҷорӣ бо методологияи баҳисобгирии амалкунандаи ҳайвоноти дар парвариш ва фарбеҳкунибуда монанд мебошад.

Дар ҷараёни парвариши паранда аҳаммияти муҳим доштани тӯдаи наслдиҳандаро бояд қайд намоем, ки сехҳоро бо инкубатсияи шумораи зарурии тухмҳои баландсифат таъмин менамоянд. Ба ҳисоби миёна истифодабарии тӯдаи наслдиҳанда 70 ҳафтаро дарбар мегирад ва он аз наслу зоти паранда вобаста мебошад. Баъд аз он парандаро ба гӯшт медиҳанд. Ҳамин тавр, истифодабарии мурғи бавоярасида метавонад аз як сол зиёд шавад ва баъзан ҳолатҳое мешаванд, ки самарнокии истифодабарии мурғон дар солҳои дуюм ва солҳои оянда нисбат ба соли якум афзоиш кунад. Бинобар ин, мувофиқи муқаррароти СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» дохил намудани парандаҳои бавоярасида ба ҳайати дороиҳои биологии дарозмуддат ба мақсад мувофиқ аст. Корхонаҳои парандапараварӣ барои харидории насли ҷавонаи чӯҷаҳо ҳам барои тӯдаи наслдиҳандаи парандаҳои гуногун ва ҳам барои мурғони саноатӣ хароҷоти зиёд мекунанд. Чӣ хеле ки дар боло қайд намудем, одатан мурғони наслдиҳандаро аз як сол зиёд истифода мекунанд. Мурғони саноатӣ бошанд, барои истеҳсоли тухми истеъмолӣ ва дар муддати 14-16

моҳ истифода мешаванд, баъд аз тамом шудани муҳлати истифодабарии мурғони наслдиҳанда онҳоро ё ба гӯшт медиҳанд ва ё мефурӯшанд.

Мувофиқ ба хусусиятҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ як қисми мурғони тухми истеъмолидиҳанда, саноатӣ ва наслдиҳандаро ба гӯшт медиҳанд. Дар таносуб аз дигар соҳаҳои чорводорӣ дар парандапарварӣ ба нархи аслии маҳсулот (тухм) фарқияти байни арзиши аслии мурғи бавоярасидаи фурӯхташуда ва ё ба гӯшт додашуда ва фоида аз фурӯши онро ҳамроҳ мекунанд. Ҳамин тавр, хароҷоти ибтидоии парвариши мурғони тухмдиҳанда ҷуброн карда намешаванду фарқи байни арзиши тавозунии парандагони нуқсондор ва фоидаи воқеӣ бошад, ҳангоми ба ҳисоб гирифтани арзиши аслии онҳо ба инобат гирифта мешавад, ки дар натиҷа ба таҳрифоти натиҷаҳои молиявии хоҷагидорӣ оварда мерасонад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тибқи талаботи СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» мурғони бавоярасидаи наслдиҳанда ва саноатиро бояд ба дороиҳои гардони дороиҳои биологии ҳайвонотпарварӣ дохил намудан пеш меояд. Вобаста ба ин, масъалаи истеҳлок намудани онҳо низ дар ҳолати эътироф намудани онҳо ҳамчун дороиҳои дарозмуддат ба миён меояд. Аммо тибқи зербанди дуюми моддаи 118 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон новобаста аз он ки парандагони бавоярасидаро СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» ҳамчун дороиҳои дарозмуддати биологӣ эътироф намудааст, қайд карда шудааст, ки чорво ба дороиҳое, ки бояд истеҳлок шаванд, дохил намешавад.

Чӣ хеле ки И.И. Кружкова қайд мекунад, «бо мақсади баҳисобгирӣ дороиҳои биологӣ ба гурӯҳҳои зерин тасниф карда мешаванд: дороиҳои ғайригардон ва дороиҳои биологии ҷорӣ»[1], дар Ҷумҳурии Молдова ҳам

---

[1] Кружкова И.И. биологические активы - объект российского учета // Международный бухгалтерский учет, 34 (184) – 2011 - С. 10-15, - С. 12, Кружкова И.И., Проняева Л.И., Солодовник А.И. Биологические активы: экономическая интерпретация, оценка, проблемы отражения в отчетности//Международный бухгалтерский учет. – 2013. - №8 - С. 2-8

чунин гурӯҳбандӣ дида мешавад[1], яъне онҳоро ба дороиҳои биологии дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат ҷудо мекунанд.

Вале дар дастури методӣ оид ба истифодабарии СБҲМ 41[2] ва нақшаи ҳисобҳои муҳосибӣ[3] чунин гурӯҳбандӣ дида намешавад. Қайд мекунем, ки дар Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва Нишондоди методӣ оид ба татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ–хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ[4] баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар гурӯҳи дороиҳои ғайригардон ҳисоби 11400 «Дороиҳои биологӣ» пешбинӣ шудааст, яъне ҳамчун дороиҳои дарозмуддат. Қайд карда шудааст, ки «гурӯҳи ҳисобҳои 11400 «Дороиҳои биологӣ» - барои ҷамъбасти иттилоот оид ба мавҷудият ва ҳаракати дороиҳои мансуб ба субъект дар асоси ҳуқуқи моликият ё бо шартҳои иҷораи молиявӣ ба иҷора гирифташуда, ки бо фаъолияти хоҷагии қишлоқ – дороиҳои биологӣ (ҳайвонот ё растанӣ) алоқаманд»[5] пешбинӣ шудаанд. Вале дар баъзе таҳқиқоти олимони тоҷик гурӯҳбандии «Дороиҳои биологӣ ба

---

[1] Финансовый учет долгосрочных активов: новые счета и объекты //Економічний дискурс. Міжнародний збірник наукових праць. Випуск 4. 2015 – С. 52-61

[2] Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности. В 2- том. Том 1. с МСФО (IAS) 29 по 41, МСФО (IFRS) с 1 по 7 -Душанбе: Типография Министерства финансов Республики Таджикистан, 2009.-232 с.; Том. 2. – С. 168-174

[3] Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41). [Манбаи электронӣ]. http://minfin.tj

[4] Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41). [Манбаи электронӣ]. http://minfin.tj

[5] Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41). [Манбаи электронӣ]. http://minfin.tj

дороиҳои ҷорӣ ва дарозмуддати биологӣ ...»[1] дида мешавад. Инчунин тартиби пешбурди баҳисобгирии дороиҳои биологӣ бе ҷудокунии онҳо ба дороиҳои биологии ҷорӣ (кӯтоҳмуддат) ва дороиҳои биологии дарозмуддат нишон дода шудааст[2], ки масъалаи мазкурро ҳал намекунад, балки инъикоси онҳоро дар баҳисобгирӣ ва сабткунакҳо аз нуқтаи назари методӣ душвор ва нофаҳмо мегардонад. Бинобар ин, муаллифон дуруст қайд мекунанд, ки «баҳисобгирии дақиқи дороиҳои биологӣ бе мукаммалгардонии нақшаи ҳисобҳо номумкин аст»[3]. Вобаста ба ин, масъалаи методологии гурӯҳбандии дороиҳои биологӣ, баҳодиҳии арзиши одилонаи дороиҳои биологӣ, инъикоси онҳо дар ҳисобҳо ва ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, ҳисобкунии истеҳлок ва ғ. ба миён меояд, ки дар ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгирӣ номуайян боқӣ мондаанд. Масъалаҳои номбурда дар бобҳои минбаъдаи диссертатсия баррасӣ хоҳанд шуд.

Тибқи санадҳои меъёрии танзимкунандаи баҳисобгии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқаррароти СБҲМ (IAS) 41 «Хоҷагии қишлоқ» дороиҳои биологии ҷорӣ дар ҳисобгирӣ истеҳлок карда намешаванд, пас мувофиқан парандаҳои бавоярасида низ истеҳлок намешаванд. Таҷрибаи баҳисобгирии кишварҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки «саршумори ҳамаи намудҳои парандагони бавоярасида (мурғ, ғозҳо, мурғобӣ, мурғи марҷон, мурғи фиръавн (цесарок))»[4] ба

---

[1] Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ /Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: нашрияи ДМТ - 2021. - № 5- С. 14-19, С. 14

[2] Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ /Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: нашрияи ДМТ 2021. № 5- С. 17

[3] Клычова, Г.С. Методические подходы к учету биологических активов растениеводства / Клычова Г.С., Закирова А.Р., Клычова А.С., Ситдикова Л.Ф. //Международный бухгалтерский учет. - 2015. - № 23 (365). - С. 14-26, С. 15

[4] Тодорова Л.В. Классификация биологических активов и перспективы внедрения в МСБУ 41 «Сельское хозяйство» http://magazine.faaf.org.ua/klassifikaciya-biologicheskih-aktivov-i-perspektivy-vnedreniya-v-msbu-41-selskoe-hozyaystvo-1365.html

гурӯҳи дороиҳои биологии дарозмуддати парандапарварӣ дохил мешаванд.

Ҳамин тавр, таҳлилҳои гузаронидашуда нишон доданд, ки аксари корхонаҳои парандапарварӣ мурғонро ҳамчун дороиҳои биологии дарозмуддат эътироф намекунанд ва истеҳлок ҳисоб намекунанд. Бинобар ин, онҳо метавонанд бо мақсади аз зарар эмин мондан ҳангоми ба фурӯш баровардани мурғони наслдиҳанда ва саноатӣ дар сиёсати баҳисобгирии худ «истеҳлоки сунъӣ»-и мурғи бавоярасидаро ба назар гирифта, ҳар моҳ як қисми нархи онҳоро ба арзиши аслии тухмҳои инкубатсионӣ ва тухмҳои истеъмолӣ илова карда, аз эътибор соқит кунанд.

Чунин равиш имкон медиҳад, ки моҳияти чунин дороиҳо ба инобат гирифта шуда, мӯҳлати истифодаи самараноки онҳо муайян карда шавад ва вобаста аз истеҳлоки мурғи бавоярасида хароҷоти истеҳсолии тухмҳои инкубатсионӣ ва тухмҳои истеъмолӣ дуруст ҳисоб карда шавад, инчунин арзиши аслии онҳо дақиқ муайян карда шавад.

Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки объектҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи парандапарварӣ ин намудҳо ва гурӯҳҳои он мебошанд. Мо пешниҳод мекунем, ки дар баҳисобгирии бухгалтерӣ чунин объектҳои баҳисобгирии мурғони бавоярасида ҳамчун дороиҳои биологии дарозмуддат истифода карда шаванд:

1. Мурғҳо

1.1. Мурғҳои тухмдиҳанда:

- тӯдаи мурғони наслдиҳанда;

- тӯдаи мурғони саноатӣ.

1.2. Мурғони гӯштӣ:

- мурғони наслдиҳанда.

2. Мурғобиҳо – тӯдаи мурғобиҳои бавоярасида.

3. Ғозҳо – тӯдаи ғозҳои бавоярасида.

4. Мурғи марҷон – тӯдаи мурғҳои марҷони бавоярасида.

5 Бедона - тӯдаи бедонаҳои бавоярасида.

6. Сасаркаҳо – тӯдаи сасаркаҳои бавоярасида.

7. Шутурмурғон – тӯдаи шутурмурғони бавоярасида.

Бояд қайд намоем, ки дар коргоҳҳои махсуси насл ва намуди парандаҳои гуногунро парваришкунанда низ ҳамчунин баҳисобгирии мурғони бавоярасида бояд аз рӯйи зот ва намудашон ба роҳ монда шавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки қариб дар тамоми корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баҳодиҳии паранда арзиши ибтидоии онро истифода мекунанд. Чунин баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки истеҳлоки мурғи бавоярасида ҳамчун дороии биологии дарозмуддат татбиқ карда шавад.

Истифода намудани арзиши одилона барои баҳодиҳии мурғи бавоярасида бо мунтазам муайян кардани арзиши одилонаи паранда ва азнавбаҳодиҳии он мураккаб мебошад. Баҳодиҳии мурғи бавоярасида ҳамчун дороии биологӣ аз рӯйи арзиши одилона имкон намедиҳад, ки истеҳлоки он ҳисоб карда шавад. Ин дар навбати худ, ба дақиқ муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти аз мурғи бавоярасида (тухмҳои инкубатсионӣ ва истеъмолӣ) гирифта шуда, таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Таснифот аз рӯйи давраҳои иштирок дар гардиши хоҷагӣ ба ташкили баҳисобгирии ҷузъӣ ва куллӣ, аз он ҷумла, ба объектҳои баҳисобгирии бухгалтерӣ, нақшаи кории ҳисобҳо, соқит кардани арзиши онҳо ба маҳсулоти нав таъсир мерасонад.

Таснифоти пешниҳодгардидаи дороиҳои биологии парандапарварӣ бо тамоми нишондиҳандаҳояш имкон медиҳад, ки корхонаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти парандапарварӣ ташкил ва методикаи баҳисобгирии ҷузъӣ ва куллии ин дороиҳо ва хароҷоти тағйирёбиҳои биологии онҳоро беҳтар гардонанд.

Аломати муҳимми дороиҳои биологӣ шакливазкунии биологӣ ба ҳисоб меравад, ки ба натиҷаҳои зерин оварда мерасонад:

- дар баробари рушд намудани дороии биологӣ афзудани миқдор ва ё беҳтар шудани хусусиятҳои сифатии онҳо;

- дар ҷараёни истеҳсолот маҳсулоте тавлид мешавад, ки барои истеъмол ва ё коркард истифода мешавад;

- дар раванди «инқироз (таназзул, дегенератсия) шудан» сифаташон паст мешавад ва ё ҳаҷми физикиашон кам мегардад.

Дар баҳисобгирии бухгалтерии соҳаи парандапарварӣ - паранда дороии биологӣ буда, тағйирёбии биологии он бошад, бавоярасӣ ва афзоиш ёфтани он мебошад. Ин бо он маънидод карда мешавад, ки аломати асосии тағйирёбии дороии биологӣ - ин аз лиҳози биологӣ дигаргун шудани он мебошад, ки равандҳои афзоиш, истеҳсолот ва такрористеҳсолро дар бар мегирад ва дороиҳои биологиро ба тағйирёбиҳои микдорию сифатӣ оварда мерасонад.

Вобаста аз хусусиятҳои технологии соҳаи парандапарварӣ бояд қайд намуд, ки тағйирёбии биологӣ ин ҷараёни парвариши парандаҳо аз рӯйи самтҳои тухмдиҳанда ва гӯштӣ мебошад. Ҷараёни тағйирёбӣ объекти баҳисобгирии хароҷот ба шумор рафта, аз рӯйи онҳо баҳисобгирии ҷузъӣ бурда мешавад.

Дар давраи тағйирёбии биологӣ тӯдаи парандаҳои бавоярасидаи зерин (наслдиҳанда ва саноатӣ) нигоҳдорӣ карда мешаванд:

- тӯдаи наслдиҳандаи мурғон (тухмдиҳанда ва хурӯсҳои бавоярасида), ки аз онҳо тухмҳои инкубатсионии мурғони гӯштдиҳанда гирифта мешаванд;

- тӯдаи наслдиҳандаи мурғон (тухмдиҳанда ва хурӯсҳои бавоярасида), ки аз онҳо тухмҳои инкубатсионии мурғони тухмдиҳанда гирифта мешаванд;

- тӯдаи мурғони саноатӣ (мурғони тухмдеҳ), ки аз онҳо тухмҳои истеъмолӣ мегиранд.

Дар давраи тағйирёбии биологии тухмҳои инкубатсионӣ аз инкубаторҳо шабонарӯзӣ чӯҷаҳои ҷавони паранда мегиранд. Дар ин давра чӯҷаҳои ҷавонро аз рӯйи самтҳои зерин муайян мекунанд:

- барои гӯшт -чӯҷаҳои ҷавонаи бройлерҳо ва ивазкунанда парвариш мекунанд;

- барои самти тухмгирӣ -чӯҷаҳои ҷавонаи парандаҳои тӯдаи саноатиро парвариш месозанд, ки аз онҳо дар оянда тухм хоҳанд гирифт.

Дар ҳамин давраи тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ ҳаҷми зиндаи шабонарӯзии паранда (афзоиши он) зиёд мешавад.

Тамоми давраҳои овардашуда бо ҳамдигар алоқаманд ва пайдарпай мебошанд, зеро раванди шакливазкунӣ зуҳуроти пайваста буда, дороиҳои биологии парандапарварӣ - организмҳои зинда мебошанд. Дар раванди тағйирёбии биологӣ ба ҳайси тағйирёбиҳои сифатӣ - гирифтани миқдори максималии маҳсулот (тухм, гӯшт) аз миқдори муайяни ҳар сари паранда дар назар дошта мешавад (расми 1.1.2). Таснифоти пешниҳодгардидаи тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ ҳамаи хусусиятҳои соҳа ва ҷараёнҳои технологиро ба назар гирифта, имконият медиҳад, ки баҳисобгирии муҳосибӣ дар тамоми давраҳои технологии истеҳсолот самаранок ташкил карда шуда, тамоми амалиётҳои фаъолияти хоҷагидории корхона пурра инъикос карда шаванд.

Аз рӯйи моҳияти иқтисодӣ ҷараёни тағйирёбии биологӣ ин истеҳсолот буда, ба натиҷаи он миқдори гуногуни омилҳои биологӣ таъсир мерасонанд. Вобаста аз хусусиятҳои технологии соҳаи парандапарварӣ омӯзиш ва асоснок намудани моҳияти иқтисодии мафҳумҳои «тағйирёбии биологӣ» ва «истеҳсолот», ҳамзамон муайян намудани сохтори таркибии онҳо (хароҷоти тағйирёбии биологӣ ва хароҷоти истеҳсолӣ) масъалаи баста мебошад. Ба ҷараёни тағйирёбии биологӣ омилҳои гуногуни биологӣ таъсир мерасонанд.




**Расми 1.1.2. - Даврaҳои тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ**
**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Дар СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» тағйирёбии биологӣ ҳамчун «равандҳои сабзишу нашъунамо, инқироз, маҳсулдиҳӣ ва зиёдшавиро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи онҳо дар дороии биологӣ тағйироти сифатӣ ё миқдорӣ ба амал меоянд»[1], дарҷ гардидааст. Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки дар адабиёти илмии ватанӣ муҳтавои категорияҳои «тағйирёбии биологӣ» ва «истеҳсолот», инчунин «хароҷоти тағйирёбии биологӣ» ва «хароҷоти истеҳсолӣ» масъалаи алоқамандии онҳо пурра кушода нашудаанд ва ягон хел андешаҳо вуҷуд надоранд[2].

Дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ «хароҷот бо тағйирёбии биологӣ алоқаманд буда, хароҷоти фаъолияти асосӣ դониста мешаванд». Истилоҳи хароҷоти тағйирёбии биологӣ дар СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» аз рӯйи муҳтавояш бо хароҷоти истеҳсолӣ монанд мебошад, яъне тағйирёбии биологӣ ба ҷараёни истеҳсолот баробар карда шудааст.

Ҳамин тавр, аз сабаби он ки тағйирёбии биологӣ – ин ташкилдиҳандаи дилхоҳ фаъолияти хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла соҳаи парандапарварӣ мебошанд, мо ба он нуқтаи назарем, ки мафҳуми «хароҷоти тағйирёбии биологӣ» ва мафҳуми «хароҷоти истеҳсолӣ» ҳаммаъно мебошанд.

---

[1] Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IAS) 41 «Хоҷагии қишлоқ»

[2] Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ /Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: нашрияи ДМТ - 2021. - № 9 - С. 14-19; Нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ ва нишондоди методӣ оиди татбиқи нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибии фаъолияти молиявӣхоҷагии субъектҳои хоҷагидорӣ (Фармоиши Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2011, №41). [Манбаи электронӣ]. http://minfin.tj; Баҳисобгирии бухгалтерӣ дар соҳаи кишоварзӣ / З.Р. Шарифов, М.С. Саидов, Н.Ш. Кабиров, З.М. Маҳмадназаров. - Душанбе: ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур, 2013. Қ.1. нашри 1. - 350 с.

## 1.2. Таъсири хусусиятҳои технологӣ-соҳавии парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирӣ

Парандапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии қишлоқ буда, аҳолиро бо маҳсулотҳои парҳезӣ ва серғизо таъмин менамояд. Ин соҳаи комплексӣ, ки парвариши намудҳои гуногуни парандаро ба роҳ монда, ба истеҳсоли маҳсулоти гуногун сарукор дорад: тухм, гӯшт, гӯшту тухм, пар ва парвариши насли паранда дар мавсимҳои гуногун.

Парандапарварӣ ҳамчун зерсоҳаи чорводорӣ дар иқтисодиёти аграрӣ дар миёнаи солҳои 60-уми асри сипаришуда ба вуҷуд омадааст ва бо иқтидори баланди қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ бо маҳсулотҳои ғизоӣ, муттаҳидсозии захираҳо, тез бавоярасии паранда, харҷи миқдори ками хӯрока ба 1 воҳид маҳсулоти истеҳсолшаванда (хароҷоти хӯрока ба 1 килограмм афзоиши гӯшти паранда 1,65-1,75 кг, ба ҳар 1 килограмм массаи тухм - 1,90-2,05 кг), подоши фаврии сармоягузорӣ, истифодаи технологияи механиконида ва автоматикунондашуда тавсиф дода мешавад. Ҳамаи ин имкониятҳои саноатикунонии парандапарварӣ, афзалиятҳои рушди соҳа ва мавҷудияти барномаҳои давлатӣ оид ба дастгирии онро муайян мекунад.

Бинобар ин, рушди соҳаи парандапарварӣ бо истифодаи пурраи захираҳои корӣ, даромаднокӣ алоқаманд буда, дар давоми сол аҳолиро бо маҳсулоти парҳезӣ таъмин мекунад. Хусусияти хоси соҳа дар он таҷассум меёбад, ки истеҳсоли маҳсулот бо парвариш ва нигоҳубини парандагон асос ёфта, хусусияти биологӣ доранд: рушди тез ва суръати баланди афзоиш, ҳосилдиҳии баланд ва чӯҷабарорӣ, маҳсулнокии босамар, зудрас, нигоҳдориаш осон ва амсоли инҳо.

Пеш аз он ки ба таҳқиқоти хусусиятҳои хоси технологӣ-ташкилии тағйирёбиҳои биологӣ дар соҳаи парандапарварӣ ва таъсири онҳо ба пешбурди баҳисобгирӣ гузарем, зарур аст, ки ҳолати кунунии рушди онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида бароем.

Айни замон соҳаи парандапарварӣ дар таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти парҳезӣ ва устувор намудани бехатарии озуқавории давлат мақоми хосса дорад. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли саноатии гӯшти мурғ мунтазам афзоиш ёфта истодааст. Дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 истеҳсоли гӯшти паранда 13,8 фоид зиёд гардида, 55,3 ҳазор тоннаро ташкил дод. Истеҳсоли тухм бошад, ба 1223,7 млн. дона расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11,5 млн. дона зиёд мебошад[1].

Мувофиқи маълумоти оморӣ саршумори мурғони тухмдиҳанда дар ҷумҳурӣ дар соли 2022 ба 11286,3 ҳазор сар расида, истеҳсоли тухм бошад ба 1212,2 млн. дона расидааст. Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ дар соли 2022 дар муқоиса бо соли 1991 истеҳсоли тухм ба 2,7 баробар афзоиш ёфта, дар корхонаҳои кишоварзӣ бошад, 2,5 ва хоҷагиҳои аҳолӣ 3,5 баробарро ташкил медиҳад. Аммо ин нишондиҳандаҳо қонеъкунанда нестанд зеро талаботи истеъмолии физиологии як одам тибқи меъёрҳои муайянкардаи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ дар як сол 180 дона тухмро дар бар мегирад, дар соли 2022 дар ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна ба як сари аҳолӣ 121,2 дона тухм истеҳсол карда шудааст, ки кофӣ нест. Бинобар ин, соҳаи мазкур ҳам заминаи хуби рушдро дорост ва ба маблағгузории давлатӣ ниёз дорад.

Сабабҳои чунин афзудани истеҳсоли миқдори тухмҳо бо зиёдшавии корхонаҳои мурғпарварӣ ва афзоиш ёфтани шумораи мурғони тухмдиҳанда алоқаманд мебошад. Масалан, тибқи маълумоти Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 228 адад корхонаҳои парандапарварӣ фаъолият менамуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли 2022 - 10 адад зиёд шудааст. Танҳо дар ҳамин давра дар вилояти Суғд - 6 адад ва дар вилояти Хатлон - 4 адад корхонаҳои нави парандапарварӣ ба фаъолият оғоз кард. Истеъмолкунандагони маҳсулоти соҳаи

[1] https://www.moa.tj/tj/aviculture

парандапарварии ҷумҳурӣ бо маҳсулоти баландсифати соҳа таъмин гашта истодаанд.

Дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он афзоиши нишондоди ҳам саршумори паранда ва ҳам истеҳсоли тухм ба назар мерасад. Масалан, аз соли 2010 инҷониб дар қаламрави ҷумҳурӣ тибқи иттилооти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми нишондиҳандаҳои соҳаи парандапарварӣ болоравии нишондоди он ба қайд гирифта шудааст (ҷадвали 1.2.1).

**Ҷадвали 1.2.1. - Динамикаи саршумори паранда аз рӯйи категорияҳои хоҷагидорӣ, (ҳазор сар)**

| Солҳо | | Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидорӣ, аз он ҷумла | корхонаҳои хоҷагии қишлоқ | хоҷагиҳои аҳолӣ | хоҷагиҳои деҳқонӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1991 | | 6586,4 | 5864,8 | 721,6 | - |
| 2010 | | 4402,7 | 1431,2 | 2774,2 | 197,2 |
| 2015 | | 5143 | 1626,2 | 3209,9 | 306,9 |
| 2017 | | 5217 | 1484,2 | 3402,5 | 330,3 |
| 2018 | | 6636,5 | 2908,1 | 3376,8 | 351,6 |
| 2019 | | 9036,5 | 5320,5 | 3316,2 | 399,8 |
| 2020 | | 9782,7 | 6214,2 | 3333,4 | 235,1 |
| 2021 | | 11117,7 | 7392,9 | 3474,5 | 250,3 |
| 2022 | | 11286,3 | 7483,4 | 3549 | 253,9 |
| 2022 нисбат ба (%) | 1991 | 171,3 | 127,5 | 491,8 | 0 |
| | 2010 | 256,3 | 522,8 | 127,9 | 128,7 |

**Сарчашма:** Нишондиҳандаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020 / Бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 - 61 с., С. 55; Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991, 2017 -2022 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023 - 350 с., С. 49.

Чи хеле ки аз маълумотҳои ҷадвали 1.2.1. дида мешавад, саршумори паранда дар соли 2022 нисбат ба соли 1991 дар ҳамаи категориҳои хоҷагиҳо 11286,3 ҳазор сар ё 71,3 фоиз афзун гашта, нисбат ба соли 2010 бошад, 2,5 маротиба афзоиш ёфта аст. Ҳамзамон дар ин раванд саҳми корхонаҳои хоҷагии қишлоқ дар соли 2020 127,5 фисад афзоиш ёфта, нисбат ба соли 2010 бошад, афзоиши ин нишондиҳанда 5,2 маротибаро ташкил медиҳад. Баръакси ин ҳолат афзоиши саршумори

паранда дар хоҷагиҳои аҳолӣ нисбат ба соли 1991 ба миқдори 4,9 маротиба буда, соли 2010 бошад, 27,9 %-ро ташкил медиҳад. Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, дар соли 2022 нисбат ба соли 2010 - 28,7 фоиз зиёд гардидааст. Ҳамин тавр, дигаргуниҳои назаррас нисбат ба сохтори саршумори паранда дар категорияҳои асосии хоҷагиҳо ба назар мерасанд.

Парандапарварии самти гӯшт, алалхусус парвариши чӯҷаҳои самти мурғони гӯштӣ сарчашмаи муҳимми афзоиш ёфтани гӯшти истеъмолӣ ва васеъ шудани номгӯи он дар ҷумҳурӣ мегардад. Дар шароити саноатӣ нигоҳубини паранда аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок мебошад. Рушди саноати гӯшти мурғ, ҳам бо сифати баланди маҳсулоти ғизои парҳезӣ ва ҳам бо бартариятҳои иқтисодии истеҳсолӣ аз дигар соҳаҳо беҳбудӣ дорад. Зеро истеҳсоли гӯшти мурғ бо хусусиятҳои зудбавоярасӣ, истифодаи самараноки хӯрока, харҷи ками хӯрока ба 1 воҳиди маҳсулот, гардиши босуръати воситаҳои гардон, даромаднокии баланди истеҳсолӣ тавсиф дода мешавад.

Технологияи истеҳсоли маҳсулоти паранда ҷараёнҳои истеҳсолӣ, зерҷараёнҳо, амалиётҳои технологӣ (масалан, истеҳсоли тухми инкубатсионӣ, парвариши чӯҷаҳои ивазкунанда, нигоҳдории мурғони тухмдиҳанда, ба навъҳо ҷудо кардан ва бандубасти тухм), звеноҳои технологӣ (парвариши чӯҷаҳои ивазкунанда, нигоҳубини тӯдаи чӯҷадиҳанда, парвариши чӯҷаҳои бройлерӣ), реҷаи технологӣ (санаи воридшавии паранда, синну сол, миқдори интиқол, давомнокии нигоҳдорӣ ва ғайра), хатҳои технологиро дар бар мегирад. Ҷараёни технологӣ дар парандапарварӣ дар шакли умумӣ дар расми 1.2.1. оварда шудааст.

Равандҳои ҳамгироӣ дар соҳаи парандапарварӣ бо ҷустуҷӯи ҷараёнҳои оптималии идоракунии марказонида ё ғайримарказонида алоқамандӣ доранд, ки бевосита ба сохтори ташкилии корхонаҳои парандапарварӣ ва муҳосибот таъсир мерасонад, аз ҷумла,

(марказонидашуда, сегментӣ), нигоҳдории ҳуҷҷатҳои дохиликорхонавӣ, ҳисобот ва тартиби ҷамъоварии иттилоот. Хусусиятҳои номбаркардашуда «... барои ташкили фаъолияти истеҳсолии ин гуна корхонаҳо таъсирбахш буда, ҳангоми ташкили баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти паранда муҳим ҳисобида мешавад. Пеш аз ҳама, онҳо ба раванди барасмиятдарории ҳуҷҷатии хароҷоти истеҳсолӣ ва феҳристҳо (сабткунакҳо)-и ҷузъии баҳисобгирии хароҷот барои истеҳсол ва нигоҳубини паранда равонашуда таъсир расонида, низоми мураккаби ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили иттилоотро ташкил медиҳад»[1].




**Расми 1.2.1. - Ҷараёни технологӣ дар парандапарварӣ**
**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Дар аксари корхонаҳои парандапарварӣ сохтори идоракунии соҳавӣ (сехӣ) истифода карда мешавад. Сех воҳиди асосии сохтори корхонаи парандапарварӣ буда, маъмурияти мустақил доранд, яъне

[1] Абдураҳимов А.А., Ҷонмаҳмадов Қ.Ш. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти парандапарварӣ // Кишоварз, - № 2. - 2020 - С. 163

маркази масъулияти мустақил аст. Ҳар як сех як ё ду бригада дорад. Корхонаҳои парандапарварӣ корхонаҳои истеҳсолоти саноатии сикли сарбаста мебошанд. Онҳо хусусияти мавсимӣ надошта, аз шароитҳои иқлимӣ вобаста нестанд. Дар парандапарварӣ мунтазам дар давоми сол маҳсулот истеҳсол карда мешавад, бинобар ин, зарурати ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда ҳар моҳ ё пас аз ба охиррасии ҷараёни технологӣ ба миён меояд.

Вобаста аз ин, мумкин аст, тасдиқ намоем, ки бо истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ корхонаҳои парандапарварии шакли гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ дошта машғул мебошанд, аз ҷумла, корхонаҳои калони аграрӣ, корхонаҳои хоҷагии қишлоқи хусусӣ, давлатӣ, хоҷагии деҳқонӣ. Ҳар яки ин корхонаҳо хусусияти ташкилии худро доро мебошанд, ки дар навбати худ ба ташкили пешбурдани баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсир мерасонанд.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои ташкилӣ, технологияи истеҳсолии соҳаи парандапарварӣ ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсири муассир мерасонад.

Хусусиятҳои технологӣ ва ташкилии соҳаи парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсир мерасонанд, дар ҷадвали 1.2.2 оварда шудааст.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои парандапарварӣ вобаста аз самти фаъолияташон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд – тиҷоратӣ ва зотпарварӣ.

Самти тиҷоратии парандапарварӣ аз рӯйи чунин намуди истеҳсолот фаъолият мекунад: тухмдиҳанда, тухму гӯштӣ ва гӯштӣ. Самти зотпарварӣ бошад, бо роҳи парвариши зотҳои нави парандагон барои эҳтиёҷоти мушаххас (барои гӯшт, тухм, мутобиққунӣ ба шароити нигоҳдорӣ, афзоиши босуръат ва ғайра) пешбинӣ шудааст.

**Ҷадвали 1.2.2. - Хусусиятҳои технологӣ ва ташкилии соҳаи парандапарварӣ, ки ба ташкили баҳисобгирии бухгалтерӣ таъсир мерасонанд**

| № | Хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ | Таъсири хусусиятҳои соҳа ба пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ |
|---|---|---|
| 1 | Хусусияти фардии истеҳсолот | Интихоби усули ҷараёнӣ ё марҳилавии баҳисобгирии хароҷот, инчунин усули одӣ |
| 2 | Парандапарварӣ бевосита бо организми зинда алоқаманд аст | Ғайриимкон будани пешгӯинамоии миқдори дақиқи истеҳсоли маҳсулот ва таҳдиди эпидемияи паранда хавфи муайянро дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ ба вуҷуд меорад |
| 3 | Объекти баҳисобгирӣ | чӯҷаҳои ивазкунанда<br>мурғони тухмдиҳанда<br>чӯҷаҳои бройлерӣ<br>тӯдаи чӯҷадиҳанда<br>инкубатсия |
| 4 | Хароҷот барои истеҳсол ва барориши маҳсулот дар давоми сол баробар тақсим карда мешавад | Имконияти дар таркиби истеҳсолоти нотамом баҳисобгирии инкубатсияи тухм дар интиҳои соли ҳисоботӣ |
| 5 | Давраи муайяни парвариши парандаи ҳар як тӯдаи технологӣ | Имконияти ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот пас аз баохиррасии ҷараёни технологӣ, яъне аз рӯйи ҳар як тӯда ё ҳармоҳа |
| 6 | Гирифтани маҳсулоти асосӣ ва ғайриасосӣ | Зарурати муайян намудани объекти калкулятсия ва тақсимкунии хароҷот байни ин намудҳои маҳсулот |
| 7 | Мухлати маҳдуди нигоҳдории маҳсулоти тайёр | Пешбурди фаврии сабткунакҳои баҳисобгирии истеҳсоли маҳсулоти тайёр, баҳисобгирии анборӣ ва боркунии маҳсулот ба истеъмолкунандагон |
| 8 | Ҷараёни шакливазкунии биологии дороиҳои биологӣ | Баҳисобгирииии хароҷот вобаста ба объект;<br>Тартиби ғайримарказонии идоракунӣ, тақсимкунии хароҷот ва натиҷаҳо аз рӯйи марказҳои масъулият;<br>Интихоби чунин объектҳои баҳисобгирии хароҷот, ба монанди аз рӯйи ҳар гурӯҳи дороиҳои биологӣ бо тафриқаи дороиҳои биологии истеъмолшаванда ва бордиҳанда (маҳсулдиҳанда), баҳисобгирии сехӣ |
| 9 | Зарурати пешбурди баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи ҷараёнҳои технологӣ | Катъиян риоя намудани талаботи байторӣ (намнокӣ, ҳарорат, равшанӣ, ғизодиҳӣ ва ғайра) дар ҷараёни парвариши ҳар як гурӯҳи технологӣ |
| 10 | Вобастагӣ аз иқлим ва боду ҳаво | Вобастагӣ надошта, мунтазам дар давоми сол маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Дар фасли зимистон меъёр ва таркиби хӯрока тағйир мебад, ки баҳисобгирии дақиқӣ онро талаб мекунад. |
| 11. | Ҷараёни истеҳсолот | Ҳайвоноти зинда – ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ, аз он ҷумла паранда |
| 12. | Пайдарҳамии ҷараёни технологӣ | Ҷараёни тухмгузорӣ (инкубатсия), чӯҷаҳои ивазкунанда, мурғони чӯҷадиҳанда, ҷавонаҳо, мурғони саноатӣ, маҳсулот (тухм, гӯшт), маҳсулоти иловагӣ (пору, пар) |

**Давломи ҷадвали 1.2.2.**

| | | |
|---|---|---|
| 13. | Вобаста ба хусусиятҳои технологӣ: истеҳсолоти сиклаш сарбаста, истеҳсолоти сиклаш нопурра, истеҳсолоти махсусгардонидашуда | Вобаста ба ин интихоби объекти баҳисобгирӣ, номгӯи ҳисобҳо, баҳисобгирии хароҷот, арзишмуайянкунӣ, буҷетикунонӣ, нархгузорӣ ва ҳисобот пеш меояд |
| 14. | Шаклҳои гуногуни нигоҳубини парандагон | Қафасӣ, рӯйифаршӣ, саҳроӣ, валерӣ ва ҳамҷоя |
| 15. | Самти истеҳсолот | Саноатӣ (тиҷоратӣ) ва зотпарварӣ |
| 16. | Самти гуногуни истеҳсоли маҳсулот | Тухм, гӯшт, чӯҷа, барои ҳар кадоме кушодани ҳисоби баҳисобгирии хароҷотро вобаста аз давраи истеҳсол ва нигоҳубин, ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро тақозо менамояд |
| 17. | Муҳлати истифодабарии маҳсулоти парандапарварӣ | Баҳисобгирии фаврии баровардани онҳо, баҳисобгирӣ дар анборҳо ва кашонидани онҳо ба истеъмолгаронро талаб мекунад |
| 18. | Мавҷудияти ҳуҷҷатҳои меъёрии танзимкунандаи соҳа | Вобаста ба баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ ҳуҷҷатҳои соҳавӣ мавҷуд нест. Корхона мустақилона объект, усул ва сохтори ҳисоботро коркард мекунад |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Яке аз тавсифҳои муҳимми дигари муайян сохтани намуди корхонаи парандапарварӣ дар он инъикос мегардад, ки бо кадом тарз ва усулҳо парандагон нигоҳ дошта мешаванд. Дар корхонаҳои парандапарварӣ ва фермаҳо вобаста аз шароитҳои иқтисодӣ ва табиӣ, шаклҳои гуногуни нигоҳубини ҳар як намуди парандагон ба роҳ монда шудааст: қафасӣ, рӯйифаршӣ, саҳроӣ, катак, мурғхона ва ҳамҷоя.

Дар корхонаҳои парандапарварии махсусгардонидашудаи истеҳсолкунандаи тухми истеъмолӣ, ҳангоми парвариш намудани чӯҷаҳои ҷавона ва мурғони бройлерӣ мурғон дар қафас нигоҳ дошта мешаванд. Саршумори онҳоро дар як ва ё якчанд қафасҳои махсус ҷойгир мекунанд.

Ҳангоми истифода кардани парвариши рӯйифаршии парандагон хонаҳои калонҳаҷмро истифода мекунанд, ки дар он мурғон бевосита дар замин (фарши хона) нигоҳдорӣ карда мешаванд. Дар баъзе корхонаҳо онҳоро умуман, ба саҳро намебароранд, баъзе корхонаҳо

чунин намуди мурғонро гоҳ-гоҳ ба саҳро (берун) мебароранд. Ин тарзи нигоҳдориро бештар барои тӯдаи мурғони саноатӣ дар корхонаҳои начандон калон, дар корхонаҳои махсус ва фермаҳои истеҳсолӣ истифода мебаранд.

Таснифоти корхонаҳои парандапарварӣ аз рӯйи шакл ва намудашон имконият медиҳад, ки равишҳои гуногун дар пешбурди баҳисобгирӣ, сиёсати баҳисобгирии корхонаҳо вобаста ба хусусият ва унсурҳои муҳимми он, усулҳо ва воситаҳо (объектҳои баҳисобгирии саршумори паранда, объектҳои баҳисобгирии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ, нақшаи кории ҳисобҳо, ҳуҷҷатикунонии амалиётҳо, низоми баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботҳо, низомии буҷетикунонӣ, назорати истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва ғ.) истифода карда шаванд.

Ҳамин тавр, ба намудҳо ҷудо кардани корхонаҳои парандапарварӣ ҳангоми банақшагирӣ истифода мешавад, сатҳи имконпазири истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои гуногунро муайян месозад, инчунин вобаста ба сохтори ташкилӣ пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ, буҷетикунонӣ ва назорати истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои парандапарварӣ мувофиқи хусусияти технологии онҳо ба роҳ монда мешавад.

Корхонаҳои парандапарвариро ҳамчун истеҳсолоти комплексӣ бо мақсади ҷудонамоии зерсохторҳои истеҳсолии технологӣ баррасӣ намуда, корхонаҳоро вобаста ба ҷараёни технологии истеҳсолоти парандапарварӣ (истеҳсолоти сиклаш сарбаста, истеҳсолоти сиклаш нопурра, истеҳсолоти махсусгардонидашуда) таҳқиқ намудан зарур аст. Зеро маҳз ҷараёни технологии истеҳсолоти парандапарварӣ ба ташкил, пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ ва таҳияи ҳисоботҳо вобаста аз таъиноташон таъсири муассир мерасонад.

Истеҳсолоти соҳаи парандапарвариро истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноатӣ ташкил медиҳанд. Ҷараёни истеҳсоли хӯрока барои парвариши паранда ба истеҳсолоти кишоварзӣ дохил шуда, коркарди пурраи маҳсулоти хоҷагиии қишлоқ бошад, ба истеҳсолоти саноатӣ тааллуқ

дорад. Худ ҷараёни парвариш дар асоси саноат амалӣ мешавад, вале аз сабаби он ки организмҳои зинда парвариш карда мешаванд, пас сухан дар бораи истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ меравад. Парандапарварӣ ҳамчун соҳаи хоҷагии қишлоқ чунин хусусият дорад, ки мувофиқи он дақиқ муайян намудани ҳаҷми маҳсулоти ниҳоӣ имконпазир нест. Чунки организмҳои зинда парвариш карда мешаванд ва мо наметавонем муфассал талафот, афзоиш ва маҳсулнокии онро пешбинӣ намоем. Ҳамзамон ба ҷараёни парвариши саноатии паранда мавсими сол таъсир намерасонад ва он аз шароитҳои иқлимӣ вобастагӣ надорад. Бинобар ин, дар давоми сол истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ мунтазам амалӣ карда мешавад, зеро тамоми ҷараёнҳои технологии истеҳсолӣ дар биноҳои пӯшида сурат мегирад.

Вобаста аз сатҳи баланди маҳсулнокии генетикӣ муҳлати истифода кардани парандагони бавоярасида аз рӯйи давраҳои мушаххас муайян карда мешавад. Дар ин давраи маҳсулнокии генетикӣ хароҷоти камтарин барои музди меҳнат, хӯрока ва дигар захираҳо ба як воҳиди маҳсулот сарф карда мешавад. Дар навбати худ, имконият фароҳам меояд, ки пас аз анҷоми ҷараёни технологӣ аз рӯйи ҳар як тӯдаи мурғон ва ё ҳар моҳ арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшудаи парандапарварӣ муайян карда шавад.

Ҳар як самти фаъолият бо хусусиятҳои технологӣ ва сиклҳои технологии истеҳсолотии мутобиқ тавсиф карда мешавад.

Корхонаҳои парандапарварии ба самти истеҳсолоти тухм равонакардашуда бо истеҳсолоти сиклаш сарбаста (баҳампайваст) чунин сехҳоро дошта бошанд: сехи тӯдаи наслдиҳанда, сехи инкубатсияи тухмҳо, сехи парвариши ҷавонаи истеҳсолӣ, сехи мурғони саноатӣ, сехи парвариши чӯҷаҳои ивазкунанда, сехи ҷобаҷокунӣ ва ҷудокунии тухмҳо, сехи забҳи мурғон бо яхдонҳо, сехи ҷамъоварии партовҳо, сехи омода намудани хӯрока.

Сехи мурғони тухмдеҳ асосӣ ба ҳисоб меравад ва маҳсулоти он тухмҳои истеъмолӣ мебошанд. Нигоҳдории мурғон одатан ба таври қафасӣ ба роҳ монда шуда, дар баъзе сехҳо нигоҳдории рӯйифарширо низ истифода менамоянд. Биноҳои нигоҳдории мурғон ва баъзе хонаҳои тӯдаи саноатӣ якбора бо саршумори як синну сол пур карда мешаванд.

Дар сехҳои рӯйифаршӣ бошад, парандагон бо меъёри ҷойгиршавии ҳар панҷ паранда дар як м$^2$ ва баъзан то шашто низ ҷойгир карда мешаванд.

Сехи тӯдаи наслдиҳанда (зотӣ) фақат дар он корхонаҳое мешаванд, ки дар онҳо танҳо тухмҳои инкубатсионӣ истеҳсол мекунанд ва ҷӯҷаҳои ивазкунанда парвариш мекунанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин корхона – «Суғдиён Свердловск» мебошад, ки дар он маҳсулоти асосӣ тухмҳои инкубатсионӣ мебошанд. Дар ин ҷо ҳамзамон ба муҳлатҳои муайян чӯҷаҳо низ нигоҳубинӣ карда мешаванд.

Сехи инкубатсионӣ бошад, барои чӯҷабарорӣ таъин гаштааст. Тибқи истеҳсоли солона барои тӯдаи мурғони саноатӣ инкубатсияро ба таври доимӣ гузаронида, дар давоми сол танҳо як моҳ барои корҳои профилактикӣ чӯҷабарорӣ мавқуф гузошта мешавад. Чӯҷаҳои баровардашударо дар муддати як шабонарӯзи аввал аз сехи парвариши ҷавона ба сехи коркарди такрорӣ (хурӯсҳо) ирсол менамоянд. Боқимондаи чӯҷаҳоро бошад, ба дигар корхонаҳо мефурӯшанд.

Сехи парвариши чӯҷаҳои ҷавони молӣ (тиҷоратӣ)-ро бошад, дар синни якрӯзагӣ аз сехи инкубатсионӣ мегиранд ё аз дигар корхонаҳо харидорӣ мекунанд. Чӯҷаҳои ҷавона барои иваз намудани тӯдаи саноатӣ ва наслдиҳанда таъйинот дошта, алоҳида парвариш месозанд. Чӯҷаҳоро то 150 рӯзагиашон парвариш карда, баъдан онҳоро ба сехи саноатӣ ирсол менамоянд.

Дар соҳаи парандапарварии самти тухмбарорӣ мақсади асосӣ истеҳсол намудани тухмҳои истеъмолӣ мебошад. Ҳангоми ҷобаҷогузорӣ ва ҷудо намудани ҷӯҷаҳои ҷавони якшабонарӯза як қисми ҷӯҷаҳои нарина низ ҳамроҳ меоянд, ки ин иштибоҳ баъд аз гузаштани вақт

муайян мешавад. Ғайр аз ин, як қисми мурғони тухмдиҳандаро низ аз сабаби ҷавобгӯ набудан ба маҳсулоти саноатӣ аз парвариш берун месозанд, ки ин қисм одатан 5 %-и миқдори умумии саршумори чӯҷаҳоро ташкил медиҳад.

Дар сехи ҷобаҷогузорӣ ва ҷудокунии тухмҳо таҷҳизотҳои ҷудокунанда насб карда шудаанд, ки тухмҳои кафида ва олударо ҷудо мекунанд.

Дар сехи парвариши ҷавонаи истеҳсолӣ саршумори ҷавона то синни 150-рӯзагиашон дар қафасҳо ё катакҳо нигоҳ дошта мешавад. Ҷавонаҳое, ки ба синни 150-рӯза расидаанд, ба сехи саноатии тӯдаҳои мурғ интиқол меёбанд.

Дар сехи забҳи паранда амалиётҳои забҳкунӣ, парканӣ (аз пар тоза кардан), аз хун тоза намудан, ҷудокунӣ ва ҷобаҷогузорӣ, аз рӯйи навъ ва намуд ҷудо кардан, яхбандӣ ва нигоҳдории гӯшт гузаронида мешавад. Ғайр аз сехҳои дар боло зикргардида, инчунин сехи нигоҳдории хӯрокаи паранда ва нигоҳдории маводҳои гуногуни дар истеҳсолоти маҳсулоти парандапарварӣ истифодашаванда низ мавҷуданд.

Корхонаҳои тухмбарории соҳаи парандапарварӣ вобаста аз ҷараёнҳои технологӣ метавонанд сиклҳои пурра ва сиклҳои нопурраи истеҳсолотро амалӣ намоянд, инчунин метавонанд ба ҷараёнҳои чудогонаи истеҳсолӣ ҷудо карда шаванд. Корхонаҳои парандапарварӣ, ки ба самти истеҳсоли тухм равона гардидаанд, сиклҳои истеҳсолии пурра дошта, сиклҳои нопурра бошанд, чунин шакл хоси корхонаҳои андозаашон хурд мебошанд. Дар онҳо тӯдаи наслдиҳандаи парандагон парвариш карда намешаванду сехи инкубатсионӣ надоранд ва одатан ба истеҳсоли тухмҳои истеъмолӣ машғуланд. Ғайр аз ин, чунин корхонаҳо мурғони гӯштиро низ парвариш намуда, онҳоро барои гӯшт забҳ намуда, маҳсулоти хӯрока тайёр мекунанд.

Бройлерҳо бошанд, инҳо ҷӯҷаҳои 49-60-рӯзае, ки вазни зиндаи 1,2-1,8 кг дошта, аз онҳо гӯшт истеҳсол мекунанд. Парвариши бройлерҳо

самаранок мебошад, зеро бо гӯшти баландсифат таъмин карда, сатҳи баланди механизатсия ва атоматизатсияи истеҳсолӣ дорад, даромаднокии баланд дорад.

Корхонаҳои парандапарварии мурғони бройлерӣ бо сиклҳои маҳдуд аз сехи тӯдаҳои наслдиҳанда, инкубатсионӣ, парвариши ҷӯҷаҳои ивазкунанда, забҳ ва коркарди мурғони забҳшуда, коркард ва ҷойгиркунии партовҳо иборат мебошанд. Ҷараёни истеҳсолӣ аз гузоштани тухмҳои зотӣ барои ташаккули тӯдаи наслдиҳанда оғоз мегардад. Тухмҳо дар сехи инкубатсионӣ дар муддати 19 рӯз дар ҳарорати мунтазам нигоҳ дошта мешавад ва дар рӯзи 20-ум тухмҳо ба қутиҳои инкубатсионӣ гузошта мешаванд. Парвариши ҷавонаи ҷӯҷаҳо дар сехи ивазкунандаи ҷавона 120 рӯз давом мекунад.

Дар вақти парвариши рӯйифаршӣ дар ҳар як сех то 1000 сар мурғ нигоҳ дошта мешавад. Ҳангоми парвариш дар қафасҳо бошад, вобаста аз тарҳи кафасҳо мурғон нигоҳ дошта мешавад. Дар ин шуъбаҳо ҷавонаи ҷӯҷаҳо то 120-рӯзагиашон парвариш карда мешаванд ва сипас ба сехҳо вобаста аз таъиноташон (тухмӣ, гӯштӣ) тақсим карда мешавад. Вобаста аз зоташон парандагон дар шуъбаи тӯдаи наслдиҳанда то 320 рӯз (аз ҳама бештар 440 рӯз) парвариш карда мешаванд.

Тухмҳои аз тӯдаи наслдиҳанда гирифташуда ба инкубатсия дода мешаванд ва пас ҷӯҷаҳои баровардашуда дар сехи тӯдаи саноатӣ парвариш карда мешаванд. Бройлерҳо то 45 рӯз парвариш карда шуда, сипас ба сехи забҳкунӣ бо вазни зиндаи 1,5-2 кг ирсол мешаванд.

Ҳамин тавр, бахши бройлерҳо бахши асосӣ ба ҳисоб рафта, дар он системаи интенсивии парвариши парандагон ба роҳ монда шудааст, ки гурӯҳи калони парандаҳоро дар муддати сол тариқи автоматикунонии ҷараёнҳои истеҳсолӣ парвариш менамоянд. Онҳоро дар мурғхонаҳои калони бо меъёри зичии ҷойгиркунии 12-14 саршумор дар 1 ё 2 метр, дар як уток ва 10-13 саршумор дар ҳар як метри қафаси калон ҷойгир мекунанд.

Ҳар як корхона вобаста аз самти фаъолият ва сиклҳои технологиаш ташкили равандҳои баҳисобгириро муайян мекунад, хусусан объектҳои баҳисобгирии хароҷотро, ки бо ҳаҷми истеҳсолот, махсусият ва диверсификатсияи истеҳсолот асоснок карда шудаанд. Бинобар ин, ба хусусиятҳои технологӣ, ки ба баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ таъсир мерасонанд, тарзи нигоҳдории парандаҳо ба ҳисоб меравад.

Масалан, ҳангоми парвариши рӯйифаршии мурғон маҳсулоти тайёр асосан барои истеҳсол намудани нимфабрикатҳо ва коркарди пурра нигаронида шудааст: гӯшти сари сина, тӯши рон, ҳасибҳо, ҳасибча, ветчина, консерваҳо ва ғайра. Ҳангоми бо чунин тарз нигоҳ доштан хароҷот барои меҳнати дастӣ, хӯрокдиҳӣ ва фаршивазкунӣ зиёд мешавад. Мувофиқ ба он бояд арзиши ҷои нигоҳдорӣ (ҷои хоб) ва хароҷот барои музди меҳнат низ ба ҳисоб гирифта шаванд. Аммо бо чунин тарз нигоҳубин намудани парандагон хароҷоти харидани таҷҳизотҳои гаронбаҳо надорад. Бояд тазаккур дод, ки корхонаҳои парандапарварии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз чунин намуди нигоҳдории парандагонро истифода мекунанд.

Моҳияти дар қафас нигоҳубин намудани парандагон дар он аст, ки ҳам мурғони бавоярасида ва ҳам мурғони ҷавонаро ба гурӯҳҳои хурд-хурд тақсим намуда, онҳоро дар қафасхонаҳои махсус нигоҳдорӣ мекунанд. Дар ҳар як қисмати қафас аз 3 то 7 мурғу 11-20 чӯҷаро нигоҳ медоранд.

Татбиқи чунин тарзи нигоҳдорӣ зичии ҷойгиркунӣ дар як воҳиди майдонро 3-4 маротиба зиёд мекунад. Ҳаракати маҳдуди мурғон имконият медиҳад, ки аз ҳисоби кам гардидани хароҷот хӯрокаи мурғон зиёд карда шавад. Дар натиҷа хароҷоти хӯрока 10-15 % кам мешаванд. Чунин тарзи нигоҳдорӣ бо истифодаи таҷҳизотҳои гуногуншакл ба роҳ монда мешавад.

Вобаста аз тарҳи қафасҳо усулҳои гуногуни парвариши ҷавонаи чӯҷаҳо (одатан дар се марҳила) ба роҳ монда мешавад. Ҳангоми парвариши марҳилавӣ ҷавонаи чӯҷаҳо аз як қафас ё мурғхона вобаста аз синни 30-рӯзагӣ, 60-рӯзагӣ ва 140-рӯзагиашон ба дигар ҷой гузаронида мешаванд.

Ҳамчунин қисми дигари парандагони таъйиноташон махсусро тамоман ба ягон ҷойи дигар интиқол надода, дар қафасҳои аввалаашон нигоҳубин мекунанд, ки имконияти кам гардидани хароҷот ва камтар талаф гардидани чӯҷаҳоро фароҳам меоварад.

Нигоҳубини кафасии парандагон нисбатан усули осонтар буда, новобаста аз талаботи мавҷуд будани баъзе таҷҳизотҳои махсус ва сарфи маблағҳо аз сабаби шиддатнокии истифодабарии утоқҳо ва кам гардидани омилҳои талафкунандаи саршумори чӯҷаҳо фоиданоктар мебошад.

Махсусияти ташкилӣ ва хусусиятҳои хоси технологии корхонаҳои парандапарварӣ ба ташаккули хароҷот ва баҳисобгирии арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад ва барои ҳамин ҳам, таҳқиқоти асосҳои назариявии баҳисобгирии хароҷот ва таҷрибаи чунин корхонаҳо барои муайян кардани хусусиятҳои хоси соҳавӣ масъалаи дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад. Дар корхонаҳои парандапарварӣ то дараҷае ҷараёнҳои биологии парандапарварӣ ва технологияи саноатӣ ҳангоми коркард намудани маҳсулотҳои биологии ибтидоӣ ҳамҷоя мешаванд.

Вобаста аз синну сол ва гурӯҳи технологии гуногун ҳар як намуди паранда дар шароити муътадили танзимшаванда мувофиқи меъёрҳои иқлимию байторӣ (намнокӣ, ҳарорат, зичии ҷойгиркунӣ, равшанӣ, ғизогирӣ ва ғ.) парвариш карда мешавад, ки истеҳсоли маҳсулоти хушсифатро таъмин месозанд. Дар баробари ин, муҳлати парвариш ва нигоҳдории мурғон дар доираи гурӯҳҳои технологӣ (ҷавона, тӯдаи бавоярасида ва ғ.) муайян карда мешавад. Хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯйи гурӯҳҳои технологӣ ҳар моҳ ба ҳисоб гирифта мешавад. Мувофиқан

ҳангоми аз як гурӯҳи технологӣ ба дигараш гузаронидан зарурияти ҳамроҳ намудани хароҷот ба ин гурӯҳ ба миён меояд.

Аз сабаби он ки парандапарварӣ бо организмҳои зинда сарукор дорад, ин соҳаро метавон аз сабаби дақиқ муайян карда нашудани маҳсулоти ниҳоияш ва мувофиқан миқдори талафоташ бо сабабҳои эпидемияи паранда низ номаълум мебошад, ба соҳаи таваккалдор шомил намуд. Сифат ва ғизонокии хӯроки парандагон, инчунин доро будани ҳар як воҳиди хӯрока аз ғизоҳо ва витаминҳои зарурӣ аз рӯйи таъиноти гурӯҳҳои технологиашон фарқ дорад. Дар таркиби арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ хароҷот 50-70 %-ро ташкил медиҳад ва инро ба инобат гирифта, баҳисобгирӣ бояд нисбатан ҷиддитар ба роҳ монда шавад. Новобаста аз он ки меъёрҳои муайян кардани хароҷот барои хӯрока мавҷуд бошад ҳам, амалан баҳисобгирии фаврии тағйирёбии баҳисобгирии онҳо гузаронида намешавад.

Муҳлати истифодабарии маҳсулоти парандапарварӣ бо сабабҳои тез вайрон гардидан маҳдуд мебошад ва баҳисобгирии фаврии истеҳсоли онҳо, баҳисобгирӣ дар анборҳо ва кашонидани онҳо ба истеъмолгаронро талаб мекунад. Хусусияти дигари парандапарварӣ дар он аст, ки истеҳсоли маҳсулот дар доираи ҷараёнҳои технологӣ амалӣ карда мешавад. Масалан, фурӯши чӯҷаҳои ҷавонаи паранда ва баҳисобгирии арзиши аслии нимфабрикатҳо. Бинобар ин, ба ақидаи мо, объекти баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ тухм, афзоиши вазни зиндаи мурғон ва чӯҷаҳои шабонарӯзӣ ба ҳисоб меравад.

Дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ маҳсулоти асосӣ, ҳамроҳикунанда ва иловагӣ истеҳсол карда мешавад. «Истеҳсолоте, ки дар он дар доираи як ҷараёни технологӣ дар як вақт ё дар фосилаи муайяни вақт ду ва ё зиёда намуди маҳсулоти арзиши истеъмолии гуногундошта ба даст оварда мешавад, ба истеҳсолоти комплексӣ

тааллуқ дорад»[1]. Дар чунин истеҳсолот ҳангоми ҳуҷҷатгузории хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯйи принсипи мустақиман ҳамроҳ намудан ба намудҳои алоҳидаи маҳсулот мушкилот пеш меояд. Дар натиҷа қисмати зиёди хароҷоти истеҳсолии комплексӣ бояд тақсим карда шавад. Бинобар ин, дар парандапарварӣ «хароҷотро миёни маҳсулоти асосӣ ва иловагӣ фарқ кардан лозим аст, агар аз як зироат ё намуди чорво якчанд намуди маҳсулот ба даст оварда шавад»[2].

Ба интихоби объекти баҳисобгирии хароҷот, таркиби хароҷот, усулҳои баҳисобгирӣ ва тақсимкунии хароҷоти барилова, инчунин ба таркиб ва номгӯи моддаҳои арзишмуайянкунӣ сохтори ташкилии корхона таъсири муассир мегузорад. Бояд қайд намоем, ки «сатҳи ташкили баҳисобгирӣ ҳоло ҳам аз сатҳи ташкили рушди истеҳсолот қафо мондааст»[3]. Чунин қафомонӣ бо як қатор камбудиҳое, ки дар низоми баҳисобгии амалкунанда ҷой дорад, алоқаманд мебошад. Ин пеш аз ҳама, номуайянӣ дар танзими меъёрии ташкили баҳисобгирӣ дар хоҷагии қишлоқ, мундариҷа ва таркиби ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, усулҳои баҳисобгирӣ, вариантҳои пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ, нақшаи ҳисобҳо ва ғайра мебошад.

Дар давраи муосир интихоби объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ аз ташкили истеҳсолот, хусусиятҳои технологӣ, сатҳи махсусияти соҳа, сохтори идоракунии истеҳсолот, параметрҳои техникии маҳсулоти истеҳсолшаванда, системаи назорати хароҷот вобаста мебошад.

---

[1] Врублевский, Н.Д. Методика калькулирования себестоимости продукции комплексного производства в управленческом учете // Бухгалтерский учет, 2002. - № 3.- С. 50–56.

[2] Низомов С.Ф., Икромова Д.Ҷ. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт”(27 феврали соли 2020, ш. Душанбе). - Душанбе: нашрияи ДМТ, 2020. – 456 с., С. 53

[3] Низомов С.Ф. Производственный учет в строительстве: вопросы теории и практики. /монография/ Душанбе: «ИРФОН», 2003.- С. 29

Ҳамин тавр, бо дарназардошти номгӯйи объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ҳар корхона объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва арзишмуайянкуниро худаш мустақилона муайян мекунад, ки унсури сиёсати баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад. Ҳамаи хусусиятҳои дар боло дидашуда бо ҳамдигар алоқаманд буда, яке дигареро пурра гардонида, ҷудо намудани ҷараёнҳои технологии истеҳсолии якхела ва хароҷоти таъиноти якҷинсадоштаро таъмин мекунанд. Ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки хароҷот аз рӯйи марҳилаҳои технологӣ ташаккул дода шавад.

## 1.3. Ҷойгоҳи назорати дохилӣ дар низоми менеҷменти корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ

Самаранокии иқтисодиёти дилхоҳ мамлакат аз маҳсулнокии соҳаҳои он муайян карда мешавад. Рушди устувори соҳаи парандапарварӣ тақозо менамояд, ки идоракунии корхонаҳои парандапарварӣ тибқи талаботҳои иқтисодиёти муосир ба роҳ монда шаванд. Яке аз функсияҳои асосии идоракунии корхона ин назорати дохиликорхонавӣ мебошад, ки имконияти муайян кардани тамоилҳо ва ошкор кардани норасогиҳои фаъолияти корхонаро фароҳам оварда, қарорҳои идоракунии қабулмегардидаро асоснок мекунад. Дар шароити амалкунии шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки ба моликияти хусусӣ асос ёфтааст, нуфузи назорати дохилӣ хеле боло меравад.

Таҳқиқоти масъалаҳои вобаста ба назорати дохилиро дар корхонаҳои парандапарварӣ бояд аз асоснокkунии категорияи иқтисодии «назорат» ва мавқеи он дар низоми идоракунии корхона шуруъ намуд.

Дар таърихи идоракунӣ назорат ҳамчун раванде дониста мешавад, ки барои ба мақсад расидан истифода мешавад[1]. Таҳқиқи назарияи

[1] Банковское дело: справочное пособие [текст] – М.: Экономика, 1993. – С. 328

назорат нишон дод, ки калимаи «control» дар забони англисӣ маънои ҳам назорат ва ҳам идоракуниро дорад. Худи калимаи «назорат» аз забони франсузӣ (controle – рӯйхат, ки дар ду нусха бурда мешавад; такроран баргаштан ба саволе, ки қаблан баррасӣ шудааст, тафтиши он) гирифта шуда, тафтиши иҷроиши ин ё он қарори хоҷагидориро бо мақсади қонунӣ ва аз нигоҳи иқтисодӣ мақсаднок буданро ифода мекунад.

Таҳти назорат аксар вақт мо тафтиши иҷроиши нақшаро аз тарафи роҳбарон ва менеҷерони корхона, мувофиқаткунии натиҷаҳои воқеӣ бо натиҷаҳои банақшагирифташуда, дида баромадани ин нақшаҳо, агар иҷро гардидани онҳо имконпазир набошад, пас муайян кардани майлкуниҳо нисбат ба иҷро нагардидани онҳо ва амсоли инҳоро дар назар дорем. Назорат он қадар бо банақашгирӣ алоқаманд мебошад, ки дар корҳои одиву муқаррарӣ ин мафҳумҳо қариб, ки ҳамдигарро инъикоскунанда мебошанд. Ҳар як қарори идоракунӣ бо баҳое асоснок карда мешавад, ки дар он банақшагирӣ ва системаи назоратӣ пурра ҳамкорӣ мекунанд[1].

Назорат ҳамчун категорияи иқтисодӣ тариқи якмаъно набудани мафҳумаш тавсиф дода мешавад. Дар фаъолияти корхона он ҳамчун «ҷараёни иҷроиши назорат ва санҷишҳои фаъолияти истеҳсолӣ, молиявию хоҷагидорӣ тавсиф карда мешавад, ки аз тарафи субъектони идоракунӣ бо мақсади муайян намудани майлкуниҳо ва ҳодисаҳои манфӣ амалӣ карда мешаванд»[2].

Баъзе муҳаққиқон бар он ақидаанд[3], ки назорат ҳамчун фаъолияти идоракуниест, ки вазифааш баҳогузории миқдорию сифатӣ ва

---

[1] Карпова Т.П. Основы управленческого учета / Т.П. Карпова: [учебник] – М.: Инфра-М, 1997. – 392 с.

[2] Кальницкая И.В. Учетно-аналитическая концепция интегрированной информационной системы для целей управления организацией: автореф. дис. на соискание науч. степени канд. экон. [текст] / И.В. Кальницькая. – Екатеринбург, 2011. -41 с. – С. 6

[3] Румянцева З.П. Менеджмент организации / З.П. Румянцева, Н.А. Соломатина. – М.: ИНФРА, 1995. – 429 с., С. 66

баҳисобгирии натиҷаҳои кори корхона мебошад. Дигар муаллифон бар он назаранд[1], ки назорат марҳилаи ниҳоии давраи идоракунӣ буда, ҳамзамон ибтидои давраи наве мебошад, ки мувофиқати натиҷаҳои ниҳоӣ ва тамоми ҷараёнҳои фаъолияти идоракунандаву идорашавандаро аз рӯйи параметрҳои пештар қабулгардида, вазифа ва мақсадҳо амалӣ месозад. Ҳамин тавр, баъзеҳо бар онанд, ки назорат дар тамоми ҷараёни фаъолияти идоракунӣ амалӣ карда мешавад ва баъзеҳо он ақидаро доранд, ки кори назорат бо давраи ниҳоии фаъолияти идоракунӣ маҳдуд мебошад.

Ба назорат ҳамчун усуле нигоҳ мекунанд, ки ба воситаи он хатогиҳои дар фаъолият ва дар функсияҳои гуногуни идоракунӣ ба вуҷуд меомадаро муайян мекунад, махсусан назорат инъикоси функсияи идоракунӣ ва таҳлил мебошад, ки хатоҳои амалисозии тамоми функсияҳои идоракунӣ, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил ва танзимкуниро муайян карда, онҳоро бартараф месозад[2]. Ба ақидаи М.В. Мельник «назорати дохилӣ – яке аз функсияҳои асосии идоракунӣ буда, низоми мониторинги доимӣ ва санҷиши фаъолияти хоҷагии ташкилотро ифода мекунад, ки барои баҳодиҳии дуруст ва самаранокии қабули қарорҳои идоракунӣ, ошкорсозии майлкуниҳо ва саривақт бартараф намудани онҳо, паст намудани хавфҳои фаъолияти он ва идоракунии онҳо зарур мебошад»[3]. Б.А. Амонжолова бар он ақида аст, ки «Назорати дохилӣ ҳамчун яке аз фукнсияҳои идоракунӣ низоми мушоҳидаи доимӣ ва санҷиши фаъолияти корхона бо мақсади баҳодиҳии асоснокӣ ва самаранокии қарорҳои қабулшуда, муайян кардани майлкуниҳо ва ҳолатҳои номусоид,

---

[1] Наумова А.И. Управление общественным производством / А.И. Наумова, Ю.И. Краснопояса. – М.: Колос, 1991. – 134 с., С. 30
[2] Стражев В.И. Оперативное управление предприятием, проблемы учета и анализа / В.И. Стражев. – Мн.: Наука и техніка, 1973. -152 с. – С. 23
[3] Мельник М.В. Ревизия и контроль: Учебное пособие /М.В. Мельник, А.С. Пантелеев/ - М.: ИД ФВК-ПРЕСС, 2003. - 225 с.- С. 45

сари вақт огоҳ намудани роҳбарият барои қабули қарорҳо оид ба бартараф, паст кардан, идоракунии хавфҳои фаъолиятро ифода мекунад»[1].

С.Ф. Низомов ақида дорад, ки «мафҳуми назорат ҳамчун функсияи идоракунӣ аз тасаввурот дар бораи он ки барои менеҷер ҷиҳати амаликунии ҳама гуна таъсиррасонии идоракунӣ иттилоот зарур аст ва таъминкунандаи он имконият медиҳад ҳама гуна равандҳо ва ҳодисаҳо назора карда шаванд, бармеояд»[2]. Ӯ зикр менамояд, ки чунин нуқтаи назар пурра будани ҷараёни идоракунӣ ва аз тарафи менеҷер иҷро намудани амалҳои муайянро аз рӯйи мушоҳида ва санҷиши амалкунии объекти идорашавандаро тавсиф медиҳад.

В.В. Буртсев ин нуқтаи назарро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки «мафҳуми назорати дохилӣ бо маънои васеъаш ҳамчун низом (ба низоми идоракунии корхона дохил мешавад) аз як қатор унсурҳо иборат мебошад. Назорати дохилӣ дар мазмуни кӯтоҳаш – яке аз марҳилаҳои ҷараёни идоракунӣ мебошад»[3]. Маҳдуд намудани назорати дохилӣ ҳамчун танҳо функсияи идоракунӣ мазмуни мафҳуми мазкурро коста мегардонад, зеро доираи фаъолияти назорати дохилӣ санҷиши объектҳои идоракунӣ, имконияти баҳодиҳии самаранокӣ ва дурустии қарорҳои идоракунӣ, инчунин эътимоднокии иттилооти баҳисобгирӣ ва ҳисоботи молиявӣ, риояи талаботҳои қонунгузории амалкунанда ва мақомотҳои танзимкунандаро дарбар мегирад.

Дар адабиёти иқтисодӣ назоратро ҳамчун шакли алоқаи баръакс низ ифода кардаанд. Масалан, А.А. Годубов мегӯяд, ки «ҷойгоҳ ва аҳаммияти назорат бо он муайян карда мешавад, ки он дар худ усули

---

[1] Амонжолова Б.А. Теоретические и методические аспекты формирования системы внутреннего контроля взаимосвязанных организаций /монография/. - Новосибирск: Новосиб. гос. Ун-т, 2008.- 260 с. -С. 26

[2] Низомов, С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика [текст]: монография/ С.Ф. Низомов; - Душанбе: изд-во «Сохибкор», 2013. – 272 с - С. 26

[3] Бурцев В.В. Организация системы внутреннего контроля коммерческой организации /монография/. –М.: «Экзамен», 2000. – 320 с. - С. 15

алоқаҳои баръаксеро инъикос мекунад, ки тавассути он мақомоти идоракунӣ маълумотро дар бораи рафти иҷроиши қарори қабулгардида мегирад»[1]. Чунин нуқтаи назарро Н.Т. Белуха[2] тарафдорӣ мекунад. В.Д. Белик дар он ақида аст, ки «махсусан назорат функсияи муҳимми идоракунӣ ба шумор меравад ва воситаи алоқаи баръакс байни объекти идоракунӣ ва системаи идоракунӣ баромад менамояд ва объекти идоракуниро оид ба ҳолати ҳақиқии объекти идорашаванда хабардор мекунад»[3]. Дар асл, нақши назорат васеътар аст ва онро танҳо дар доираи алоқаҳои баръакс маҳдуд кардан нодуруст аст.

Дар адабиёти иқтисодӣ нигоҳи ягона вобаста ба мавқеи назорат дар соҳаи идоракунӣ мавҷуд нест. Баъзе муаллифон нақши онро дар идоракунӣ нодида мегиранду баъзеяшон бошанд, ба он назаранд, ки назорат функсияи мустақил набуда, танҳо нақши ёрирасонро иҷро мекунад[4] ва дигар муаллифон мегӯянд, ки назорат фаъолияти мустақил ва ибтидоӣ нест[5]. Аз нигоҳи мо И.А. Белобжитский моҳияти назоратро нисбатан пурратар кушодааст ва ӯ қайд мекунад, ки «назорат на танҳо ҳамчун функсияи санҷиши объектҳои идоракуниро амалисозанда аст, балки имконияти баҳодиҳии самаранокӣ ва пуррагии қарорҳои идоракуниро низ мегузаронад»[6]. Назорат тамоми фаъолияти иқтисодиро фаро мегирад ва бо дигар зуҳуротҳо алоқамандии зич дорад, барои ҳамин ҳам, нақши муҳимми он бояд дар тамоми равандҳои идоракунии истеҳсолот инъикос гардад.

---

[1] Годубов А.А. Социально-экономические проблемы управления социалистическим производством: [учебник] / А.А.Годубов. – М.: Экономика, 1975. – 133 с. - С. 124.
[2] Белуха Н.Т. Аудит: Учебник. К.: «Знания», КОО, 2000. - 769 с. -(Высшее образование XXI века)
[3] Белик В.Д. Контроль в системе управления предприятием [Текст] / В.Д. Белик // Вестник Житомирского государственного технологического университета. Серия: экономические науки. – 2010. – № 1 (51). – С. 15
[4] Шкарабай С.И. Оперативный экономический анализ в хозяйственном объединении / С.И. Шкарабай. – М.: Финансы и статистика, 1985. – 168 с. - С. 4
[5] Старостьяк Е.И. Элементы науки управления / Е.И. Старостьяк. – М.: Прогресс, 1965. – 423 с. – С. 8
[6] Белобжицкий И.А. Финансово-хозяйственный контроль в управлении экономикой / И.А. Белобжицкий. – М.: Финансы, 1979. – 160 с. - С. 7

Бештари муҳаққиқони дигар бар он ақидаанд, ки назорат ҳамчун функсияи мустақил баромад мекунад. Дар корҳои илмии гурӯҳи олимон[1] назорат ба функсияҳои асосии идоракунӣ дохил карда шудааст. Аз ин лиҳоз назорат аз худ функсияи мустақили идоракуниро таҷассум карда, дигар функсияҳоро муттаҳид намесозад, пурра намекунад ва бо онҳо алоқамандӣ баробар карда, ба самарнок истифода гардидани онҳо таъсири амиқ мегузорад[2].

Гурӯҳи дигари муҳаққиқон назорати дохилиро ҳамчун маҷмуи сохтори ташкилӣ, усулҳо ва маросимҳои (расмиёти) аз ҷониби роҳбарияти корхона қабулшуда, ҳамчун воситаи назорати самаранокии фаъолияти иқтисодӣ баррасӣ менамоянд. Масалан, А. Аренс, Дж. Лоббек қайд мекунанд, ки назорат «Усулҳо ва маросимҳои се категорияи асосӣ, ки аз тарафи мақомот барои таъмини кафолати кофии мувофиқат ба мақсадҳои назорат, низоми баҳисобгирӣ, лаҳзаҳои назоратӣ (маросимҳо) таҳия ва истифода карда мешавад»[3], дар бар мегирад. Колодин Д.М. қайд мекунад, ки «Назорати дохилӣ – ин системаи чораҳо, ки роҳбарияти корхона ташкил намудааст ва дар корхона аз тарафи тамоми кормандон бо мақсади хеле самаранок иҷро намудани

---

[1] Барфиев, Қ.Х. Таҳлили иқтисодӣ [Матн] / Қ.Х. Барфиев. - Душанбе: Ирфон, 2019. - 400 с.; Ганиев, Т.Б. Менеҷмент: Қисми. 1. [Текст]: китоби дарсӣ. / муҳар. масъул Б.И. Исоматов, Ҳ.Н. Фақеров; Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон. - Душанбе: Ирфон - 2004. - 473 с.; Наумова А. И. Управление общественным производством / А.И. Наумова, Ю.И. Краснопояса. – М.: Колос, 1991. – 134 с.; Низомов, С.Ф. ва дигарон. Аудити дохилӣ [матн]: васоити таълимӣ. Нашри дуюм. Коллективи муаллифон / Хушвахтзода Қ.Х., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х., Содиқов С.И., Бобоев Ш.Н., Бадалов Ш.Қ. - Душанбе: «Ирфон», 2021 - 190 с.; Пошатаева А.В. Управление на сельскохозяйственных предприятиях А.В. Пошатаева. – М.: Колос, 1979. – 271 с.; Шоймардонов, С.Қ., Орзуев, П.Ч., Барфиев, Қ.Х., Бобиев, И.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ [Матн] / С.Қ. Шоймардонов, П.Ч. Орзуев, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. - Душанбе: Ирфон, 2017. - 468 с.; Улупова, Е.Д. Контроль в системе социалистического планового управления / Е.Д. Улупова. - М.: Моск. рабочий, 1986. - 87, [2] с.; Уткина Е.А. История менеджмента: [учебник] / Е.А. Уткина. – М.: Экмос, 1997. – 223 с. Фалмер Р.М. Энциклопедия современного управления. / Р.М. Фалмер. – М.: ВИПК-ЕНЕРГО, 1992. – 168 с.

[2] Кочерин Е.А. Контроль как функция управления /Е.А. Кочерин. – М.: Знание, 1982. – 216 с. - С.10

[3] Аренс А. Аудит / Аренс А., Лоббек Дж.: Пер. с англ.; Гл. редактор серии проф. Я.В. Соколов. – М.: Финансы и статистика, 2001. – 560 с. - С. 264

уҳдадориҳои худ ҳангоми амалигардонии амалиётҳои хоҷагӣ гузаронида мешавад»[1]. Ю.Н. Воропаев чунин мешуморад: «Маҷмуи усулҳо ва маросимҳои гуногуни бо ҳам алоқаманд, ки аз тарафи мақомот барои таъмини паст намудани хавфҳои номатлуб дар фаъолияти корӣ ва молиявӣ, инчунин дар баҳисобгирӣ ва ҳисобот коркард ва истифода мебарад»[2]. Ю.В. Полунина дар он нуқтаи назар мебошад, ки назорати дохилӣ «Тамоми усулҳо ва маросимҳои назорати дохилӣ, ки роҳбарияти ҷамъият бо мақсади дуруст пешбурди тиҷорат амалӣ мекунад, аз ҷумла, аз тарафи корхона қатъиян риоя намудани қонунгузории амалкунанда ҳангоми пешбурди фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ, мавҷудият ва ҳифзи дороиҳо, сабткунакҳо ва иттилоот, пешгирӣ ва ошкоркунии қаллобӣ ва таҳрифот, дақиқӣ ва пуррагии сабтҳои баҳисобгирӣ ва омодасозии саривақтии ҳисоботҳои муҳосибӣ ва молиявии эътимоднок»[3]-ро дар бар мегирад.

Гурӯҳи дигари олимон назорати дохилиро ҳамчун ҷараён баррасӣ менамоянд. Масалан, А.Г. Волков дар он ақида аст, ки «Назорати дохилӣ – ин ҷараёнест, ки барои расидан ба мақсади корхона равона гаштааст ва он натиҷаи фаъолияти роҳбарият оид ба банақшагирӣ, ташкил, назорати фаъолияти ширкат дар умум ва зерсохторҳои алоҳидаи он мебошад»[4]. Роберт Н. Энтони назорати дохилиро ҳамчун «Ҷараёне, ки бо ёрии он менеҷерон оид ба он боварӣ мекунанд, ки захираҳо самаранок ва самарабахш барои расидан ба мақсади дар назди корхона

---

[1] Колодин Д.М. Внутренний контроль: Практические рекомендации / Д.М. Колодин. – М.: Техносфера, 2017. – 194 с. - С. 16

[2] Воропаев Ю.Н. Система внутреннего контроля организации [текст] / Ю.Н. Воропаев //Бухгалтерский учет. – 2003. – № 9. – С. 58-60., С. 57

[3] Полунина Ю.В. Система внутреннего контроля предприятия. Существование и оценка эффективности /Ю.В. Полунина, П.А. Желтов // Аудит и финансовый анализ, – 1997. – № 3 [Электронный ресурс]: URL: http://www.auditfin.com/1997/3/4.pdf (санаи муроҷиат 18.11.2020)

[4] Волков А.Г. Контроль и ревизия: Учебное пособие / Волков А.Г., Чернышева Е.Н. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2011. – 224 с. - С. 60

гузошташуда, истифода карда мешаванд»[1] маънидод кардааст. Назорати дохилиро А.М. Сонин ҳамчун «Ҷараёне, ки барои расидан ба мақсади ширкат ва натиҷаи фаъолияти роҳбарият оид ба банақшагирӣ, ташкил ва мониторинги фаъолияти ширкат дар умум ва зерсохторҳои алоҳидаи он равона шудааст»[2], муайян кардааст. Мутобиқи COSO назорат дохилӣ – ин ҷараёни аз тарафи мақомоти болоии корхона гузаронидашаванда, ки сиёсати онро муайян мекунанд (мисол, Шурои директорон, ки моликони ширкатро муаррифӣ мекунанд), корманди идоракунии сатҳҳои болоӣ (менеҷмент) ва дигар кормандони боқимонда, ки дар сатҳи кофӣ ва асоснок аз тарафи корхона расидан ба мақсадҳои зеринро таъмин мекунанд: мақсаднокӣ ва фаъолияти самаранокии молиявӣ (аз ҷумла, нигаҳдории (ҳифзи дороиҳо) дороиҳо); эътимоднокии ҳисоботи молиявӣ; риоя намудани қонунгузории амалкунанда ва талаботҳои мақомотҳои танзимкунанда[3]. Мафҳумҳои дар боло овардашуда назорати дохилиро кӯтоҳ ва фарох бо нишон додани субъектони назорат ва гурӯҳи мақсадҳои «мафҳуми классикии назорати дохилӣ» шарҳ додаанд, ки ба ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи назорати дохилӣ асос ёфтааст. Дар баробари ин, ҳамчун ҷараён шарҳ додани назорати дохилӣ саравввал бояд давраҳои «ибтидоӣ» ва «интиҳоӣ» дошта бошад ва дуюм дар доираи ҷараён «ивазшавии пайдарҳамии ҳодисаҳо», дигаргун нашудани тартиби ҷойгиршавӣ ва вобастагии унсурҳои назорати дохилӣ татбиқ карда мешавад. Зеро худ ба худ ҷараёни назорат «чизе дар худ (аз рӯйи гуфтаи философи асри XVIII Иммануил Кант)» нест ва мустақилона амалӣ намешавад. Барои амалӣ шудани он маҷмуи системаи ташкилии унсурҳо,

---

[1] Anthony, R.N. Planning and Control Systems: A framework for analysis. – Boston, Ma.: Division of Research, Harvard Business School; 1ST edition (January 1, 1965)1965 -180 pag

[2] Сонин А.М. Внутренний контроль и внутренний аудит – необходимость для компании [Электронный ресурс]/А.М. Сонин URL: http://gaap.ru/articles/vnutrenniy_kontrol_i_vnutrenniy_audit_nbsp_ndash_nbsp_neobkhodimost_dlya_kompanii/ (санаи муроҷиат 12.08.2021)

[3] Сомонаи расмии Кумитаи ташкилотҳо–сарпарастони Комиссияи Тредвей [манбаи электронӣ]. URL: http://www.coso.org/ (санаи муроҷиат 01.08.2020)

ки давраи ҳаёти ин ҷараёнро таъмин месозад, зарур мебошад, мисол, автоматикунонӣ, қисми методологӣ, ҳуҷҷатикунонӣ, иерархияи ҳамкории мутақобила ва боҳамалоқамандии унсурҳои зертобеъ ва ғ.

Гурӯҳи дигари олимон назорати дохилиро ҳамчун система баррасӣ менамоянд. Масалан, С.Е. Гусакова дар он ақида аст, ки «системаи назорати дохилӣ бояд маҷмуи чораҳои батартибдаровардаи боҳамалоқаманд, усулҳо ва маросимҳое, ки аз тарафи кормандон, зерсохторҳо ва роҳбарияти субъекти хоҷагӣ бо мақсади таъмини риояи сиёсати роҳбарият ва самаранокии пешбурди фаъолияти хоҷагӣ истифода мешаванд, ифода намояд. Назорати дохилӣ бояд бо қувваи субъекти иқтисодии мушаххас барои назорати доимӣ ва санҷиши амалиётҳои иҷрошаванда, натиҷаҳои бадастомада ва чораҳои фаврии қабулгардида гузаронида шавад»[1]. Системаи назорати дохилӣ, ба ақидаи О.Е. Качкова «низоми расмиёти назоратӣ, нақшаи корхона ва усулҳои идоракунии объект бо мақсади самаранок фаъолият намудан, ҳимояи моликияти соҳибмулкон, пешгирӣ кардани хатогиҳо, эътимоднокии санҷишҳои муҳосибӣ ва саривақти пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ»[2] мебошад. Л.В. Сотникова дар он ақида аст, ки «Назорати дохилӣ системаи чораҳоро ифода мекунад, ки аз тарафи роҳбарият ташкил карда шудааст ва дар корхона бо мақсади хеле самаранок аз тарафи тамоми кормандон иҷро намудани уҳдадорияшон ҳангоми баамалбарории амалиётҳои хоҷагӣ гузаронида мешавад. Назорати дохилӣ қонунӣ будани ин амалиётҳо ва аз лиҳози иқтисодӣ самаранок будани ин амалиётҳоро барои корхона муайян менамояд»[3]. Ба ақидаи И.

---

[1] Гусаков С.Е. Внутренний контроль в обеспечении экономической безопасности организации/ С.Е. Гусаков // Экономический анализ. – 2004. – №16(31), – С. 50 -54, С. 51

[2] Качкова О.Е. Организация учета и внутреннего контроля в государственных (муниципальных) учреждениях: монография / О.Е. Качкова, Л.В. Клепикова, Т.И. Кришталева и др.. - М.: Издательство «Русайнс», 2015. – 256 с. - С. 32

[3] Сотникова Л.В. Внутренний контроль и аудит: Учебник / ВЗФЭИ. М.: Финстатинформ, – 2000. – 239 с. - С. 10

Юдина «Назорати дохилии ташкилот бояд ҳамчун системаи доимоамалкунанда, аз ҷумла, фарогири чунин ҷузъҳо, ба монанди муайян намудани параметрҳои назоратшаванда ва объектҳои назорат, муайян намудани нуқтаҳои «ҳасосӣ»-и назорат, ки дар он ба миён омадани хатоӣ, таҳрифот ва дигар ҳодисаҳои номатлуб хеле калон аст, баррасӣ карда шавад»[1]. Мафҳумҳои системаи назорати дохилӣ ҳамчун система бо мақсадҳои маъмулии назорати дохилӣ, вале бо номгӯи васеи онҳо оварда шудааст, аммо дар баробари ин, дар хусуси боҳамалоқамандии унсурҳои система ягон хел нуқтаи назар зикр нагардидааст.

Дар асоси ақидаҳои дар боло овардашуда ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар шароити муосири иқтисодӣ нуқтаҳои назари гуногуни фаҳмиши муҳтавои категорияи назорати дохилӣ ҷой дорад. Моҳияти мафҳуми мазкур аз тарафи муаллифон вобаста аз мақсадҳои мушаххаси амалӣ, вазифаҳо ва шароитҳо муайян карда мешавад.

Мо ба нуқтаи назари муаллифоне, ки назорати дохилиро фарох муаррифӣ намудаанд, ҳамфикр ҳастем. Дар баробари ин, таъкид менамоем, ки аксари онҳо ба фарқияти луғавии мафҳумҳои «система» ва «ҷараён» аҳаммият намедиҳанд. Дар бисёр ҳолатҳо назорати дохилӣ аз тарафи онҳо ҳамчун «система» ё «зерсистема», «системаи назорати дохилӣ» бошад, ҳамчун «ҷараён», «маҷмуи чораҳо, усул, маросимҳо» тавсиф карда шудааст, ки мантиқан нодуруст мебошад. Д.Х. Медоуз ба сифати система чунин «маҷмуи унсурҳоеро баррасӣ мекунад, ки бо ҳам алоқандии байни онҳо пурра бо рафтори система муайян карда мешавад. Система ҳамчун маҷмуи унсурҳои алоҳида дида намешавад. Унсурҳо ба ҳамдигар бо мақсади расидан ба мақсади система боҳамалоқаманд

---

[1] Юдина И. Внутренний контроль: проблемы, критерии эффективности и значение в управлении компанией [текст] / И. Юдина // Рынок ценных бумаг. – 2005. – № 4. – 44 – 46. - С. 45

мешаванд. Хусусияти ҳатмии система унсурҳо, бо ҳам алоқамандии байни онҳо ва таъиноти (ё мақсади) система ба шумор мераванд»1.

Ҳамин тавр, чунин роҳи омӯзиш ҳаматарафа сифати мафҳуми «система»-ро ҳамчун маҷмуи унсурҳои алоқаманд, ки мақсади умумӣ таҷассум мекунад. Ба ақидаи мо, мантиқан мафҳумҳои «назорати дохилӣ» ва «системаи назорати дохилӣ» аз ҳамдигар тафовут доранд. Назорати дохилӣ фаъолият, ҷараён, функсия, давраҳои (марҳилаҳои) идоракуниро дар бар мегирад. Системаи назорати дохилӣ маҷмуи унсурҳои бо ҳам алоқамандро доро буда, расидан ба мақсадҳои алоҳидаро таъмин мекунанд, ки чунин хусусият ба «система» хос мебошанд. Чӣ хеле ки мебинем, мафҳуми «системаи назорати дохилӣ» нисбат ба «назорати дохилӣ» фарох ва васеътар мебошад. Дар баробари ин, мақсади «назорати дохилӣ» ва «системаи назорати дохилӣ» ҳамсон аст, онҳо иҷроиши се мақсадҳои появиро дар бар мегиранд: амалиётӣ (ҷорӣ), иттилоотӣ ва риояи меъёрҳои танзимкунанда (мақсад–мувофиқат).

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои боло таърифи мукаммалгардидаи “назорати дохилӣ” чунин бошад. Назорати дохилӣ – унсури низоми идоракунии корхона буда, бо ёрии он мақомоти идоракунӣ ва кормандони ширкат менеҷменти босифат ва оқилонаро тавасути ошкорсозии тамоюлҳо аз натиҷаҳои эҳтимолӣ дар тамоми сатҳҳо, марҳилаҳо ва ҷараёнҳо кафолат дода, барои омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилӣ ва берунӣ, таъмини самаранокӣ ва самарабахшии фаъолият ва риоя намудани талаботҳои санадҳои меъёрии танзимкунанда равона шудааст. Дар таърифи мазкур хусусияти назорати дохилӣ ҳамчун фаъолияти мақомоти идоракунӣ барои расидан ба мақсадҳои мушаххас баррасӣ гардида, ҷараёнҳои ошкорсозии майлкуниҳои номусоид аз нишондиҳандаҳои пешбинишуда ва баҳодиҳии

---

[1] Медоуз, Д.Х. Азбука системного мышления; пер. с англ. под ред. чл.-корр. РАН Н.П. Тарасовой. - 2-е изд. – М.: БИНОМ. Лаборатория знаний, 2011 – 343 с. - С. 18

онҳо, риояи талаботҳои санадҳои танзимкунандаи баҳисобгирӣ ва пешниҳоди ҳисобот ба инобат гирифта шудааст.

Ҳамин тавр, бо назардошти гуфтаҳои боло таърифи мукаммалгардидаи "назорати дохилӣ" чунин бошад. Назорати дохилӣ – унсури низоми идоракунии корхона буда, мақомоти идоракунӣ ва кормандони корхона ба воситаи он сифат ва самаранокии идоракуниро бо роҳи ошкорсозии майлкуниҳо аз натиҷаҳои пешбинишуда дар тамоми сатҳҳо, марҳилаҳо ва ҷараёнҳо таъмин намуда, барои омода намудани ҳисоботи эътимодноки дохилӣ ва берунӣ ва риоя намудани талаботҳои меъёрҳои танзимкунанда равона карда шудааст. Баҳисобгириро, ки бо назорат алоқамандии зич дорад, ба назар гирифта, мавқеи он дар низоми идоракунӣ ва алоқаи онро бо назорат муайян намоем. Дар адабиёти иқтисодӣ ақидаи ягона дар бораи мавқеи баҳисобгирӣ дар системаи идоракунӣ мавҷуд нест. Дар корҳои бисёр олимон[1] он ба функсияҳои умумии идоракунӣ дохил карда нашудааст. А. Файол ва М. Фалмер[2] низ баҳисобгириро ҳамчун функсияи идоракунӣ намедонанд ва ақидаи онҳоро[3] тарафдорӣ мекунанд. Е.А. Кочерин тасдиқ мекунад, ки «баҳисобгирӣ – ин функсияи идоракунӣ мебошаду ҳамзамон қайд мекунад, ки он восита, усул буда, дар баъзе ҳолат намуди назорат мебошад»[4]. Л.В. Чхутиашвили чунин мешуморад, ки «Баҳисобгирии

---

[1] Бабаев Ю.А., Петров А.М. Теория бухгалтерского учета. 6-е издание. под ред. Бабаева Ю.А. [учебник] / Ю.А. Бабаев, А.М. Петров – М.: Проспект, 2021 – 256 с.; Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. – Душанбе: "Ирфон", 2017. – 324 с.; Яковлев Б.И. Организация производства и предпринимательство в АПК: [учебник] / Б.И. Яковлев, В.Б. Яковлев. – Сб.: ООО «Квадро», 2013 – 480 с.] баҳисобгирӣ ҳамчун функсияи идоракунӣ қайд гардида, дар кори [Пошатаева А.В. Управление на сельскохозяйственных предприятиях / А.В. Пошатаева. – М.: Колос, 1979. – 271 с.

[2] Фалмер Р.М. Энциклопедия современного управления. / Р.М. Фалмер. – М.: ВИПК-ЕНЕРГО, 1992. – 168 с.

[3] Голиков В.И Управление и система экономических отношений: монография / В.И. Голиков. – К.: Наук. думка, 1984. – 248 с.; Румянцева З.П. Менеджмент организации / З.П. Румянцева, Н.А. Соломатина. – М.: ИНФРА, 1995. – 429 с.

[4] Кочерин Е.А. Контроль в системе управления социалистическим производством. Вопросы теории и практики /Е.А. Кочерин. – М.: Экономика, 1982. – 214 с. - С. 116-117

бухгалтерӣ на танҳо барои банизомдарорӣ ва ҷамъоварии иттилоот, инчунин барои назорат аз болои амалиётҳои хоҷагии амалишаванда ё воқеаҳои ҳаёти хоҷагӣ хизмат мекунад»[1].

Ба ақидаи Ж.А. Кеворкова «назорат яке аз унсури муҳимми системаи назорати дохилӣ ба шумор меравад, ки аз тарафи роҳбарияти хадамоти муҳосиботи субъекти иқтисодӣ гузаронида мешавад, яъне назорати дохилии баҳисобгирӣ. Мақсади он дар гузаронидани мушоҳидаи доимӣ аз рӯйи пешбурди дурусти баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи бухгалтерӣ (молиявӣ), дар ташкили самараноки кори муҳосибот, ки тақсимоти уҳдадориҳои вазифавӣ ва соҳаи масъулияти байни кормандонро таъмин мекунад, ифода меёбад»[2]. С.Г. Чаадаев дар асоси таҳлили принсипҳои байналмилалии таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ, ба хулоса меояд, ки «баҳисобгирӣ ва назорат дар фаъолияти молиявӣ ду институти иқтисодӣ–ҳуқуқии бо ҳам алоқамандро ифода мекунанд – баҳисобгирӣ ва назорат»[3].

С.М. Резниченко функсияҳои идоракуниро таҳқиқ намуда қайд мекунад, ки «Яке аз функсияҳои асосии баҳисобгирии бухгалтерӣ функсияи муҳофизатии он ба шумор меравад, ки таъмини ҳимояи манфиатҳои моликонро бо роҳи таҳияи замина барои гузаронидани назорати молиявӣ иборат мебошад. Аммо татбиқи функсияи муҳофизатӣ мавҷудияти воситаро оид ба гузаронидани назорат талаб мекунад. Дар навбати аввал ин – назорати дохилӣ мебошад»[4]. И.М. Виговская қайд мекунад, ки «Имрӯз назорати дохилӣ ба замимаи баҳисобгирӣ мубаддал

---

[1] Чхутиашвили Л.В. Роль внутреннего контроля организации в эффектовном ведении финансово-хозяйственной деятельности. [текст] / Л.В. Чхутиашвили // Экономика предприятия. № 11 (197) – 2014. – С. 37-47., С. 37

[2] Кеворкова, Ж.А. Внутренний контроль бизнес-процессов федерального казначейства / Ж.А. Кеворкова, Р.А. Иванов. – Краснодар: Типография Копи Принт, 2013 – 238 с.

[3] Чаадаев, С.Г. Учет и контроль: единство и взаимообусловленность [текст] / С.Г. Чаадаев // Пробелы в российском законодательстве – № 2 – 2017. – С. 231-233., С. 232

[4] Резниченко, С.М. Современные системы внутреннего контроля: учеб. пособие / С.М. Резниченко, М.Ф. Сафонова, О.И. Швырёва. – Краснодар: КубГАУ, 2016. – 158 с. - С. 11

шудааст, ки ба вазифаҳо, ҳадафҳои он, аз ҷумла таъмини нигоҳдорӣ ва истифодаи оқилонаи тамоми намуди захираҳо, иҷрои вазифаҳои гузоштаи роҳбарият, таъмини кори мураттаби ҷараёни истеҳсолот ва умуман корхона, барои пешгирии далелҳои фиребгарӣ, қаллобӣ, идоракунии нодуруст, исрофкорӣ ва беамалии кормандони корхона хизмат мекунад. Ҳамин тавр, назорати дохилии фаъолияти корхона дар шароити хавф вазифаҳои зерини баҳисобгирӣ, аз қабили нигоҳдории моликияти соҳибмулкон, муайян кардани натиҷаи дақиқи (боэътимоди) молиявии фаъолияти корхона (бидуни рӯйпӯш кардан) ва иҷроиши вазифаҳои назоратӣ ва таҳлилии баҳисобгириро иҷро менамояд»[1]. Ҳамзамон қайд кардан бамаврид аст, ки «дар сабткунакҳои баҳисобгирии молиявӣ, идоракунӣ ва андозӣ иттилооти ибтидоии барои аудити дохилӣ зарурӣ аз рӯйи асосҳои гуногун вобаста ба мақсадҳои муайяни ин намудҳои баҳисобгирӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд»[2].

Ҳамин тавр, таҳлили нуқтаи назари олимон имкон медиҳад хулоса кунем, ки байни ин ду кластери ҳаёти хоҷагӣ робитаи зич вуҷуд дорад. Назорат аксар вақт ба сифати функсия ё методи баҳисобгирии бухгалтерӣ баррасӣ мешавад, ки он дар навбати худ, ҳамчун сарчашмаи асосии ташаккули пояи иттилоотӣ, ки барои гузаронидани санҷиш зарур аст, баромад мекунад[3]. Олимони хориҷӣ (T. Dănescu, M. Prozan, R. D. Prozan) низ масъалаҳои алоқамандӣ ва таъсири мутақобилаи назорати дохилӣ, баҳисобгирии бухгалтерӣ ва сохтори идоракунии корхонаро таҳқиқ кардаанд. «Онҳо на танҳо мавҷудияти алоқаи зичи байни зерсистемаҳои функсионалии корхонаро ба таври эмпирикӣ тасдиқ менамоянд, инчунин аҳаммияти ҳамгироии мутақобилаи онҳоро дар

[1] Выговская, И.М. Бухгалтерский контроль деятельности предприятий в условиях риска // Вестник Житомирского государственного технологического университета. Серия: экономические науки. – 2010. – № 2 (17), – С. 51
[2] Низомов С.Ф., Хушвахтзода Қ.Х., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х., Содиқов С.И., Бобоев Ш.Н., Бадалов Ш.Қ. Аудити дохилӣ [матн]: васоити таълимӣ. Коллективи муаллифон; – Душанбе: «Ирфон», 2021 – 302 с., С. 44.
[3] Церпенто, С.И. Бухгалтерский учет в строительстве / С.И. Церпенто, Н.В. Предеус – М.: КноРус, 2016. – 448 с.

шароити тағйирёбии дарозмуддати муҳити иқтисодии берунӣ қайд мекунанд»[1]. Ташкили низоми самаранокии баҳисобгирӣ имконият медиҳад, ки қарорҳои самаранок қабул карда шуда, иҷроиши он назорат карда шавад. Амал накардани низоми самараноки баҳисобгирӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки корхона дар ҳолати ногувор қарор дорад. Бинобар ин, маълумоти баҳисобгирии муҳосибӣ асосӣ ба шумор рафта, аз эътимоднокии он тамоми ҷараёни идоракунӣ вобаста мебошад.

Т.М. Садыкова баҳисобгириро як намуди назорат шуморида[2] қайд мекунад, ки «баҳисобгирӣ ҳамчун воситаи асосии иҷро гардидани назорат мебошад». Аммо баҳисобгириро ҳамчун шакли назорат донистан шубҳанок ба назар мерасад, зеро шакли амалисозии назорат ҷанбаҳои методологиро тавсиф медиҳад ва маънои техникаи амалишавии онро дорад. Вобаста аз сарчашмаи маълумотҳои назоратӣ шаклҳои гуногуни назоратро ҷудо мекунанд: пешакӣ, ҷорӣ ва оянда. Ҳамин тавр, аз моҳияти таснифоти шаклҳои назорат бармеояд, ки баҳисобгирӣ наметавонад на дар шакли назорати пешакӣ, на дар шакли назорати воқеӣ ва на дар дигар шакли он баромад кунад.

Ғайр аз ин, дар адабиёти иқтисодӣ нуқтаҳои назареро вохӯрдан мумкин аст, ки ба функсияҳои назорат функсияҳои баҳисобгирӣ ва таҳлилро дохил мекунанд[3], яъне баҳисобгириро ҳамчун қисми ташкилдиҳандаи назорат ҳисоб мекунанд. Масалан, В.Г. Афанасев «баҳисобгириро функсияи идоракунӣ медонад ва алоқаи зичи баҳисобгирӣ ва назоратро қайд намуда, ӯ изҳор мекунад, ки назорат ба баҳисобгирӣ дохил намешавад»[4]. Баҳисобгирӣ, пеш аз ҳама – ин

---

[1] Dănescu T., Prozan M., Prozan R.D. Perspectives regarding accounting – corporate governance –internal control // Procedia Economics and Finbance. 2015. Vol. 32. P. – C. 590–592

[2] Садыкова Т.М. Методология внутреннего контроля и его организация в системе управленческого учета: [монография] / Т.М. Садыкова. – Саратов: Издат. Центр СГСЭУ, 2004. – 248 с. - С. 56

[3] Наумова А.И. Управление общественным производством / А.И. Наумова, Ю.И. Краснопояса. – М.: Колос, 1991. – 134 с., - С. 30

[4] Афанасьев В.Г. Челове в управлении обществом /В.Г. Афанасьев. – М: Политиздат, 1977. – 382 с. - С. 124-125

гирифтани маълумотҳои ҳисоботӣ ва муайян кардани тамоилҳо аз меъёр мебошад. Ҳамчунин дар ҷараёни баҳисобгирӣ асосан нишондиҳандаҳои миқдорӣ назорат карда мешаванд. Аммо баҳисобгирӣ мустақилона мушкилоти назорати босифатро ҳал карда наметавонад. Назорат бошад, дар навбати худ натанҳо гирифтани маълумоти миқдориро талаб мекунад, балки гирифтани маълумоти сифатиро низ талаб мекунад. «Назорат – таъминкунандаи маълумоти миқдорӣ ва сифатӣ буда, баҳисобгирӣ фақат маълумоти миқдорӣ медиҳад»[1]. Чунин таъриф имконият медиҳад, ки функсияҳои баҳисобгирӣ аз функсияҳои назорат ҷудо карда шаванд: гурӯҳи якуми функсияҳо танҳо иттилооти миқдориро таъмин намуда, гурӯҳи дуюм бошад, иттилооти сифатиро таъмин мекунад.

Аз нигоҳи мо равиши нисбатан асосноккардашуда ҳамон аст, ки дар он баҳисобгирӣ, назорат ва таҳлил дар алоқамандии органикӣ дида баромада шуда, қисмати муҳимми ҷараёнҳои технологияи идоракуниро муайян месозад. Ҳақиқатан ҳам, дар ҷараёни идоракунӣ ҳангоми ҳал кардани маҷмуи масъалаҳои бо истифодаи захираҳо дар тамоми даврахои истеҳсолот алоқаманд буда, байни ҳам қариб тамоми функсияҳо ҳамкорӣ мекунанд, зеро дар амалияи идоракунӣ ягон мақомот танҳо як функсияи умумиро иҷро намекунад. Функсияҳои идоракунӣ назорат ва баҳисобгирӣ бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд.

Ҳамин тавр, чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки баҳисобгирӣ ҳамчун яке аз функсияҳои идоракунӣ аз худ системаи алоқаманду пайвастаи воситаҳо ва ҷараёнҳои хоҷагидориро бо ифодаи пулӣ, тариқи ченкунандаҳои натуралӣ ва меҳнатӣ ва бо ёрии усулҳои махсуси ба он хос таҷассум менамояд, ки аслан аз инҳо иборат мебошанд: ҳуҷҷатикунонӣ, бақайдгирӣ, навишти дутарафа дар ҳисобҳо, ҷамъбастӣ, тавозун ва амсоли онҳо.

---

[1] Афанасьев В.Г. Человек в управлении обществом /В.Г. Афанасьев. – М: Политиздат, 1977. – 382 с. - С. 125

Унсурҳои тавсифи илмии таҳқиқи назорати дохилӣ, ки аз предмет, объект ва субъекти назорати дохилӣ; мақсад ва тартиби назорати дохилӣ; таснифоти назорати дохилӣ ва намудҳои он; методология, методика ва усулҳои назорати дохилии корхона; принсипҳои назорати дохилии корхона; маълумот ва ташкил намудани назорати дохилии хоҷагидорӣ; таъмин намудани назорати дохилӣ бо захираҳои лозима иборат аст, ҷанбаи дигари мавзуи таҳқиқшавандаро ташкил медиҳанд, ки то кунун мавриди баҳси муҳаққиқон қарор дорад.

Барои пурратар дарк намудани ин мафҳум бояд предмет, субъектҳо ва объектҳои назорати дохилӣ амиқтар дида баромада шавад, зеро он имконият медиҳад, ки ҳангоми амалӣ сохтани назорат уҳдадориҳо нисбатан самараноктар тақсим карда шаванду дар натиҷа қарорҳои дурусти идоракунӣ қабул карда шаванд.

Назорати дохилӣ предмет, объект ва субъекти худро ҷудо намудааст, ки моҳияти онҳо дар мисоли корхонаҳои парандапарварӣ таҳқиқ карда шудаанд. Предмет (ҳамчун категорияи умумии илмӣ) ба саволи «чиро бояд таҳқиқ намуд?» ҷавоб медиҳад. Предмети таҳқиқоти илмҳои иқтисодӣ фаъолияти хоҷагидорӣ буда, дар навбати худ, ҳар яки он предмети худро вобаста аз паҳлуҳои мушаххаси фаъолияти объекташ ҷудо мекунад. Предмети назорати дохилии корхона бошад, мувофиқати воқеии ҳолати фаъолияти хоҷагидорӣ, ки ҳолат ва мақсадҳои рушди онро ба назар гирифтаасту тибқи стратегияи рушд ва нақшаҳои тактикиву ҷорӣ, стандартҳои байналмилалӣ ва соҳавӣ, ичунин бо дигар масъалаҳо татбиқ карда шудаанд, мебошад. Аз сабаби он ки ин ҳолат аз муҳити беруна вобастагӣ дорад, пас таъсири он низ бояд ба инобат гирифта шавад. Ғайр аз ин, талаботи қонунҳои амалкунандаи иқтисодиро низ сарфи назар кардан мумкин нест. Бинобар ин, предмети назорати дохилӣ зарурияти таҳқиқ намудани мувофиқати ҳолати фаъолияти хоҷагидорӣ ба масъалаҳои пешгӯишуда ва муайяншуда дар ҳар як давраи ҳаётии объекти назоратро ба инобат мегирад: ба вуҷуд

омадан (пайдо шудан), рушд кардан ва инчунин муфлис шудан. Пешниҳод карда мешавад, ки инчунин баҳисобгирии ҳатмии давраи истеҳсолии истеҳсолоти моддӣ вобаста ба сиклҳо низ гузаронида шавад: банақшагирӣ – таъминот – истеҳсолот – фурӯш.

Бо мазмуни васеъ предмети назорати дохилӣ фаъолияти объектҳо ва субъектҳои назорати дохилӣ ва ҷанбаҳои ҷудогонаи онҳо мебошад. Яъне, объекти назорати дохилӣ бо предмети он сахт алоқаманд мебошад. Объект предметро муфассалтар инъикос мекунад. Объекти назорати дохилӣ дилхоҳ субъекти хоҷагидорӣ (корхонаҳои парандапарварӣ) ва зершуъбаҳои сохтории он мебошанд.

Субъекти назорати дохилӣ бошад, шахсон, гурӯҳи шахсон, шуъбаҳо, хизматрасониҳо ва ғ. мебошанд, ки амалҳои назоратиро нисбат ба объектҳои назорати дохилӣ вобаста бо ҳуқуқу уҳдадориҳои дар дастурамалҳо ва санадҳо дарҷгардида амалӣ месозанд.

Бинобар ин, дар парандапарварӣ объекти назорати дохилиро аз объекти баҳисобгирӣ ҷудо намудан лозим аст, ки имконияти амалӣ сохтани назоратро дар марказҳои масъулият фароҳам меоваранд (расми 1.3.1).

Амалӣ сохтани назорат дар марказҳои масъулият ба объекти мушаххаси назорат имконият медиҳад, ки сифати кори роҳбарияти зершуъбаҳо баҳогузорӣ карда шавад. Ҳамчунин муҳим аст, қайд намоем, ки ҳангоми гузаронидани назорати дохилӣ объекти мушоҳида захираҳо ва ҷараёнҳои истеҳсолӣ набуда, балки фаъолияти коргарони корхона, роҳбарият ва менеҷерон мебошанд. Хусусиятҳои хоси назорат ҳангоми муайян сохтан ва ҳал намудани масъалаҳои назорати дохилӣ, аз мақсадҳои он бармеояд. Баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ, назорати иҷроиши фармону дастуру супоришҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, стандартҳо, дастурамали вазифавӣ ва рафъи камбудиву хатогиҳои ҷойдошта дар фаъолияти молиявӣ-хоҷагидорӣ мақсади асосии назорати дохилӣ мебошад.

Ҳамин тавр, мақсади асосии назорати дохилӣ дар корхона – ин таъмини идорашавандагии он, хусусусан мусоидат намудан ба таъминсозии фаъолиятнамоии объекти идоракунӣ дар режимҳои ҷорикардашуда, бидуни майлкуниҳо, тариқи пешниҳод кардани иттилооти зарурӣ мебошад. Барои ин лозим аст, ки чунин тамоилҳои хоҷагидорӣ сари вақт ошкор карда шуда, огоҳӣ дода шуда, табиати онҳо омӯхта шавад.

Гуфтаҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, метавон тасдиқ намуд, ки мақсади амалисозии назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ санҷиши саривақтӣ ва пурраи тамоми равандҳои технологӣ дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот, пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ аз рӯйи хусусиятҳои ташкиливу технологии соҳа ва истифодабарии захираҳо (молиявӣ, меҳнатӣ ва моддӣ) мебошад, ки он имконият медиҳад, то тамоилҳо ва камбудиҳо муайян карда шуда, бартараф карда шаванд.

**СУБЪЕКТОНИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ**

**Роҳбарияти корхонаи парандапарварӣ**

Муовини директор оид ба истеҳсолот | Шуъбаи назорати сифати маҳсулот

Сардори шуъбаи инкубатсионӣ | Сардори шуъбаи истеҳсоли тухм | Сардори шуъбаи тухмчудокунӣ | Сардори шуъбаи чӯҷапарварӣ | Сардори шуъбаи забҳи мурғон

**ОБЪЕКТОНИ НАЗОРАТИ ДОХИЛӢ**

Инкубатсияи тухмҳо | Тӯдаи парандагони саноатӣ | Тӯдаи парандагони наслдеҳ | Парвариши чӯҷаҳои ҷавон

**Мақсад ва вазифаҳои назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ**

**Элементҳои системаи назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ**

Системаи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот | Назорати дохилӣ | Технологияҳо

Сиёсати баҳисобгирии корхона
Таъминоти баҳисобгирӣ – иттилоотии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ
Дар регистри баҳисобгирӣ инъикос намудани тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ
Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ
Ташаккули ҳисобот

Санҷиши сиёсати баҳисобгирӣ аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ
Санҷиши нақшаҳои тиҷоратӣ, буҷетҳои молиявию истеҳсолӣ, масъалаҳои ҳисоббаробаркуниҳои хоҷагидорӣ, сметаҳои парандапарварӣ
Санҷиши навишти дурусти хароҷот дар ҳисобҳои бухгалтерӣ ва ҳисоботҳо
Санҷиши равандҳои нигоҳубини тӯдаи парандагони бавоярасида, чӯҷаҳои ҷавона ва инкубатсияи тухмҳо
Санҷиши ҳуҷҷатгузории амалиётҳои бо истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ алоқаманд
Санҷиши меъёрҳои технологии истифодаи хӯрока дар парандапарварӣ
Санҷиши пурра ва сариваҳт ворид кардани маҳсулоти парандапарварӣ

**Расми 1.3.1. - Модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ**

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Мақсади назорати дохилӣ аз вазифаҳои мушаххаси дар пеши он гузошташаванда бармеояд, ки корхона бо ҳал намудани онҳо давра ба давра ба мақсадаш ноил мегардад. Яъне, масъалаи назорати дохилӣ – ин гурӯҳбандии қисмҳои ташкилдиҳандаи мақсад мебошад, ки ба он давра

ба давра, дар алоқамандии якдигарӣ бо дигар қисмҳои ташкилдиҳанда ноил гардонида мешавад.

Самаранокии системаи назорати дохилӣ бо иҷроиши вазифаҳои ҳанӯз дар ибтидои гузаронидани санҷиш муайяншуда, асоснок карда мешаванд, ки аз инҳо иборат мебошад:

– таъмини қонунӣ ва муҳим будани амаликунии амалиётҳои хоҷагидорӣ ва ба таври самаранок иҷро намудани қарорҳои идоракунӣ, махсусан:

– назорат намудани боэътимодӣ, пуррагӣ ва саривақт инъикоскунии маълумот дар баҳисобгирӣ;

– дар равандҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ошкоркунии майлкуниҳо аз меъёрҳо, меъёрномаҳо, стандартҳо, қоидаҳо, нақшаҳо, уҳдадориҳои шартномавии пешбинишуда;

– муайянкунии сабабҳои бавуҷудоии тамоилҳо ва исбот намудани ҷавобгарии шахсони сабабгор барои оқибатҳои онҳо;

– пешгирикунии кандашавии раванди кор, бекорхобиҳо дар фаъолияти қисматҳои сохтории корхона;

– баҳодиҳии инфиродии натиҷаҳои ниҳоии кори корманд, коллективи меҳнатӣ, баҳодиҳии интизоми меҳнат, сатҳи риоякунии ҳамаи талаботҳое, ки аз корманд (коллектив) дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ талаб карда мешаванд, баҳодиҳии ташаббуснокӣ ва пуррагии иҷроиши корҳо аз ҷониби кормандон;

– қабули чораҳо барои ислоҳ ва муайянкунии натиҷаҳои таъсири идоракунӣ.

Барои ҳалли вазифаҳои назоратии махсуси мушаххас ва ё маҷмуаи бо ҳам алоқаманди онҳо қисматҳои сохтории мушаххас (шуъбаҳои назорати техникӣ, шуъбаи аудити дохилӣ, комиссияҳои барӯйхатгирӣ ва ғ.) ташкил карда мешаванд ва ё ба зиммаи шуъбаи функсионалӣ, уҳдадориҳои назорат аз болои захира ё равандро вогузор менамоянд. Вазифаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ вобаста аз

хусусияти корхона, пуррагии сохтори истеҳсолии он, давраҳои такрористеҳсол, истеҳсолот ва ғ. амалӣ карда мешавад. Барои бартараф намудани муаммоҳое, ки дар оянда дар сатҳи зарурӣ ба натиҷаҳои фаъолият таъсири манфӣ расониданашон аз эҳтимол холӣ нест ба роҳ мондани назорат муҳим аст. Бар замми ин, барои ҳавасманд гардонидани фаъолияти самаранок низ назорати дохилӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, ҳангоми амаликунии назорат мувофиқати онро бо хусуисиятҳои шароити муайян ба инобат гирифтан лозим аст, яъне ба мавқеии назорат бояд ҷой дошта бошад. Сатҳи иҷроиши системаи назорати самаранок аз иқтидори корхона ва он ҳолате ки дар он назорат истифода мешавад, бояд ба назар бигирад Ташкили назорати дохилӣ дар корхона – системаи мукаммале мебошад, ки раванди ташаккули базаи иттилоотӣ, амаликунии фаъолияти муайяни назоратӣ ва ҷамъбасткунии натиҷаҳои санҷишро фаро мегирад. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки камбудиҳо ва норасоиҳои ошкоркардашуда ба қайд гирифта шаванд, қарорхои саривақтӣ ва асосноки идоракунӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти хоҷагидорӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ равона гардидаанд, қабул карда шаванд.

# БОБИ 2. БАҲОДИҲИИ ҲОЛАТИ МУОСИРИ ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ТАҒЙИРЁБИҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ПАРАНДАПАРВАРӢ

## 2.1. Ҷанбаҳои назариявии ташкили тасниф ва баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолоти парандапарварӣ

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ бо маълумоти саҳеҳ ва эътимоднок оиди хароҷот ва натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона таъмин намудани сатҳи идоракунӣ (роҳбарият) яке аз масъалаҳои муҳими баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Ташкили дурусти баҳисобгирии хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ бояд амалишавии чунин масъалаҳоро таъмин намояд:

- интихоби объекти баҳисобгирии хароҷот ва асосноккунии иқтисодии онҳо, махсусан аз лиҳози иқтисодӣ асоснок намудани тақсимкунии хароҷот аз рӯйи гурӯҳҳои технологӣ ва намудҳои паранда;

- дуруст тақсим намудани тамоми хароҷот аз рӯйи моддаҳои онҳо, ки тибқи онҳо арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста аз хусусиятҳои парандапарварӣ муайян карда мешавад ва асосноккунии иқтисодии онҳо;

- ташкили баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ;

- дар ҳисобгирӣ инъикос намудани маҳсулоти истеҳсолшуда, асосноккунии иқтисодӣ ва баҳодиҳии он вобаста ба хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ;

- муайян намудани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда бо назардошти хусусиятҳои технологию ташкилии истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ.

Баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти парандапарварӣ аз муайян намудани объектҳои баҳисобгирӣ ва асосноккунии иқтисодии онҳо ба мақсад мувофиқ аст, ки барои назорат аз рӯйи ташаккулёбии

хароҷот ва барои дуруст ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда шароит фароҳам меорад.

Бинобар ин, масъалаи дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ ин таҳлил намудани мазмуну мундариҷа ва моҳияти мафҳуми «объекти баҳисобгирии хароҷот» бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавии парандапарварӣ мебошад.

Дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқоти диссертатсиони муайян гашт, ки солҳои охир бештари муҳаққиқон дар пажуҳиши илмиашон кӯшиш намудаанд, ки мафҳуми объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва мазмуни иқтисодии онро асоснок кунанд. Аммо дар айни замон нуқтаи назари ягона вобаста ба таърифи ин категорияи иқтисодӣ то ба ҳол мавҷуд нест.

Объекти баҳисобгирии хароҷот аз нигоҳҳои гуногун ба тарзи гуногун таъриф дода мешавад. Масалан, В.Ф. Палий «таҳти объекти баҳисобгирии хароҷот – хароҷоти воқеии истеҳсолотро мефаҳмад, ки аз рӯйи аломатҳои гуногун гурӯҳбандӣ шуда, барои ташаккул додани нишондиҳандаҳои арзиши аслӣ истифода мешаванд. Ҳамзамон объектҳои аввалиндараҷаи баҳисобгирии хароҷот хароҷоти меҳнат ва сарфи захираҳои моддӣ ҳангоми иҷро гардидани амалиётҳои гуногуни истеҳсолӣ, харҷҳо барои нигоҳубин ва ба кор даровардани мошинҳо, механизмҳои гуногун, таҷҳизотҳо, бинову иншоот барои идоракунии истеҳсолот мебошанд»[1]. Муаллиф бар он ақида аст, ки аломатҳои гурӯҳбандиии хароҷот ин ҳамон объекти хароҷот мебошад. Аммо аз нигоҳи мо, ин аломати тавсифии хароҷот мебошад. Чунин нуқтаи назарро олимони дигар низ тарафдорӣ мекунанд «зери объекти баҳисобгирӣ гурӯҳбандии хароҷот аз рӯйи аломати хароҷот, ки барои идоракунии арзиши аслии маҳсулот зарур аст, фаҳмида мешавад»[2].

М.А. Вахрушина бошад, объекти баҳисобгирии хароҷотро ҳамчун «… ҷойи ба вуҷуд омадани хароҷот, намудҳо ва гурӯҳҳои маҳсулотҳои

[1] Палий В.Ф. Основы калькулирования. – М.: Финансы и статистика, 1987. -288 с.- С. 85-86

[2] Бухгалтерский учет /А.И. Балдинова, Т.Н. Дементей, Е.И. Завидова и др.; Под ред. И.Е. Тишкова. Мн.: Высш. шк., 1999. – 746 с.- С. 301

якҷинса» медонад[1]. Аз нигоҳи мо чунин равиш мазмуни ин истилоҳро пурра инъикос намекунад. Чункӣ объекти баҳисобгирии хароҷот вобаста аз рӯйи ҷойи ба вуҷуд омадани хароҷот ё гурӯҳҳои маҳсулотҳои якҷинса на дар ҳама ҳолат гурӯҳбандӣ мегарданд ва асосноккунандаи моддаҳои он мебошанд.

Аз нигоҳи Т.П. Карпова объекти баҳисобгирии хароҷот – ин «… аломате мебошад, ки тибқи он гурӯҳбандии хароҷоти истеҳсолӣ барои мақсадҳои идоракунии арзиши аслӣ истифода хоҳанд шуд»[2]. Аммо бояд қайд намоем, ки ғайр аз мақсадҳои идоракунии арзиши аслӣ, инчунин чунин гурӯҳбандии хароҷот самарнокии амалӣ сохтани назоратро низ таъмин хоҳад кард.

Ба ақидаи М.В. Калемуллоев «объекти асосии баҳисобгирии идоракунӣ бояд хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти корхона дар умум ва зерсохторҳои алоҳидаи он бошад»[3]. Е.А. Мизиковский ва И.Е. Мизиковский объекти баҳисобгирии хароҷотро чунин муайян мекунанд: «сохтори таркибии ҳар як намуди фаъолият дар алоҳидагӣ (ҷойи бавуҷудоии хароҷот), ки аз рӯйи он зарурати объективии ташаккули хароҷот мувофиқи принсипи таҳтиҳисоботӣ дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ҷой дорад (аз рӯйи шахси мутасаддии мушаххас»[4]. Мавриди зикр аст, ки бар замми объектҳои маъмулии баҳисобгирӣ сифати маҳсулот, талабот ва тағйирёбии он ба маҳсулот, ташкил ва ҳолати объектҳои ҳифзи муҳити атроф, ҷорӣ намудани технологияи нав, реклама, фармоиши нав ва дигар хусусиятҳои сифатии фаъолияти корхона дохил мешавад.

---

[1] Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет (для бакалавров) + Приложение: Тесты - КноРус – 2019. – 392 с. - С.78
[2] Карпова Т.П. Основы управленческого учета / Т.П. Карпова: [учебник]. – М.: Инфра-М, 1997. – 392 с. - С. 42
[3] Калемуллоев М.В. Производственный учет в системе управленческого учета: Автореф. дис. кан. экон. наук. - М.: Типография ”ЛБЛ”,1999. – 23 с.- С. 13
[4] Мизиковский Е.А. Производственный учет: учебник / Е.А. Мизиковский, И.Е. Мизиковский. – Москва: Магистр: ИНФРА-М, 2015. – 272 с. - С. 54-56

Аз нигоҳи С.Ф. Низомов «Объекти баҳисобгирии идоракунӣ хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагидории корхона дар умум ва сохторҳои алоҳидаи он (сегментҳо, марказҳои масъулият) ва бизнес-ҷараёнҳо, буҷетикунонӣ, ҳисоботи дохилӣ ва назорат ба шумор меравад»[1]. Муаллиф чи гуна ба объекти баҳисобгирӣ буҷетикунонӣ, ҳисоботи дохилӣ ва назоратро мансуб медонад, дақиқ нест.

А.Х. Файзуллоев низоми баҳисобгирӣ-таҳлилии идоракунии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқро таҳқиқ намуда, қайд мекунад, ки «зери объекти баҳисобгирии идоракунӣ бояд хароҷот, даромадҳо, натиҷаҳои молиявӣ ва фаъолгардонии (оптимизатсия) бо мақсади баландбардории натиҷанокии фаъолияти корхона ва сохторҳои воҳидии он қабул карда шавад»[2]. Л.И. Хоружий дар шакли умумӣ объекти баҳисобгириро дар хоҷагии қишлоқ муайян кардааст: «хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолӣ-хоҷагии субъекти муносибатҳои бозорӣ»[3]. И.А. Ламакин баҳисобгирии хароҷот дар хоҷагии қишлоқро таъриф дода, қайд менамояд, ки «объекти баҳисобгирӣ – ин кишту парвариш, гурӯҳҳои ҳайвоноту чорво ва ғайра мебошад»[4]. Мо бо ин ақидаи муаллиф розӣ буда наметавонем, чунки мафҳуми объекти баҳисобгирии хароҷот васеътар буда, гурӯҳҳои корҳои ҷудогона, ҷараёнҳо ва истеҳсолоти муайянро фаро мегирад.

Баҳисобгирии хароҷот дар хоҷагии қишлоқро возеҳ намуда, М.З. Пизенголтс гурӯҳҳои ҷудогонаи чорворо аз рӯйи чунин намудҳо ҷудо мекунад: «чорвои калони шохдор, гӯсфандпарварӣ, парандапарварӣ ва

[1] Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика /монография/. Душанбе: «Сохибкор», 2013 - 272 с.- С. 19
[2] Файзуллоев А.Х. Учетно-аналитическая система управления сельскохозяйственным производством (на примере растениеводства): [Текст] / А.Х. Файзуллоев дис…канд. экон…наук - Д., 2020. – 242 с.- С. 19
[3] Хоружий Л.И. Проблемы теории, методологии, методики и организации управленческого учета в сельском хозяйстве /монография/. - М.: Финансы и статистика, 2004. – 496 с.- С. 258
[4] Ламыкин И.А. Учет затрат и калькуляция сельскохозяйственной продукции. М.: Статистика, 1980. – 168 с.- С. 12

дигарҳо»[1]. Чунин таъриф хело маҳдуд мебошад ва мақсади асосиву масъалаҳои гурӯҳбандиии хароҷотро тибқи объектҳои баҳисобгирӣ пурра инъикос наменамояд.

Ҳангоми интихоби объекти баҳисобгирии хароҷот дар хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти бисёрсоҳа будани он бо ақидаи Р.А. Алборов метавон розӣ шуд. Ӯ қайд мекунад, ки «Интихоби объектҳои баҳисобгирии хароҷот дар хоҷагии қишлоқ дар асоси ду шарт амалӣ карда шавад:

а) аломатҳои гурӯҳбандии омилҳои хароҷот;

б) ҷамъбасти омилҳои хароҷот дар асоси сатҳҳои гуногуни ҷараёни истеҳсолот ва идоракунии онҳо»[2].

Вобаста аз ин шароитҳо «объектҳои баҳисобгирии хароҷотро метавон ба низом даровард:

• аз рӯйи намуд ва унсурҳои хароҷот (барои тухмӣ, хӯрока, доруворӣ, воситаҳои ҳимояи растанӣ ва чорво, музди меҳнат ва ғайра);

• дар сатҳи технологӣ– аз рӯйи ҷараёнҳои технологӣ ва марҳилаҳо;

• аз рӯйи давраи вақт –фазаҳои (сиклҳо, давраҳо) истеҳсолот;

• дар сатҳи марказҳои масъулият – аз рӯйи сеххо, фермаҳо, қисмҳо, бригадаҳо, намудҳои растанӣ ва чорвои хоҷагии қишлоқ, гурӯҳи онҳо;

• дар сатҳи ташкили баҳисобгирии ҷамъбастӣ – марказҳои масъулият, намудҳо ва гурӯҳҳои растанӣ ва чорвои хоҷагии қишлоқ»[3].

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми объекти баҳисобгирии хароҷотро якҷоя бо объекти калкулятсия дида мебароянд. Аммо объекти баҳисобгирии хароҷотро бо объектҳои калкулятсия якҷоя намудан мумкин нест, зеро онҳо мафҳумҳои тамоман тафовуткунанда мебошанд. Объекти калкулятсия – ин маҳсули меҳнати корхона ва зерсохторҳои он

---

[1] Пизенгольц М.З. О розработке учета в сельском хозяйстве / М.З. Пизенгольц // Бухгалтерский учет. – 2001. – № 22. – С. 42–46.
[2] Алборов Р.А. Бухгалтерский управленческий учет (теория и практика). М.: Дело и Сервис, 2005.-224 с. - С. 184–185
[3] Алборов Р.А. Бухгалтерский управленческий учет (теория и практика). М.: Дело и Сервис, 2005.-224 с. - С. 184–185

мебошад, яъне маҳсулотҳои ҷудогона ва ё гурӯҳи маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои аз ҷониби корхона истеҳсолшавандае мебошад, ки тибқи онҳо арзиши аслии як воҳиди маҳсулот ҳисоб карда мешавад. Барои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бошад, махсусан дар соҳаи парандапарварӣ, бо объектҳои калкулятсия баробар шуда наметавонад ва барои ҳамин ҳам, ҳар як ҳисоби ҷузъӣ дар парандапарварӣ якчанд барандаи хароҷот дошта метавонад. Аз ин ҷо, ба сифати объектҳои баҳисобгирии хароҷот - хароҷоте баромад мекунанд, ки дар доираи муқарраршуда аз рӯйи киштзорҳои хоҷагии қишлоқ, гурӯҳҳои онҳо, корҳои алоҳида, ҷараёнҳо ва истеҳсолоти мушаххас инъикос карда мешаванд. Бинобар ин, таърифи мазкур нисбатан пурратар буда, тамоми ҷанбаҳои ҷараёнҳои истеҳсолот ва баҳисобгириро фаро мегирад.

Ба ақидаи мо, дар шароитҳои муосир объекти баҳисобгирии хароҷотро ҳамчун маҷмуи гурӯҳҳои ҳайвонот дида баромадан комилан дуруст нест, махсусан ин ба корхонаҳои парандапарварӣ тааллуқ дорад. Барои ҳамин ҳам, имрӯз олимони иқтисодчӣ дар пажуҳишҳои худ ҳангоми муайян кардани объектҳои баҳисобгирии хароҷот ба сифати объект на танҳо намудҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи чорво ва маҳсулотро ҷудо мекунанд, балки инчунин сегментҳои ҷудогонаи корхонаро (марказҳои масъулият ва хароҷот) низ ҷудо менамоянд.

Ҳам дар адабиёти ватанӣ ва ҳам дар доираи таҳлилҳои олимони хориҷӣ то ба ҳол ақидаи ягона оид ба ҷойи (макони) ба вуҷудоии хароҷот ва марказҳои масъулият мавҷуд нест ва ин истифодаи амалии онҳоро бозмедорад, ҳарчанд ки гурӯҳбандии ин объектҳо дар шароити бозор самти асосии мукаммалгардонии баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Баъзе олимон (А.Д. Трусов, С.А Николаева ва дигарон)[1] фарқияти ин мафҳумҳоро назарнорас баррасӣ намуда, баъзеи дигар

---

[1] Николаева С.А. Особенности учета затрат в условиях рынка: система «Директ-консалтинг» / С.А. Николаева. – М.: Финансы и статистика, 1993. – 128 с.; Трусов А.Д. Учет затрат в комплексных производствах / А.Д. Трусов. – М.: Финансы и статистика, 1987. – 240 с.

бошанд, (В.Б. Ивашкевич, Т.С. Сандрикова ва дигарон)[1], фарқияти онҳоро аз якдигар ба таври возеҳ инъикос намудаанд.

А.Д. Трусов, С.А. Николаева мафҳуми ҷойи бавуҷудоӣ ва марказҳои хароҷотро мутаносиб донista, С.А. Николаева ҷойи бавуҷудоии хароҷотро ҳамчун воҳидҳои сохторӣ ва зершуъбаҳо медонад, ки дар онҳо истеъмоли аввалиндараҷаи захираҳо ба амал меоянд (ҷойҳои корӣ, бригадаҳо, зершуъбаҳо ва ғ.)[2]. Аз назари мо мафҳуми «маркази масъулият» нисбат ба мафҳуми зершуъба васеътар мебошад, ҳарчанд, ки дар ин ё он ҳолат сухан оид ба бурдани назорат аз рӯйи сатҳи сарфанокӣ, мақсаднокӣ ва баргардонидани хароҷот меравад.

Аммо В.Б. Ивашкевич, Т.С. Сандрикова, М. Чумаченко, В.Ф. Палий ба ҷои бавуҷудоии хароҷот сехҳо, қисматҳо, шуъбаҳоро шомил намуда, ба марказҳои хароҷот бошад, гурӯҳҳои таҷҳизотҳо, мошинҳо, ҷойҳои кориро дохил менамоянд. Ин олимон ба номутаносиб будани мафҳумҳои ҷойи бавуҷудоӣ ва маркази хароҷот ишора намуда, диққати хешро ба он равона сохтаанд, ки ҷои бавуҷудоии хароҷотро ҳамчун маҷмуи марказҳои ба вуҷудоии хароҷоти ибтидоӣ дар соҳаи истеҳсолот шуморанд[3].

С.А. Стуков «ба марказҳои масъулият истеҳсолотро шомил донista, дар дохили онҳо сехҳо, қисматҳо, бригадаҳоеро, ки сардорон

---

[1] Ивашкевич В.Б. Организация управленческого учета по центрам ответственности и местам формирования / В.Б. Ивашкевич // Бухгалтерский учет. – 2000. – №1. – С. 56–59.; Сандрикова Т.С. Методология и организация управленческого учета в сельскохозяйственном производстве: дис. на соискание науч. степени доктора экон. наук / Т.С. Сандрикова. – Рязань, 2003. – 442 с.

[2] Николаева С.А. Особенности учета затрат в условиях рынка: система «Директ-консалтинг» / С.А. Николаева. – М.: Финансы и статистика, 1993. – 128 с. - С. 29

[3] Ивашкевич В.Б. Организация управленческого учета по центрам ответственности и местам формирования / В.Б. Ивашкевич // Бухгалтерский учет. – 2000. – №1. – С. 56–59.; Палий В.Ф. Основы калькулирования. – М.: Финансы и статистика, 1987. - 288 с; Сандрикова Т.С. Методология и организация управленческого учета в сельскохозяйственном производстве: дис. на соискание науч. степени доктора экон. наук / Т.С. Сандрикова. – Рязань, 2003. – 442 с.; Чумаченко Н.Г. Методы учета и калькулирования себестоимости промышленной продукции / Н.Г. Чумаченко: [учебник]. – М.: Финансы, 1965. – 124 с.

идора мекунанд, шомил кардааст»[1], ки аз нигоҳи мо чунин тақсимкунии объектҳои баҳисобгирии хароҷот бояд дар корхонаҳои махсуси парандапарварӣ татбиқ карда шаванд.

С.Ф. Низомов ва дигарон навиштаанд «*Мафҳуми «маркази масъулият» бо мафҳуми «аз рӯйи ҷои бавуҷудоии хароҷот»* («ҷойи пайдоиши хароҷот») робитаи зич дорад. Таконбахши ибтидоии гурӯҳбандии хароҷот аз рӯйи ҷои бавуҷудои хароҷот ғайриимкон гардидани гурӯҳбандии аввалияи онҳо вобаста ба намудҳои маҳсулот мебошад»[2]. Онҳо қайд мекунанд, ки «Дар намуди умумӣ ҷои бавуҷудои хароҷот воҳидҳои сохторӣ ва сохторҳои истеҳсолот (ҷойҳои корӣ, бригадаҳо, звеноҳо, истеҳсолот, қитъаҳо, сеххо, шуъбаҳо ва ғайра) мебошанд, ки дар онҳо истеъмоли ибтидоии захираҳои истеҳсолӣ сурат мегирад ва тибқи онҳо банақшагирӣ, меъёргирӣ ва баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ бо мақсади назорат ва идоракунии хароҷот, ташкили ҳисоби дохилии хоҷагидорӣ ба амал бароварда мешаванд»[3].

Ҳамин тавр, гуфтаҳои дар боло овардашударо ҷамъбаст намуда, объекти баҳисобгирии хароҷотро ҳамчун хароҷоти воқеии истеҳсоли маҳсулот медонем, ки аз рӯйи онҳо дар доираи муайян гурӯҳбандӣ карда мешаванд, гурӯҳҳои қисматҳо, корҳои алоҳида, ҷараёнҳои мушаххаси истеҳсолот гузаронида шуда, барои муайян кардани арзиши аслӣ ва назорати идоракунии самараноки ҷараёни истеҳсолот истифода хоҳанд шуд. Ба интихоб ва гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии хароҷот пояи иттилоотӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва инчунин хусусиятҳои ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва технологӣ ва натиҷаҳои ниҳоӣ, махсусияти корхона ва ташкили ҳисоббаробаркуниҳои дохилихоҷагӣ таъсир мерасонанд.

---

[1] Стуков С.А. Система производственного учета и контроля / С.А. Стуков. – М.: Финансы и статистика, 1988. – 223 с., - С. 8

[2] Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: Ирфон, 2017. 324 с., - С. 295

[3] Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: Ирфон, 2017. 324 с., - С. 295

Ғайр аз ин, ба интихоби объектҳои баҳисобгирии хароҷот хусусиятҳои технологии истеҳсолот, намудҳои ташкили истеҳсолот, сохтори идоракунии корхона, параметрҳои техникии маҳсулот, сатҳи рушди муносибатҳои дохиликорхонавӣ низ таъсир мерасонанд. Барои ҳамин ҳам, интихоб ва асосноккунии объектҳои баҳисобгирии хароҷот дар парандапарварӣ равиши махсусро талаб мекунад. Парандапарварӣ ҳамчун соҳаи чорводорӣ хусусиятҳои хоси ташкили истеҳсолоти худро дар давраҳои технологии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, ҷараёнҳои технологӣ дорад, ки бешак ба ташаккулёбии объетҳои баҳисобгирии хароҷот таъсир мерасонанд.

Объекти баҳисобгирии хароҷот дар парандапарварӣ тӯдаи мурғони бавоярасида, чӯҷаҳои ҷавон, инкубатсияи тухмҳо мебошанд. Аммо баъзе олимон бар он ақидаанд, ки гурӯҳбандии меъёрии хароҷоти истеҳсолӣ аз рӯйи объектҳои зикргардида якҷинса нестанд, аз ҷумла инкубатсия – ин ҷараёни технологӣ буда, чӯҷаҳои ҷавонаи дар парвариш буда– ин гурӯҳи калони технологӣ мебошанд, яъне дар ин ҷо якҷоя намудани ҷараёнҳои технологӣ ва гурӯҳи сегментҳои технологии корхона ба назар мерасанд. Онҳо бар ин ақидаанд, ки ҳангоми гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии хароҷот онҳоро ҳамчун принсипан якҷинса унвон додан ба мақсад мувофиқ мебошад. Аз нигоҳи мо, аз рӯйи қонунгузорӣ ҷудо намудани объектҳои баҳисобгирии хароҷот дар парандапарварӣ комилан асоснок мебошад.

Объектҳои баҳисобгирии хароҷот дар парандапарвариро метавон аз рӯйи мутобиқати технологияҳои мавҷудбуда, ки дар корхонаҳои мушаххас истифода карда мешаванд, муайян намуд. Масалан, дар корхонаҳои парандапарварии махсусгардонидашуда объекти баҳисобгирии хароҷотро метавонанд тибқи самтҳои парвариш (тухмӣ ва гӯштӣ) ва гурӯҳҳои технологӣ муайян намуд. Аммо тибқи ҷараёнҳои технологӣ ба ин соҳа ҷавобгӯ метавонад ба қатори объектҳои дар боло қайдгардида намудҳои муайян ва гурӯҳҳои парандаҳо дохил карда

шаванд. Яъне, объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарвариро аз рӯйи намудҳои парандаҳо ҷудо менамоянд.

Дар даврони шуравӣ ҳангоми истифода намудани технологияҳои парвариши мурғон аз рӯйи гурӯҳҳои синну солиашон ҳангоми муайян намудани объектҳои баҳисобгирии хароҷот чунин хусусиятҳои биологии мурғро, ба монанди маҳсулнокӣ, афзоиши талаботи хӯрокаи онҳо ва ҳаҷми зиндаи онҳо мутобиқи синну сол ба инобат гирифта мешуданд. Имрӯз бошад, ҷараёни технологияи парвариши парандагон нигоҳдории онҳоро аз рӯйи гурӯҳҳои синну соли дар назар надорад ва барои ҳамин ҳам, талабот барои муайян кардани объектҳои баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи гурӯҳҳои синну соли парандагон беасос мебошад.

Низоми баҳисобгирии истеҳсолӣ аз интихоби объекти баҳисобгирии хароҷот вобаста мебошад. Аз интихоби объекти иттилоотии низом имконияти ташаккули нишондиҳандаҳои зарурии ҷараёни идоракунӣ вобаста мебошад. Барои ҳамин, объектҳои баҳисобгирии хароҷот дар низоми баҳисобгирии идоракуниро бояд мувофиқ ба мақсад аз рӯйи чунин аломатҳо гурӯҳбандӣ намуд: аз рӯйи ҷараёнҳои технологӣ (нигоҳубини мурғони бавоярасида, инкубатсияи тухмҳо, парвариши чӯҷаҳои ҷавона) дар ҷойҳои бавуҷудоӣ (сехҳо, қисматҳо, бригадаҳо), гурӯҳҳои технологии паранда (тӯдаи мурғони наслдиҳанда, саноатӣ, ҷавона ва тӯдаи мурғони ивазкунанда). Бинобар ин, баҳисобгирии хароҷот дар парандапарвариро зарур аст, ки аз рӯйи объектҳои хароҷот, марказҳои бавуҷудоии хароҷот амалӣ намуд.

Гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии хароҷот бо мақсади ташаккули баҳисобгирии ҷузъӣ дар парандапарварӣ дар расми 2.1.1 оварда шудааст.

Ҳамин тавр, ҷараёнҳои технологӣ – ин марҳилаи муайяни ҷараёни технологие мебошанд, ки дар онҳо гурӯҳҳои технологии парандагонро нигоҳдорӣ мекунанд. Гурӯҳи технологӣ – ин гурӯҳҳои парандагоне

мебошанд, ки аз рӯйи ҷинс ва синну сол муттаҳид карда шуда, нигоҳубини онҳо дар ҳолатҳои якхела амалӣ карда мешавад.




**Расми 2.1.1. - Модели муайян кардани объектҳои баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ**

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Гурӯҳбандии хароҷот аз рӯйи гурӯҳҳои технологии мурғон аз махсусияти корхона вобаста мебошад, алалхусус аз:

- дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ, ки барои парвариши мурғони тухмдиҳанда машғуланд, баҳисобгирии ҷузъии хароҷотро аз рӯйи чунин гурӯҳҳо гузаронидан лозим аст: тӯдаи мурғони наслдиҳанда ва саноатӣ аз рӯйи гурӯҳҳои технологӣ. Дар корхонаҳои парандапарварии махсусгардонидашуда, инчунин дар гурӯҳи алоҳида тӯдаи ҷавонаи ивазкунандаро низ ҷудо мекунанд;

- дар корхонаҳои самти парвариши мурғони гӯштӣ объекти баҳисобгириро аз рӯйи чунин гурӯҳҳо ташаккул медиҳанд: тӯдаи

мурғони наслдеҳ, чӯҷаҳои бройлерӣ, ҷӯҷаҳои ҷавонаи ивазкунанда (тибқи гурӯҳҳои технологӣ);

- дар корхонаҳои муқаррарӣ муттаҳидкунӣ аз рӯйи ду гурӯҳҳои технологӣ амалӣ карда мешавад: чӯҷаҳои ҷавона ва тӯдаи мурғи бавоярасида.

Объектҳои баҳисобгирии хароҷотро бояд дар асоси муттаҳидсозии бисёрварианта бо усулҳои гуногуни баҳисобгирии истеҳсолӣ ба роҳ монд. Модели пешниҳодгардидаи муайянсозии объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва ташкили баҳисобгирии ҷузъӣ имконият медиҳад, ки ташкили баҳисобгирии ҷузъӣ дуруст ба роҳ монда шуда, арзиши аслии маҳсулот аз рӯйи гурӯҳҳои алоҳидаи технологӣ, марказҳои масъулият, ҷараёнҳои технологӣ дар доираи марказҳо ва намуди парандаҳо дуруст ҳисоб карда шуда, таҳлил карда шавад. О.Д. Каверина «ҷудонамоии объектҳои баҳисобгирии хароҷотро дар асоси ҷамъоварии хароҷот бо зарурати таъминоти пояи иттилоотии ҷараёни калкулятсияи арзиши аслӣ алоқаманд мекунад»[1]. Чунин тартиби ҷудо намудани объектҳои баҳисобгирӣ дуруст аст, вале комилан талаботҳои менеҷменти муосирро бо иттилооти зарурӣ қонеъ карда наметавонад. Мо фикр мекунем, ки объектҳои баҳисобгирии хароҷотро ба анъанавӣ (ҷойи бавуҷудоӣ, маркази масъулият) ва (навин) инноватсионӣ (сегментҳо, бизнес–ҷараёнҳо, амалиётҳои бизнес–ҷараёнҳо, давраи ҳаёти махсулот ва ғайра) гурӯҳбандӣ кардан ба мақсад мувофиқ аст. Зеро объектҳои баҳисобгирии хароҷоти анъанавӣ аз рӯйи аломати тааллуқаш ба объект нигаронида бошад, инноватсионӣ ҳам ба объект ва самти стратегии фаъолияти корхонаро бо иттилоот таъмин месозад.

Баҳисобгирии хароҷотро аз рӯйи объектҳои баҳисобгирии хароҷот амалӣ намуда, корхонаҳои парандапарварӣ оид ба калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот маълумотҳои заруриро мегиранд. Барои ҳамин ҳам,

[1] Каверина О.Д. Управленческий учет: теория и практика / О.Д. Каверина. – 2-е изд., прераб. и доп. – Москва: Издательство Юрайт, 2014. – 488 с., - С. 114

масъалаи баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ бояд, пеш аз ҳама, ба татбиқи чунин тарзи бақайдгирии хароҷот равона гардад, ки ҳангоми он имконияти муайян сохтани ба кадом объекти баҳисобгирӣ тааллуқ доштани онҳо имконпазир бошад. Ин талабот иҷро мегардад, агар хароҷот аз рӯйи моддаҳо дар баҳисобгирӣ инъикос карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки ҷараёнҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ гурӯҳбандиро аз рӯйи моддаҳои хароҷот талаб мекунад. Мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи моддаҳои хароҷотро корхонаҳо мустақилона бо дарназардошти хусусиятҳои соҳавӣ муайян мекунанд. Бахри пешбурди баҳисобгирии хароҷот дар парандапарварӣ аз рӯйи номгӯи моддаҳои хароҷоте амалӣ карда мешавад, ки дар чорводорӣ истифода мегардад. Аммо тамоилҳои номгӯи моддаҳои хароҷот дар корхонаҳои парандапарварии тавсияшуда аз ҳамин шаҳодат медиҳад, ки дар маҷмуъ номгӯи моддаҳои хароҷоти соҳаи чорводорӣ тамоми хусусиятҳои соҳаи парандапарвариро фаро гирифта наметавонад.

Таҳлили фаъолияти корхонаи «Рушди парандапарварӣ»-и шаҳри Турсунзода имкон дод, ки чунин равишҳо барои гурӯҳбандии хароҷот аз рӯйи моддаҳои алоҳида муайян карда шаванд, махсусан:

- ҳиссаи чунин хароҷотро дар арзиши аслии маҳсулот ба инобат гирифтан, яъне ҳамчун моддаи мустақилона ҷудо намудани ҳамон хароҷоте, ки саҳмашон дар сохтори умумӣ на камтар аз 5-10% мебошад. Ҳангоми интихоби равиши гуруҳбандии моддаҳои хароҷот корхона бояд дар назар дошта бошад, ки истифодаи ин равиш ба он меоварад, ки мақсади муҳимми баҳисобгирии бухгалтерӣ, яъне банақшагирӣ ва идора намудани хароҷот аз мадди назар дур мемонад;

- хароҷоте, ки дар моддаҳои дигар ҷудо карда мешаванд, бояд хусусияти технология ва ташкили истеҳсолотро ба назар гиранд (масалан арзиши тухмҳои ба инкубатсия гузошташуда);

- хароҷоте, ки онҳоро новобаста аз саҳмашон ба моддаҳои алоҳида ҷудо менамоянд, асос ё ташкилдиҳандаи пояи тақсимкунии дилхоҳ хароҷот дигар мебошанд;

- хароҷоте, ки қисмҳои мувофиқи фаъолияти корхонаро тавсиф медиҳанд ва аз рӯйи онҳо назорати махсус бурда мешавад (масалан талафоти паранда).

Ҳангоми гурӯҳбандии моддаҳои хароҷот ҳар як корхона бояд равишҳои зеринро ба инобат гирад.

Тибқи моддаи «Хароҷот ба музди меҳнат» пардохти музди меҳнати иловагӣ ва асосии кормандонро ба ҳисоб мегиранд, ки онҳо бевосита дар ҷараёнҳои технологии истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ машғул мебошанд. Дар парандапарварӣ ҳисоб кардани музди меҳнат вобаста ба маҷмуи маҳсулоти тухмҳо, афзоиши вазни зинда, саршумори парандагон ва дигар нишондиҳандаҳо амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон дар моддаи «Хароҷот ба музди меҳнат» дохил мекунанд:

- маблағи музди меҳнати асосӣ ва иловагии ҳисобкардашудаи мурғхонаҳо ба операторон ва дигар коргарони парандапарварӣ барои иҷрои корҳои воқеии нигоҳубини парандагон ва истеҳсоли маҳсулот;

- пардохтҳои иловагӣ ва мукофотпулиҳо барои баланд бардоштани маҳсулнокии саршумори мурғон, нигоҳдории онҳо ва сифати маҳсулот;

- пардохтҳои иловагӣ барои муттаҳид кардани касбҳо;

- ҳисоб кардани мукофотпулиҳо барои натиҷаҳои корҳо дар сол;

- пардохтҳои иловагӣ барои иҷрои корҳои аз меъёр зиёд ва дар басти шабона, ҳисобкунии захираҳо барои пардохти рухсатии меҳнатӣ;

- арзиши пардохти натуралӣ ва дигар маблағҳои подоши меҳнат, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фонди музди меҳнат дохил мешаванд.

Хароҷоти меҳнат аз рӯйи ин моддаро дар ду ченак инъикос мекунанд: ба намуди пулӣ, яъне маблағи музди меҳнати пардохтшуда бо сомонӣ ва бо миқдори соатҳои кории меҳнатӣ, ки ба хизматрасониҳои парандапарварӣ сарф шудаанд.

Ҳангоми системаи мукофотдиҳии саривақтии пардохти музди меҳнат миқдори соатҳои коркардашуда аз рӯйи ҷадвали штатии тасдиқшудаи ишғоли вазифаҳо муайян карда мешаванд.

Системаи пардохти музди меҳнат аз рӯйи иҷроиши корҳоро дар он корхонаҳое истифода мекунанд, ки дар онҳо маҳсулот дар давоми сол истеҳсол мегардад. Пардохти музди меҳнат аз рӯйи натиҷаҳои ҳармоҳа, яъне тибқи маҳсулоти истеҳсолшуда ва арзиши як воҳиди маҳсулот муайян карда мешавад.

Дар корхонаҳое, ки маҳсулот танҳо дар давраҳои муайян ва ё як маротиба дар як сол истеҳсол мешавад, пардохти музди меҳнати операторони парандапарварӣ ва дигар коргаронро тибқи системаи аккордӣ ба роҳ мемонанд. Ҳамзамон музди меҳнатро ҳармоҳа бо тартиби пешпардохт ба арзиши аслии корҳои иҷрогардида вобаста аз меъёрҳои муайянгашта ва хизматрасониҳо ҳамроҳ мекунанд.

Аз рӯйи моддаи «Хӯрока» арзиши хӯрокаи истеҳсоли худӣ ва харидашударо инъикос намуда, хароҷоти барои дар дохили хоҷагӣ ҷойгир намудани онҳоро муайян мекунанд. Як қисми хароҷоти нигоҳдории сехҳои хӯрокаро ба арзиши хӯрока ворид месозанд, ки онҳоро дар анборҳо нигоҳдорӣ мекунанд. Меъёри хароҷоти хӯрока дар асоси нормативҳои илман асоснок кардашуда бо дарназардошти ба ҳар як сари паранда вобаста аз синну соли он ва намудҳои таҷҳизотҳои ғунҷоишдодашуда, ки дар онҳо нигоҳдорӣ карда мешаванд, ҳисоб карда шуда, муайян карда мешавад.

Дар давоми сол тибқи қонунгузории амалкунанда тавсия дода мешавад, ки хӯрокаҳое, ки корхона дар соли гузашта омода намудааст, ба хароҷот аз рӯйи арзиши аввалашон дохил карда шуда, хӯрокаҳое, ки дар соли ҷорӣ омода карда шудаанд, аз рӯйи арзиши нақшавӣ ва хӯрокаҳои харидорикардашударо бошад, аз рӯйи чунин усулҳои муайянсозии арзиши ибтидоиашон ба ҳисоб гиранд: арзиши аслии идентификатсионии воҳиди захираҳои мувофиқ, арзиши аслии

миёнабаркашидашуда, арзиши аслии ибтидоӣ аз рӯйи воридшавии захираҳо (ФИФО), хароҷоти нормативӣ. Онҳо элементҳои сиёсати баҳисобгирии корхона мебошанд.

Аз рӯйи моддаи «Сӯзишворӣ ва маводҳои равғанкунӣ» нархи комплексии сӯзишвориро муайян мекунанд, ки ба он арзиши он барои иҷрои амалиётҳои технологӣ ва инчунин арзиши равғанҳову дигарҳо дохил карда мешавад.

Аз рӯйи моддаи «Воситаҳои ҳифзи парандагон» бошад, арзиши маводҳои доруворӣ, биопрепаратҳо ва воситаҳои дизенфексиякунонӣ, ки дар вақти нигоҳубини парандагон истифода мешаванд, инъикос карда мешаванд.

Аз рӯйи моддаи «Кор ва хизматрасониҳо» арзиши корҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолоти ёрирасон ба ҳисоб гирифта мешавад, ки эҳтиёҷоти истеҳсолиро қонеъ мегардонанд. Ба таркиби ин модда арзиши хизматрасонии нақлиёти худӣ ва хизматрасонии корхонаҳои нақлиётӣ ё ҷалбшуда мувофиқи қарордодҳо барои кашонидани захираҳои истеҳсолӣ ба анборҳои корхона ва ба дигар ҷойҳо дохил карда мешаванд. Хароҷотро ба объектҳои алоҳидаи баҳисобгирии хароҷот вобаста аз ҳаҷми борҳои кашонида ҳамроҳ мекунанад.

Арзиши хизматрасониҳои барқ, об, сӯзишворӣ ва газро бо назардошти арзиши онҳо, ки аз берун ворид карда мешаванд, муайян мекунанд.

Хизматрасониҳои истеҳсолоти ёрирасонро дар парандапарварӣ дар моддаи «Кор ва хизматрасониҳо» аз рӯйи ҳар як намуди истеҳсолот инъикос мекунанд.

Аз рӯйи моддаи «Хароҷот ба таъмири дороиҳои ғайригардон» маблағи пардохти музди меҳнати кормандони дар марказҳои таъмиркунӣ буда, арзиши қисмҳои эҳтиётӣ, маводҳои сохтмонӣ, ки ба таъмири дороиҳои ғайригардони парандапарварӣ равона шудаанд, муайян карда мешаванд.

Аз рӯйи моддаи «Дигар намуди хароҷот барои нигоҳдории дороиҳои ғайригардон» истеҳлоки воситаҳои асосии корхонаҳои парандапарварӣ, мошинҳо, таҷҳизотеро, ки дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ истифода мешаванд, инчунин музди меҳнати коргарони ба воситаҳои асосӣ хизматрасон муайян карда мешавад.

Аз рӯйи моддаи «Дигар намуди хароҷот» хароҷоти вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти муайянро ба ҳисоб мегиранд, ки онҳо дар моддаҳои дар боло овардашуда инъикос нагардидаанд, махсусан:

- арзиши либос ва пойафзоли махсусе, ки ба кормандон дода шудаанд ва инчунин предметҳои камарзиш ва тез хӯрдашаванда;

- арзиши фарши мурғхонаҳо (агар мурғонро дар рӯйи фарш нигоҳубин намоянд);

- хароҷоти таҷҳизотҳо барои нигоҳдории маводҳои санитариву доруворӣ;

- хароҷот барои ба кор даровардани таҷҳизотҳои нав;

- пардохтҳо барои суғуртаи чорво, аз ҷумла тӯдаи наслдиҳанда ва саноатӣ.

Дар моддаи «Хароҷоти ғайриистеҳсолӣ» талафот аз рӯйи фавти парандагонро бидуни талафотҳое, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ рух медиҳанд, инъикос мекунанд. Талафот аз фавти парандагонро аз рӯйи баҳоҳои арзишие ҳисоб мекунанд, ки тибқи он парандагонро дар рӯзи фавташон ба ҳисоб гирифтаанд.

Дар моддаи «Хароҷоти умумиистеҳсолӣ» хароҷоти сехҳо, бригадаҳо ва дигар зершуъбаҳо, инчунин хароҷоти идоракунии сифати маҳсулот ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Аз сабаби он ки соҳаҳои алоҳидаи чорводорӣ, махсусан парандапарварӣ хусусияти худро доранд, пас ҳангоми ташкили баҳисобгирии хароҷот моддаҳои иловагиро ҷудо намудан мумкин аст. Масалан, моддаи «Арзиши тухмҳои ба инкубатсия гузошташуда». Дар он бояд маълумот оид ба тухмҳои истеҳсоли худии корхона ва тухмҳои

харидашударо инъикос намуда, дар моддаи «Чӯҷаҳои шабонарӯзӣ» бошад, маълумот оид ба чӯҷаҳои истеҳсоли худӣ ва аз дигар ҷой харидашударо ҷудо намуд.

## 2.2. Такмили методикаи ҳуҷҷатикунонӣ ва баҳисобгирии ҷузъии хароҷоти истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ

Парандапарварӣ яке аз соҳаҳои муҳимми хоҷагии қишлоқ буда, аҳолиро бо маҳсулоти пурқимати хӯрокворӣ таъмин мекунад. Тухми мурғ яке аз навъҳои асосии маҳсулоти парандапарварӣ мебошад. Вобаста ба технологияи парвариши мурғ (тухм ё гӯшт) тухми мурғро ҳамчун маҳсулоти асосӣ ё иловагӣ метавон ҳисоб кард.

Тадқиқоти гузаронидашуда дар адабиёти илмии ватанӣ мавҷуд набудани муносибати ягонаи сохторӣ ва интегралӣ ба инъикоси баҳисобгирии раванди ҷойгиркунии тухми мурғро муқаррар намуд.

Барои ҳамин, зарурияти ҷамъбасткунӣ, банизомдарорӣ ва далелнокии инъикоси баҳисобгирии қабули тухми паранда дар корхонаҳои парандапарварӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳавӣ ва дар асоси талаботи қонунгузории амалкунанда ва амалияи пешқадам ба миён омадааст, ки мавриди таҳқиқ фаро гирифта шуд. Барои ба ҳадафи мазкур расидан иҷроиши вазифаҳои зерин муҳим мегардад:

- омӯхтани моҳияти иқтисодии тухми мурғ ҳамчун маҳсулоти тайёр, гурӯҳбандии тухм аз тӯдаи парандаҳои саноатӣ ва модарӣ;
- ҳуҷҷатикунонии қабули тухм дар фабрикаҳои мурғпарварии намудҳо ва ҳаҷми маҳсулоти гуногун;
- баҳодиҳии тухм аз рӯйи қонунгузории ҷорӣ ва таҷрибаи пешқадам;
- инъикоси қабули тухм дар низоми ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ.

Маҳсулоти тайёр маҳсулоти дар корхона истеҳсолшуда мебошад, ки барои фурӯш пешбинӣ шудааст ва ба хусусиятҳои техникӣ ва сифатӣ,

ки дар шартнома ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст, мувофиқ аст.

Новоста аз он ки масъалаҳои баҳисобгирӣ дар соҳаи парандапарварӣ аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои гуногун омӯхта шудаанд, дар баробари ин, як қатор ҷиҳатҳои мушкилоти тадқиқшаванда ба қадри кифоя бо коркарди мукаммали назариявӣ ва амалӣ фаро гирифта нашудаанд. Ин махсусан, ба хусусиятҳои соҳавии истеҳсолоти кишоварзӣ дахл дорад. Аз ҷумла, номукаммал будани заминаи меъёрию методии баҳисобгирии хароҷот ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарвариро қайд кардан мумкин аст.

Масъалаҳои ташкили баҳисобгирии ҷузъӣ ва куллии хароҷот ва маҳсулоти ин соҳа ҳанӯз суст омӯхта мешаванд. Масъалаҳои ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти зотпарварӣ, тухми саноатӣ ва гӯштии парандапарварии навъхои гуногуни паранда низ ба қадри кифоя омӯхта нашудаанд. Ин боиси нодурустии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолшуда гардида, дар натиҷа - ба таҳрифи натиҷаҳои молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ оварда мерасонад.

Аз ин рӯ, зарурати такмил додани тасаввуроти мавҷуда ва ташаккули консепсияҳои нави консептуалӣ, воситаҳои методологӣ бо назардошти хусусиятҳои соҳа ва самтҳои фаъолият барои инъикоси боэътимод ва ҳамаҷонибаи хароҷоти истеҳсолот ва натиҷаҳои идоракунӣ дар парандапарварӣ ба миён меояд.

Дар амалияи ҷаҳонӣ ва ватанӣ истеъмоли тухми мурғ, бедона, мурғи гвиней, марҷон, мурғобӣ, қоз ва шутурмурғ одат шудааст. Дар баробари ин. ба истеъмолгарон фақат тухми мурғ, кабк ва бедона, аҳёнан тухми парандаҳои дигар, ба мисли шутурмурғ ва мурғи марҷон фурӯхта мешавад.

Яке аз навъҳои асосии тухми ғизоӣ тухми мурғ мебошад. Бояд гуфт, ки мувофиқи технологияи соҳаи парандапарварӣ тухм барои

истеъмоли аҳолӣ (тухми тӯдаи мурғҳои саноатӣ) ва тухм барои инкубатсия (тӯдаи волидайни мурғҳо) истеҳсол карда мешавад.

Ба фурӯш тухми парандаи бидуни осеби механикӣ, бо баландии камераи ҳавоӣ на бештар аз 9 мм (барои тухми мурғ), сафеди зичи шаффоф ва зардии ноаён, мавқеи марказӣ ё каме ҳаракаткунанда иҷозат дода мешавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ оид ба пешбурди баҳисобгирӣ дар парандапарварӣ, таснифоти зерини тухмро ҷудо кардан мумкин аст (расми 2.2.1).




**Расми 2.2.1. - Таснифи тухм аз тӯдаҳои мурғҳои саноатӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Тухми мурғ, ки барои фурӯш пешбинӣ шудааст, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад:

• пӯст – пок, осебнадида, бе тағйироти намоён дар сохтор, бе осори хун ё баъди таваллуд;

• сафеда – зич, сабук, соф, шаффоф, бе ягон наҷосати дигар;

• зард – дар сурати овоскопия, ки чун соя намоён аст, бе ангораи баръало намоён, бидуни тағйирёбии чашмрас аз болои тухм ҳангоми гардиш, аз ҳама гуна ифлосиҳо;

• ҷанин дар давраи навзод аст, инкишофи он ба чашм намерасад;

• камераи ҳавоӣ – устувор, баландии на бештар аз 4 мм барои тухмҳои иловагӣ ва на бештар аз 6 мм барои тухмҳои синфи А;

• бӯй – табиӣ, бе ягон бӯи бегона ё пӯсида.

Таснифи тухм аз тӯдаи волидайн бо назардошти таҷрибаи пешқадам дар расми 2.2.2 оварда шудааст.




**Расми 2.2.2. - Таснифи тухм аз тӯдаи волидайн**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Барои тухми мурғҳои барои фурӯш пешбинишуда тамоми талаботи техникии нигоҳдории онҳоро риоя кардан лозим аст (ҷадвали 2.2.1).

**Ҷадвали 2.2.1. - Шароит ва муҳлати нигоҳдории тухми мурғ**

| Гурӯҳи тухм | Ҳарорати нигоҳдорӣ, С° | Мӯҳлати нигоҳдорӣ, рӯз (на зиёда аз) |
|---|---|---|
| Парҳезӣ | аз 0 то 20 | 7 |
| Extra | аз 5 то 15 | 8 |
| Синфи А | аз 5 то 15 | 25 |
| Ошхонавӣ ва синфи В | аз 0 то 20 | 25 |
| Хунуккардашуда | аз - 2 то 0 | 90 |
| Шуста | аз 5 то 8 | 12 |
| Коркардшуда:<br>– чиркин<br>– бо пусти вайроншуда | <br>аз 5 то 8<br>на зиёда аз 1а | <br>20<br>1 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Тухми тӯдаи волидайни мурғҳоро дар соҳаҳои зерин истифода бурдан мумкин аст:

Тухмҳои тӯдаи волидайн барои инкубатсия аз рӯйи аломатҳои беруна ва бо нусхагирӣ бо овоскоп интихоб карда мешаванд. Ҳангоми аз

берун муоина кардани тухм вазн, шакл ва ҳолати пӯсти он ба назар гирифта мешавад. Барои инкубатсия тухмҳои вазни миёна ва калонтарро барои тӯдаи мушаххаси мурғҳои тухмдор интихоб кардан лозим аст. Тухми мурғ вобаста ба ҳолати камераи ҳаво, зардии сафед ва сафед бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошад (ҷадвали 2.2.2).

**Ҷадвали 2.2.2. - Ҳолати камераи ҳаво, зардӣ ва сафедии тухми мурғ**

| Категорияи тухмҳо | Камераи ҳаво ва баландии он, мм | Зардӣ | Сафедӣ |
|---|---|---|---|
| Парҳезӣ | беҳаракат, баландӣ то 4 мм | Мустаҳкам, дар марказ ҷойгиршуда, ноаён | Зич, сабук, шаффоф |
| Ошхонавӣ | Беҳаракат (каме ҳаракат кардан мумкин аст), баландии на бештар аз 7 мм; барои тухми дар яхдон нигоҳ дошташуда на бештар аз 9 мм. | Пойдор, беэътиноӣ, метавонад мавқеъро каме тағйир диҳад, дуршавии эҳтимолӣ аз мавқеи марказӣ; дар тухми дар яхдон нигоҳ дошташуда, сайёр | Зич (эҳтимолан зичии нокифоя), равшан, аён |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Ҳангоми нусхагирӣ ҳаҷм ва мавқеи камераи ҳавоӣ, ҳолати жола, мавқеъ ва ҳаракатнокии зардии зард, мавҷудияти инклюзияҳо ва ҳолати снаряд ба назар гирифта мешавад. Тухмҳо дар ҳуҷраи торик бо истифода аз овоскопи I-11 ё дар мизи махсус нусхагирӣ карда мешаванд.

Тухми инкубатсиониро барои инкубатсия ва истеҳсоли ҷавонаҳои иловагӣ ба дигар фермаҳои мурғпарварӣ фурӯхтан мумкин аст.

Тухми тӯдаи волидайни чӯҷаҳое, ки аз рӯйи натиҷаҳои ҷудокунӣ ва овоскопия барои инкубатсия истифода намешаванд (бордор нашудаанд, ранг ва нарм будани зардӣ, андозаи камераи ҳаво, сифати пӯст ва ғ.) ба сифати тухми ғизоӣ фурӯхта ё истифода мешаванд.

Баҳисобгирии хароҷот ва истеҳсоли маҳсулоти паранда аз рӯйи технологияи истеҳсолот ташкил карда мешавад. Дар ин ҷо ҳисобҳои зерини аналитикӣ кушодан мумкин аст: «Тӯдаи волидайн» (маҳсулот - тухми инкубаторӣ); «Тӯдаи саноатӣ» (маҳсулот - тухми ғизоӣ); «Парвариш ва фарбеҳкунӣ» (маҳсулот - афзоиши вазни зинда); «Инкубатсия» (маҳсулот - чӯҷаҳо). Агар дар ферма навъҳои гуногуни

паранда мавҷуд бошад, пас аз рӯйи навъҳои онҳо - мурғ, ғоз, мурғи марҷон ва ғайра ба ҳисоб гирифта мешавад.

Вобаста ба пешбарии баҳисобгирии алоҳидаи хароҷот аз рӯйи гурӯҳҳои технологӣ дар мурғпарварӣ ҳар кадоми онҳо амалан як намуди махсулоти асосӣ мебарорад. Дар чунин ҳолат, арзиши он бо роҳи тақсим намудани хароҷот ба гурӯҳҳои дахлдор (бо маҳсулоти иловагӣ) муайян карда мешавад.

Ба ғайр аз пору ба маҳсулоти иловагӣ ҳам пашм, пар, тухми сиёҳ ва гӯшти мурғи тухмии дар як рӯз кушташуда дохил мешаванд. Маҳсулоти иловагиро аз рӯйи нархҳои фурӯш ё нархи истифодаи онҳо арзёбӣ мекунанд.

Барои тӯдаҳои волидайн ва саноатӣ, ба хароҷот инчунин арзиши парандаҳои мурдаи тӯдаи асосӣ, ки ба ферма мансуб аст, дохил карда мешаванд. Дар ин ҷо арзиши аслии 1 ҳазор дона тухм ҳисоб карда мешавад. Ҳисобро бо назардошти сифати тухм кардан мумкин аст. Дар ин маврид, хароҷот мутаносибан ба нархи фурӯши тухм тақсим карда мешавад.

Дар асоси парандаи ҷавон арзиши афзоиши вазни зинда ва вазни зинда ҳисоб карда мешавад. Тухме, ки аз парандаи ҷавон гирифта шудааст, маҳсулоти иловагие ҳисобида мешавад, ки бо нархи фурӯш арзиш дорад. Барои муайян кардани арзиши аслии 1 сентнер зиёд кардани вазни зинда хароҷоти нигоҳубини чорвои ҷавони парандаро (бе арзиши маҳсулоти иловагӣ) ба миқдори сентнери афзоиши он тақсим кардан лозим аст.

Маблағи хароҷоти маҳсулоти истеҳсолшуда бо маблағи истеҳсолоти нотамом дар ибтидои сол ва хароҷоти ба арзиши истеҳсолоти нотамом дар охири сол ҳамроҳкардашуда баробар аст. Ин миқдорро ба саршумори парандаҳо тақсим карда, арзиши як сар ҷавонаи мурғ муайян карда мешавад.

Арзиши аслии 1 сентнер вазни зиндаи парандаи ҷавон ҳамон тавр ҳисоб карда мешавад, ки барои парвариш ва фарбеҳ кардани чорво истифода мешавад.

Арзиши чӯҷаҳои якрӯзаро сехи инкубаторӣ муайян мекунад. Он аз арзиши тухми гузошташуда ва хароҷоти инкубатсия иборат аст. Маҳсулоти иловагӣ (тухми сароб, гӯшти хурӯси дар як рӯз куштташуда) аз рӯйи нархҳои фурӯш ё нархи истифодаи маҳсулот баҳо дода мешавад.

Баҳисобгирии қабули тухм вобаста ба гурӯҳҳои баҳисобгирии (технологии) мурғ, ки корхонаҳои парандапарварӣ онҳоро мустақилона муайян мекунанд, сурат мегирад. Барои корхонаҳои парандапарварӣ гурӯҳҳои алоҳидаи (технологии) мурғ - объектҳои баҳисобгирии хароҷот ба шумор меравад. Хароҷоти парвариш ва нигоҳдории гурӯҳҳои дахлдори паранда ва истеҳсоли ҳам маҳсулоти асосӣ ва ҳам иловагӣ дар ҳисобгирӣ инъикос карда мешаванд (ҷадвали 2.2.3).

**Ҷадвали 2.2.3. - Объектҳои баҳисобгирии хароҷот ва намудҳои маҳсулот дар парандапарварӣ**

| Объектҳои баҳисобгирии хароҷот | Маҳсулоти асосӣ | Маҳсулоти иловагӣ |
|---|---|---|
| Тӯдаи волидайни мурғҳо барои истеҳсоли тухм | Тухми инкубатсионӣ | Тухмҳои ғизоӣ (тухмҳое, ки барои инкубатсия корношоям, шикастаанд), |
| Тӯдаи волидайн барои истехсоли гушт | Тухми инкубатсионӣ | Тухмҳои ғизоӣ (тухмҳое, ки барои инкубатсия корношоям, шикастаанд), |
| Тӯдаи марғҳои мургпарварии саноатӣ | Тухми ғизоӣ | Тухмҳои шикаста |
| Парандаҳои ҷавон (самти тухм) | Афзоиши вазни зинда | Тухм, пас аз таваллуд |
| Парандаи ҷавони мубодилавӣ (истеҳсоли тухм) | Афзоиши вазни зинда | Тухм, пас аз таваллуд |
| Парандаҳои ҷавони мубодилавӣ (барои истеҳсоли гӯшт) | Афзоиши вазни зинда | Тухм, пас аз таваллуд |
| Парандаҳои ҷавон (мурғҳои бройлери гӯштӣ | Афзоиши вазни зинда | Пас аз таваллуд |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Тартиби ҳуҷҷатикунонии қабули тухмҳои ҷамъкардашуда аз парандаҳо дар корхонаҳои хоҷагии қишлоқ, пеш аз ҳама, аз махсусияти онҳо вобастагӣ дорад.

Дар корхонаҳои кишоварзии махсусгардониданашуда қабули тухмҳои ҷамъкардашударо дар асоси Рӯзномаи дохилшавии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки дар он ҳар рӯз миқдори мурғҳои тухмдеҳ дар ферма, миқдори тухмҳои ҷамъкардашуда (том ва шикаста), вазни онҳо, инчунин миқдори тухмҳо аз ҷавонамурғҳо ба қайд мегиранд, ба амал мебароранд.

Тухмҳои гирифташударо дар Рӯзнома аз рӯйи гурӯҳҳои баҳисобгирии (технологии) парандаҳо, ки ба зиммаи кормандони алоҳида – мурғпарварон гузошта шудааст, гурӯҳбандӣ менамоянд. Ин ҳуҷҷат барои ҳамаи корхонаҳои кишоварзӣ умумӣ буда, ахбороти алоҳидаи муҳимро барои қарорҳои идоракунӣ дарбар намегирад.

Тухмҳои ҷамъоваришударо дар фермаи мурғпарварӣ аз рӯйи борхатҳо (таъиноти дохилихоҷагӣ) ба анбори тухм, ки дар он ҷо навъбандиро тибқи стандартҳои тасдиқшуда оид ба сифат ва синфҳо ба амал мебароранд, месупоранд.

Дар хоҷагиҳои махсусгардонидашудаи парандапарварӣ тухмҳои ҷамъоваришударо дар Варақаи баҳисобгирии ҳаракати парандаи бавоярасида инъикос карда мешаванд. Дар ин Варақа ҳаракати саршумор ва ҷамъоварии ҳақиқии тухмҳоро ҳар рӯз дарҷ менамоянд. Инчунин гурӯҳи баҳисобгирии (технологии) паранда ва ному насаби мурғпарварро, ки ба зиммаи он саршумори мувофиқи парандаи болиғ гузошта шудааст, нишон медиҳанд.

Барои бақайдгирии маҳсулоти парандапарварӣ як қатор ҳуҷҷатҳо истифода мешаванд. Онҳоро метавон ба ду гурӯҳ тақсим кард:

1) ҳуҷҷатҳои қабули маҳсулоти тайёр, ки раванди истеҳсоли он ба охир расида, ба кредити суратҳисоби 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ» ворид карда мешавад;

2) ҳуҷҷатҳо барои ба ҳисоб гирифтани афзоиши вазни зинда ва насли паранда, ки ба кредити ҳисоби 11460 «Парандаҳо дар парвариш ва фарбеҳкунӣ» дохил карда мешаванд ва танҳо дар шакли парандаи зинда мавҷуданд.

Ба гурӯҳи якум дафтарчаи қабули маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дохил мешавад. Ба гурӯҳи дуюми ҳуҷҷатҳо инҳо дохил мешаванд: санади бақайдгирии пору; варақаи баркашии вазни паранда; санади гирифтан ва ба навъҳо ҷудо кардани ҷавонаҳо - барои аз инкубатор қабул кардани паранда.

Маълумот аз ҳуҷҷатҳои гурӯҳи якум ба ҳисобот дар бораи ҳаракати захираҳои моддӣ, аз гурӯҳи дуюм - ба ҳисобот дар бораи ҳаракати ҳайвонот ва паранда дар ферма дохил карда мешавад.

Чунон ки маълум аст, баҳисобгирии ҷузъӣ мувофиқи тавсияҳои соҳа оид ба банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот ташкил карда мешавад. Аммо ҳатто дар дохили як соҳа ҳам, ҳар як корхона хусусиятҳои хоси технологӣ ва ташкили истеҳсолотро дорад ва ҳангоми ташкили баҳисобгирии ҷузъии хароҷот инро ба назар нагирифтан мумкин нест.

Баҳисобгирии ҷузъӣ дар парандапарварӣ аз рӯйи объектҳое сурат мегирад, ки аз ҷинс ва синну соли мушаххаси парандагон вобастагӣ доранд.

Ҳисобҳои ҷузъӣ дар ҳисоботи истеҳсолӣ ё дафтарчаи истеҳсолӣ кушода мешаванд. Хароҷот аз рӯйи моддаҳои муқарраршуда, маҳсулотбарорӣ аз рӯйи ном, миқдор ва маблағи он ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳисоботи истеҳсолӣ хароҷот ва истеҳсолоти моҳонаро аз рӯйи усули ҳисобкунӣ аз аввали сол инъикос мекунад. Хароҷот аз рӯйи унсурҳо аз рӯйи кредити ҳисобҳои дахлдор нишон дода мешаванд. Чунин мешуморем, ки хароҷотро аз рӯйи моддаҳо, чунон ки дар тавсияҳои методӣ пешниҳод шудааст, дар баробари гурӯҳҳо ҷудо кардан лозим нест. Навишти хароҷот аз рӯйи ҳисобҳои мукотиботӣ пешбарии баҳисобгирии муҳосибиро сода карда, тамоми маълумотро дар бораи хароҷот барои қабули қарорҳои идоракунӣ таъмин менамояд. Бо мақсади тафсилоти хароҷот, ба ҷои рамзҳои ҳисобҳои куллӣ метавон зерҳисобҳои мувофиқро нишон дод.

Арзёбии маҳсулоти қабулшуда барои баҳисобгирии муҳосибӣ муҳим аст. Аксарияти куллии корхонаҳои хоҷагии қишлоқ барои баҳо додан ба маҳсулоти асосии гирифташуда арзиши одилонаро истифода намебаранд, балки арзиши нақшавиро, ки дар охири соли тақвимӣ ба дараҷаи ҳақиқӣ тасҳеҳ мегардад, истифода мебаранд.

Тухмҳои гирифташударо аз тӯдаи саноатӣ ва волидайнии мурғҳо ҳамчун маҳсулоти асосӣ дар давоми сол бо арзиши аслии нақшавӣ баҳо медиҳанд. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 505 пешбинӣ менамояд, ки тухмҳои ғизоии тӯдаи волидайн бо арзиши аслии нақшавии тухмҳои мурғҳои тӯдаи саноатӣ баҳо дода шуда, дар ҳолати мавҷуд набудани он – аз рӯйи нархҳои фурӯш баҳо дода мешаванд[1] (ниг. ба ҷадвали 2.2.3). Тухмҳои аз ҷавонаҳои мурғ (ҷавонаҳои мурғи самти тухмӣ, ҷавонаҳои мурғи табодулии самтҳои тухмӣ ва гӯштӣ) ҳамчун маҳсулоти иловагӣ шинохта шуда, аз рӯйи арзиши аслии нақшавии тухмҳои мурғҳои тӯдаи саноатӣ баҳо дода шуда, дар сурати мавҷуд набудани он - аз рӯйи нархҳои фурӯшӣ арзёбӣ мегарданд. Бояд ба назар гирифт, ки аз ҷавонаҳои мурғ тухмҳои хурд ба даст меоянд.

Методикаи баҳодиҳии дигар маҳсулоти иловагӣ - тухми шикаста, ки ҳам аз тӯдаи волидайн ва ҳам аз тӯдаи мурғҳо ва чӣ аз мурғҳои ҷавон гирифта мешавад, низ сазовори диққат аст. Ҷамъоварии миқдори тухмҳои шикаста одатан аз рӯйи вазни онҳо дар муқоиса бо вазни миёнаи тухмҳои тамоми тухмҳо ба тухмҳои бутун гузаронида мешавад. Агар дар корхона сехи тайёр кардани хокаи тухм мавҷуд бошад, пас тухми шикастаи ҷамъовардашуда аз рӯйи арзиши аслии тухми хӯрокии тӯдаи модарӣ бо назардошти вазни он баҳо дода мешавад. Дар сурати дар корхона мавҷуд набудани сехи зикршуда тухми шикаста барои коркард ба дигар корхонаҳо бо нархҳои имконпазири фурӯш фурӯхта

[1] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2023, № 505 «Дар бораи Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасониҳо)»

мешавад. Дар ин маврид, тухми шикаста бо нархи фурӯш бо назардошти вазни он баҳо дода мешавад.

Модели умумикардашудаи баҳодиҳии тухми мурғҳо тибқи санадҳои меъёрии амалкунанда дар расми 2.2.3 оварда шудааст.




10750 – тухм
10751 – тухм ҳамчун маҳсулоти асосӣ
10752 – тухм ҳамчун махсулоти иловагӣ
10751/1 – тухми инкубатсионӣ
10752/1 – тухми барои инкубатсия корношоям

10753 – тухми ғизоӣ
10752/2 – тухми шикаста
10754 – тухм аз ҷавонаи мурғ
10755 –тухм аз ҷавонаи мурғи мубодилавӣ

**Расми 2.2.3. - Модели баҳисобгирӣ ва баҳодиҳии тухми мурғ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Дар баробари ин, хусусиятҳои ташкилию технологии гирифтан ва ба навъҳо ҷудо кардани тухмеро, ки дар фабрикаҳои мурғпарварӣ мавҷуданд, ба назар гирифтан лозим аст. Ба анбори тухм тамоми тухми ғизоӣ, чи аз тӯдаҳои саноатӣ ва чи аз мурғҳои ҷавон, сарфи назар аз он

ки аксарияти кулли он маҳсулоти асосӣ ва миқдори камаш маҳсулоти иловагӣ мебошад, қабул мекунад. Дар шароити истеҳсоли саноатии тухми ғизогии мурғ ва ба навъхо ҷудо кардани он дар як анбори тухм муайян кардан душвор аст, ки кадом тухм ба харидорон (аз тӯдаи саноатӣ ё мурғҳои ҷавона) фурӯхта мешавад ва кадоме аз он ба сехи истеҳсоли хокаи тухм дода мешавад. Аз ин рӯ, дар фабрикаҳои мурғпарварӣ барои истеҳсоли тухми ғизоӣ ба мақсад мувофиқ аст, ки ҳам барои маҳсулоти асосӣ (тухми ғизоӣ) ва ҳам маҳсулоти иловагӣ (тухми шикаста, тухми аз мурғҳои ҷавон гирифташуда) дар давоми сол бо арзиши аслии нақшавии 1 ҳазор дона тухм баҳо дода, дар охири сол ба сатҳи воқеӣ тасҳеҳ карда мешавад.

Агар дар фабрикаҳои мурғпарварӣ барои аз нав фурӯхтан ба дигар корхонаҳои мурғпарварӣ танҳо ҷавонаҳо парвариш карда шаванд, тухми аз ҷавонахо гирифташуда бояд маҳсулоти иловагӣ маҳсуб ёфта, бо нархҳои имконпазири фурӯш баҳо дода шавад.

Баҳодиҳии тухме, ки аз тӯдаи волидайн гирифта шудааст, хусусиятҳои худро дорад. Маҳсули асосии ин навъи мургпарварӣ тухми инкубатсионӣ мебошад. Дар давоми сол онҳо бояд аз рӯйи хароҷоти нақшавӣ баҳо дода шаванд, ки дар охири сол ба сатҳи воқеӣ мувофиқ карда мешаванд. Тухме, ки аз тӯдаи волидайни чӯҷаҳо гирифта шудааст ва барои инкубатсия корношоям аст (тухми ғизоӣ, тухми аз мурғҳои ҷавон гирифташуда) бояд ҳамчун маҳсулоти иловагӣ ба ҳисоб гирифта, бо нархи имконпазири фурӯш арзёбӣ карда шаванд.

Тартиби умумии дар системаи баҳисобгирӣ инъикос намудани қабул ва истеъмоли тухм дар фабрикаҳои парандапарварӣ барои истеҳсоли тухм дар ҷадвали 2.2.4 оварда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки баҳисобгирии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ дар ҳисоби 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» дарҷ карда мешавад.

Бо назардошти хусиятҳои ташкилӣ-технологии корхонаи парандапарварӣ дар он кушодани ҳисобҳои ҷузъӣ ба мақсад мувофиқ

мебошад. Мукотиботи ҳисобҳои баҳисобгирии тухми бозорӣ тибқи методикаи тавсияшуда дар ҷадвали 2.2.5 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.2.4. - Муносибати муҳосибавии баҳисобгирии тухми тӯдаи саноатии мурғҳо**

| № | Мазмуни амалиёти хоҷагӣ | Мукотиботи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 1. | Инъикоси хароҷоти нигоҳубини тӯдаи саноатии мурғҳо | 10730 | 11100, 10720, 10780, 10760, 22010,22210, 22300 и т.д. |
| 2. | Аз тӯдаи саноатии мурғҳо қабул шуд: | | |
| | - тухми ғизоӣ (бо арзиши нақшавӣ) | 10753 | 10730 |
| | - тухми шикаста (бо нархи фурӯш) | 10752 | 10730 |
| 3. | Арзиши аслии тухми фурӯхташуда аз ҳисоб бароварда мешавад: | | |
| | - ғизоӣ | 55010 | 10753 |
| | - шикаста | 55010 | 10752 |
| 4. | Инъикоси даромад аз фурӯши тухми саноатӣ | 10410 | 44010 |
| 5. | Инъикоси уҳдадории андоз барои андоз аз арзиши иловашуда аз фурӯши тухми саноатӣ | 10410 | 22320 |
| 6. | Инъикоси даромад аз фурӯши тухми шикаста | 10410 | 44010 |
| 7. | Инъикоси ухдадории андоз барои андоз аз арзиши иловашуда аз фурӯши тухми шикаста | 10410 | 22320 |
| 8. | Воридшавии пул ба суратҳисоби бонкии ҷорӣ бо пули миллӣ аз харидор барои тухми фурӯхтаи давраи ҳисоботӣ | 10210 | 10410 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳқиқ хусусиятҳои асосии баҳисобгирии ҳаракати тухмҳоро дар соҳаи парандапарварӣ хулосабандӣ мекунем.

1. Мувофиқи хусусиятҳои технологии саноат тухми мурғро вобаста ба самти истифода, муҳлати нигоҳ доштан, вазн ва самтҳои фурӯш (истифода) тасниф мекунанд.

2. Баҳисобгирии тухми гирифташуда бояд мувофиқи гурӯҳҳои технологии мурғ, ҷудо кардани тухм аз мурғ барои истеҳсоли тухм ва аз мурғ барои истеҳсоли гӯшт гузаронида шавад.

3. Зарур аст, ки тухмро ҳамчун маҳсулоти асосӣ (ҳам аз тӯдаи волидайн ва ҳам аз тӯдаи саноатии мурғҳо) бо арзиши аслии нақшавӣ бо ислоҳи арзиши аслии он дар охири давраи ҳисоботӣ баҳо дод.

4. Тухми шикастае, ки ҳам аз мурғҳои калонсол ва ҳам аз парандаҳои ҷавона гирифта шудааст, бояд аз рӯйи вазни онҳо нисбат ба

вазни миёнаи тамоми тухмҳо ба қайд гирифта шавад. Тухми аз тӯдаи волидайни мурғҳо гирифташуда ва барои инкубатсия корношоям бояд бо арзиши пешбинишудаи тухми тӯдаи мурғи саноатӣ ва дар сурати набудани он бо нархи фурӯш баҳо дода шавад.

**Ҷадвали 2.2.5. -Мукотиботи ҳисобҳо аз рӯйи баҳисобгирии тухмҳо дар парандапарварии самти тухм**

| № | Мазмуни амалиёти хоҷагӣ | Мукотиботи ҳисобҳо | |
|---|---|---|---|
| | | Дебет | Кредит |
| 1. | Инъикоси хароҷоти нигоҳубини мурғҳои самти тухмӣ | 10730 | 11100, 10720, 10780, 10760, 22010,22210, 22300 и т.д. |
| 2. | Қабул намудани тухм: | | |
| | - аз тӯдаи волидайнӣ | 10751 | 10730 |
| | - аз тӯдаи саноатӣ | 10752 | 10730 |
| | - аз ҷавонаи паранда | 10752 | 10730 |
| | - аз ҷавонаи табодулии паранда | 10752 | 10730 |
| 3. | Гузоштани тухми тӯдаи волидайн ба инкубатор | 10730 | 10751 |
| 4. | Аз ҳисоб баровардани арзиши аслии тухмҳои ғизоии фурӯхташаванда: | | |
| | - тӯдаи саноатӣ | 55010 | 10752 |
| | - ҷавонаи мурғ | 55010 | 10752 |
| | - ҷавонаи мурғи табодулӣ | 55010 | 10752 |
| 5. | Инъикоси даромад ва уҳдадорӣ аз рӯйи ААИ аз фурӯши тухмҳои ғизоӣ | | |
| | - - аз тӯдаи волидайнӣ | 10410<br>10410 | 44010<br>22320 |
| | - аз ҷавонаи паранда | 10410<br>10410 | 44010<br>22320 |
| | - аз ҷавонаи табодулии паранда | 10410<br>10410 | 44010<br>22320 |
| 6. | Воридшавии пул ба суратҳисоби бонкии ҷорӣ бо пули миллӣ аз харидор барои тухми фурӯхтаи давраи ҳисоботӣ | 10210 | 10410 |
| 7. | Расонидани арзиши тухмҳои молӣ то сатҳи арзиши аслии ҳақиқӣ дар охири давраи ҳисоботӣ (Бо усули «тасҳеҳи сурх»): | | |
| | - аз тӯдаи волидайнӣ | 55010 | 10730 |
| | - аз тӯдаи саноатӣ | 55010 | 10730 |
| | - аз ҷавонаи паранда | 55010 | 10730 |
| | - аз ҷавонаи табодулии паранда | 55010 | 10730 |

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

5. Тухме, ки аз мурғҳои ҷавон гирифта мешавад, бояд аз рӯйи арзиши нақшавии тухми мурғҳои саноатӣ ва дар сурати набудани он - бо нархи фурӯш (бо назардошти хурд будани тухми мурғҳои ҷавон) баҳо дода мешавад.

## 2.3. Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ

Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот давраи ниҳоии баҳисобгирии дилхоҳ раванди истеҳсолӣ буда, дар натиҷа ба ҳар як воҳиди маҳсулот ифодаи арзишӣ дода мешавад. Мафҳуми «калкулятсия» аз калимаи лотинии calculatio – ҳисоб кардан гирифта шудааст. Худи мафҳуми «калкулятсия» миёни олимон ҳамчун объекти мубоҳиса қарор дорад. Таҳлили адабиёти вобаста ба ин масъала нишон дод, ки баъзе олимон мафҳумҳои «калкулятсия» ва «калкулятсиякунониро» ба ҳамдигар ҳаммаъно медонанд ва онҳоро ҳамчун ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот ва ё воҳиди он мешуморанд. Олимони дигар бошанд, ин ду мафҳумро ҷудо намуда, калкулятсиякунониро ҳамчун ҷараёни ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот ва калкулятсияро бошад, натиҷаи ин кор медонанд.

Вобаста аз мақсади гузошташуда, дар корхонаҳои парандапарварӣ чунин арзиши аслии маҳсулотро ҷудо мекунанд: нақшавӣ, меъёрӣ, нопурра ва арзиши аслии ҳақиқии маҳсулот. Арзиши аслии нақшавии маҳсулотро дар асоси меъёрҳои прогрессивии харҷи сӯзишворӣ, маводҳои сӯхту равғанкунӣ ва дигар маводҳо, маълумотҳо оид ба пардохти музди меҳнат, истифодаи мошину таҷҳизотҳо муайян мекунанд. Он барои ҷорӣ намудани ҳисоби дохилихоҷагӣ асос буда, нишон медиҳад, ки ба чӣ бояд диққати махсус дод, то паст гардидани хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ таъмин гардад. Арзиши аслии меъёрии маҳсулотро барои муайян намудани вазифаҳои истеҳсолии сехҳо, зершуъбаҳо, бригадаҳо ва дигар зерсохторҳо истифода менамоянд. Арзиши аслии нопурраи маҳсулотро барои баҳисобгирии дохилии идоракунӣ дар асоси маълумотҳои ҳақиқии баҳисобгирӣ то санаи 1-уми октябри ҳар сол, хароҷоти ҳисобии интизорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ дар семоҳаи чорум ҳисоб намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳамзамон натиҷаҳои фаъолияти истеҳсолии корхона дар соли ҷорӣ пешакӣ санҷида мешавад.

Арзиши аслии ҳақиқии маҳсулоти истеҳсолшударо аз рӯйи маълумотҳои баҳисобгирии хароҷоти ҳақиқӣ ҳисоб мекунанд ва он имконият медиҳад, ки иҷро гардидани буҷети корхона санҷида шавад, тамоилҳо аз меъёрҳо муайян карда шаванд, инчунин сабабҳо ва шахсоне, ки ба исрофкорӣ овардаанд, муайян карда шаванд. Арзиши аслии ҳақиқӣ ҳар семоҳа ва солона ҳисоб карда мешавад.

Барои қабул намудани қарорҳои асосноккардашудаи идоракунӣ маълумоти зарурӣ оид ба арзиши аслии истеҳсолии як воҳиди маҳсулот ҳатмӣ аст ва барои ҳамин ҷараёни калкулятсиякунонӣ қисми ташкилдиҳандаи ҷараёни баҳисобгирӣ дар корхона мебошад. Маҳз аз муайян кардани арзиши аслии маҳсулот самарнокии истеҳсолот вобаста мебошад ва худи нишондиҳандаи арзиши аслии маҳсулот барои самаранок идоракунии истеҳсолот аҳаммияти калон дорад. Барои он ки хароҷот фавран идора карда шавад ва инчунин ба тағйирёбии нархҳои бозор саривақт аҳаммият дода шавад, бояд баҳисобгирии хароҷот асоснок бошад ва арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бояд фавран дар лаҳзаи вақти ҷорӣ бо мақсади онро бо нархҳои бозорӣ муқоиса намудан ва муайян кардани натиҷаҳои молиявӣ ҳисоб карда шавад.

Барои пешбурди дурусти баҳисобгирии бухгалтерӣ дар парандапарварӣ ташкили он бо дарназардошти хусусиятҳои хоси технологии соҳа аҳаммияти калон дорад, зеро соҳаи парандапарварӣ ду самти органикиро фаро мегирад: чорводорӣ ва саноат. Масалан, зершуъбаҳои тӯдаи наслдиҳанда, тӯдаи мурғони саноатии тухмдеҳ, парвариши чӯҷаҳои ҷавонаи ивазкунанда ва бройлерҳо самти чорводории соҳаро ташкил медиҳанд, самти саноатӣ бошад, шуъбаҳои забҳи мурғ, шуъбаҳои коркарди партовҳо, коркарди поруҳо, коркарди хӯрока ва амсоли онҳоро дар бар мегирад. Инкубатсия бошад, ҷараёни махсус буда, дар як вақт ду самт ҳам саноат ва ҳам чорводориро таҷассум мекунад. Ҳамзамон вобаста аз намуди корхонаи соҳаи парандапарварӣ бо дигар намудҳои истеҳсолот ва дигар соҳаҳо сахт алоқамандӣ дорад:

– ҳангоми парвариш ва истифодаи маҳсулоти растанипарварӣ барои хӯрока – бо соҳаи растанипарварӣ;

– ҳангоми нигоҳубин ва истифодаи хизматрасониҳо оид ба таъминоти об, газ, гармӣ ва ғ. – бо соҳаҳои истеҳсолоти ёрирасон;

– ҳангоми дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани зершуъбаҳои бо хӯрока таъминкунандаи корхона – бо истеҳсолоти саноатӣ сарукор мегирад, ки ҳамаи ин бевосита, ба тартиби ташкили калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ таъсир мерасонад.

Вобаста ба ин гуфтаҳо, масъалаи ояндаи таҳқиқот тартиби ташкили калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бо роҳи муайян кардани пайдарпайии иҷроиши корҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ бо дарназардошти ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ мебошад, ки боэътимодии муайян кардани арзиши аслии чунин намуди маҳсулотро таъмин мекунад.

Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки аз лиҳози қонунгузорӣ ҳуҷҷати меъёрӣ-ҳуқуқие мавҷуд нест, ки тартиби ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулоти парандапарвариро ба танзим дарорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ)» (минбаъд - Қоидаҳо) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2023, № 505) таҳия карда шудааст. Қоидаҳои мазкур характери тавсиявӣ дошта, бо мақсади батанзимдарории масъалаҳои таркиб, гурӯҳбандӣ ва баҳисобгирии хароҷот таҳия гардидаст[1].

Ҳамин тавр, Қоидаҳои мазкур бартарии ҷанбаҳои андозбандии арзиши аслиро қайд мекунад. Дар умум, хусусияти танзимкунии Қоидаҳои чунин таҷассум ёфтааст:

« – хароҷоте, ки ба арзиши аслӣ ҳамроҳ карда мешаванд ва хароҷоте, ки аз ҳисоби дигар сарчашмаҳо рӯйпӯш карда мешаванд, аз ҳам ҷудо менамояд;

---

[1] Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2023, № 505)

– баъзе намуди хароҷоте, ки ба арзиши аслии маҳсулот ҳамроҳ карда мешаванд, ба лимит (меъёр) медарорад;

– фарқияти байни арзиши аслии иқтисодӣ ва арзиши аслии андозиро муқаррар мекунад, зеро гурӯҳбандии хароҷотро бо мақсади андозбандӣ дар мадди аввал мегузорад»[1]. Азбаски таъиноти хароҷот дар ҷараёни истеҳсолот бо роҳи муайянсозии мутааллиқияти онҳо ба ин ё он маҳсулот асос меёбад, усули ба арзиши аслии маҳсулоти мушаххас ҳамроҳ кардани он ҳам муқаррар карда шудааст.

Дар ҷараёни калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот яке аз лаҳзаҳои муҳим - ин дуруст асоснок кардани объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсионӣ мебошад. Бинобар ин, вазифаи дигари таҳқиқот - ин илман асосноккунии мафҳумҳои «объекти калкулятсия» ва «воҳиди калкулятсия» бо дарназардошти хусусиятҳои парандапарварӣ мебошад, ки дуруст муайян кардани онҳо аз лиҳози иқтисодӣ асоснок ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти парандапарвариро таъмин мекунад ва ба таҳлили ҳаматарафаву чуқури фаъолияти корхона барои ошкор ва ҷалби захираҳо бо мақсади паст кардани арзиши аслии маҳсулот чи умуман дар корхона ва чи дар доираи марказҳои масъулият таъмин месозад.

Калкулятсия (арзишмуайянкунӣ – ишораи муаллиф)– ин ҳисобкунии илман асосноккардашудаи арзиши аслии маҳсулот бо мақсади идоракунии истеҳсолот ва аз ҷиҳати иқтисодӣ асоснок кардани нархҳо иҷро карда мешавад. Дар Қоидаҳо «ҳисобкунии арзиши аслии мол - ҳисобкунии илман асосноккардашудаи арзиши аслии моли субъекти хоҷагидор буда, бо мақсади таъмини инъикоси боэътимоди хароҷот барои дастраскунӣ, коркард, истеҳсол ва фурӯши мол дар муқоиса бо меъёрҳои амалкунанда анҷом дода мешавад»[2], муайян карда шудааст.

---

[1] Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2023, № 505)

[2] Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2023, № 505)

Дар банди 5 Қоидаҳо гуфта шудааст, ки «Вобаста ба технология ва хусусияти маҳсулот объектҳои калкулятсия инҳо шуда метавонанд:

- мол, қисми он, гурӯҳи ҳаммонанди мол (фармоиш) аз рӯйи хароҷоти субъекти хоҷагидор дар умум ва ё аз рӯйи хароҷоти воҳидҳои алоҳидаи сохторӣ;

- маҷмуи мол ё ин ки як намуди мол аз рӯйи давраҳои истеҳсол дар умум ё аз рӯйи равандҳои алоҳида (марҳила, давраҳо)-и онро ташкилдиҳанда;

- намуди кору хизматрасонӣ - дар субъекти хоҷагидоре, ки ба иҷрои намудҳои алоҳидаи кору хизматрасонӣ махсус гардонида шудаанд»[1].

М.А. Вахрушина қайд мекунад, ки зери «объекти калкулятсия (барандаи хароҷот) намуди маҳсулоти (кор, хизмат) корхона, ки барои фурӯш дар бозор пешбинӣ шудааст, фаҳмида мешавад»[2]. Е.А. Мизиковский, И.Е. Мизиковский чунин меҳисобанд, ки «зери объекти арзишмуайянкунӣ бояд номгӯи маҳсулоти ниҳоии меҳнат, нимфабрикатҳо, ки барои истеъмоли дохилиистеҳсолӣ ё фурӯш пешбинӣ шудааст, фаҳмида шавад» [3]. С.Ф. Низомов қайд мекунад, ки «ба сифати объекти ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот мол, нимфабрикатҳо, гурӯҳ ва намудҳои маҳсулоти якхела (кор, хизмат), амалиётҳои алоҳида, функсияҳо, сегментҳои биснес, бизнес-ҷараёнҳо метавонанд баромад намоянд»[4]. Ба ақидаи мо, ҳамчун объекти калкулятсия намуди маҳсулот (кор, хизмат) ва гурӯҳҳои маҳсулоти якҷинса, маҳсулоти арзиши муайяни истеъмолидоштаи сатҳи омодагияш гуногун, амалиётҳои алоҳида, марказҳои масъулият, бизнес-ҷараёнҳо баромад мекунанд.

---

[1] Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2023, № 505)

[2] Вахрушина М.А. Бухгалтерский управленческий учет / М.А. Вахрушина. – М.: Издательство «Омега-Л», 2010. – 570 с., - С. 93-94

[3] Мизиковский Е.А. Производственный учет: учебник / Е.А. Мизиковский, И.Е. Мизиковский. – М.: Магистр: ИНФРА-М, 2015. – 272 с., - С. 54-56

[4] Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: Ирфон, 2017. - 324 с., - С. 27

Ҳамин тавр, дар парандапарварӣ объекти калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот инҳо мебошанд: тӯдаи мурғони бавоярасида – тухмҳо; чӯҷаҳои ҷавона – афзоиши вазни зинда; инкубатсияи тухмҳо – чӯҷаҳои ҷавонаи шабонарӯзӣ. Бар замми ин, корхонаҳои парандапарварӣ ҳангоми нигоҳубини тӯдаҳои мурғони бавоярасида аз рӯйи парандагони наслдиҳанда ва саноатӣ ҷудо намудани чунин объектҳои калкулятсия ба мақсад мувофиқ мебошад: тӯдаи наслдиҳанда – тухмҳои зотӣ; тӯдаи саноатӣ – тухмҳои истеъмолӣ.

Яке аз масъалаи асосии баҳисобгирӣ–арзишмуайянкунии соҳаи чорводорӣ коркард нашудани методикаи интихоби воҳидҳои калкулятсионӣ, ки ба ҷараёни калкулятсионӣ мутобиқ буда, хусусиятҳои истеҳсоли маҳсулотро аз лиҳози техникӣ-иқтисодӣ бо дарназардошти параметрҳои инфиродии онҳо пурра ифода менамояд, ба ҳисоб меравад.

В.Б. Ивашкевич чунин мешуморад, ки «интихоби воҳидҳои калкулятсионӣ аз мақсади калкулятсия ва хусусиятҳои хоси намуди алоҳидаи маҳсулот, имконияти муқоиса намудани онҳо бо хароҷоти дахлдор вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, интихоби аз лиҳози иқтисодӣ асосноккардашудаи воҳидҳои калкулятсионӣ барои таҳлил ва баҳодиҳии хароҷот ва самаранокии истеҳсолот аҳаммияти калон дорад»[1].

Ю.А. Гоголев зери воҳидҳои калкулятсионӣ «ченаки натуралии бо объекти калкулятсия баробар ва вобаста ба маҳсулот тайёр, ки чун қоида бо воҳиди ченак мувофиқат мекунад, дар стандартҳо ё дар шарти техникӣ нисбат ба намуди дахлдори маҳсулот, кор ё хизмат дар бизнес-нақшаи истеҳсоли субъекти иқтисодӣ мавҷуданд, мефаҳмад”[2]. У.Ю.Блинова, Шуплова М.А. воҳидҳои калкулятсиониро таҳқиқ намуда,

---

[1] Ивашкевич В.Б. Бухгалтерский управленческий учет: учебник / В.Б. Ивашкевич. - Москва : Магистр, 2011. - 576 с., - С. 212-214

[2] Гоголев Ю.А. Понятие и сущность калькулирования себестоимости продукции предприятия Ю.А. Гоголев // Вестник Национального Института Бизнеса. - 2020. - № 40 (40). - С. 124-130., - С. 127

қайд мекунанд, ки «он воситаи ченкунии объекти калкулятсионӣ дар ченаки муайян мебошад. Ба сифати воҳидҳои калкулятсионӣ, асосан воҳидҳои натуралӣ (тонна, метр) ва шартӣ-натуралӣ, ки ба воситаи коэффисиентҳо ҳисоб мекунанд, истифода менамоянд»[1]. Ба ақидаи И.Е. Мизиковский «мафҳуми воҳидҳои калкулятсиониро метавон ҳамчун воҳиди ченаки натиҷаҳои ҷараёни баҳисобгирӣ-калкулятсионӣ бо ченаки натуралӣ шарҳ дод, ки дақиқии ҳисобкуниҳои иқтисодиро таъмин менамояд»[2]. Бояд қайд намуд, ки муҳаққиқони дар боло овардашуда воҳидҳои калкулятсиониро бо воҳиди ченкунии объекти калкулятсионӣ якхела, ҳаммаъно медонанд. Мо бо ин розӣ шуда наметавонем. Зеро интихоби онҳо аз сохтори ташкилии корхона, технологияи истеҳсолот ва хусусиятҳои хоси истеҳсоли намуди алоҳидаи маҳсулот вобастагӣ дорад.

Чӣ хеле ки С.Ф. Низомов қайд мекунад, «объектҳои калкулятсионӣ бо воҳидҳои калкулятсионӣ вобастагии иқтисодӣ доранд, ки онҳо воҳиди ченаки объекти калкулятсияро ифода мекунанд. Воҳиди калкулятсонӣ аз объекти калкулятсионӣ бо он фарқ мекунанд, ки он хосияти истеъмолии маснуотро инъикос менамояд»[3]. Бинобар ин, фикр мекунем, ки В.Ф. Палий дуруст қайд кардааст: «Воҳиди калкулятсионӣ метавонад бо объекти калкулятсионӣ мувофиқат кунад ва мувофиқат накунад. Он воҳиди метрикии ченаки объекти мушаххас мебошад ва онро танҳо ченаки техникӣ ҳисоб намудан мумкин нест»[4].

---

[1] Блинова У.Ю., Щуплова М.А. Теоретические аспекты системы учета затрат и калькулирования себестоимости // Вестник университета. ФГБОУ ВПО «Государственный университет управления». Москва, 2013. - № 4.- С. 54-61., - С. 60

[2] Мизиковский И.Е. Терминологическая идентификация и критерии выбора калькуляционных единиц продукции кузнечного производства предприятий автомобильной промышленности // Вестник Нижегородского университета им. Н.И. Лобачевского. Серия: Социальные науки, 2018, № 1 (49), с. 25–31, - С. 29

[3] Низомов С.Ф. Низомов С.Ф. Развитие методологии и организации управленческого учета в строительном комплексе (на примере Республики Таджикистан): дисс. на соис. уч. степ. докт. экон. наук. Москва, 2011. - 360 с., - С. 213

[4] Палий В.Ф. Организация управленческого учета. – М.: Бератор – Пресс, 2003. - 224 с., - С. 88

Аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду ҳуҷҷати меъёрӣ Қоидаҳо[1] ва тавсияи методӣ[2] таҳия карда шудааст ва бояд дар онҳо тартиби калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот, аз ҷумла дар парандапарварӣ мушаххас нишон дода мешуд. Вале дар ин ҳуҷҷатҳои меъёрӣ тартиби иҷроиши корҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ ба танзим даровварда нашудааст. Барои ҳамин, олимони ватание[3], ки ин масъаларо пайгирӣ кардаанд, онро фақат рӯякӣ, бидуни ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси соҳаи парандапарварӣ ва алоқамандии он бо дигар соҳаҳо ва дигар намудҳои истеҳсолот дида баромадаанд. Аммо бо ба инобат гирифтани хусусиятҳои истеҳсолот, махсусият ва сохтори ташкилӣ-истеҳсолӣ, таҷрибаи амалии корхонаҳои «Рушди парандапарварӣ»-и шаҳри Турсунзода, «Ҷӯҷаи Байзо», «Дӯсти Азиз»-ро ба назар гирифта, аз ҷониби мо модели пайдарпайии иҷроиши корҳо ҳангоми калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ коркард карда шуд (расми 2.3.1).

---

[1] Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 октябри соли 2023, № 505)

[2] Методические рекомендации по применению международных стандартов финансовой отчетности. В 2- том. Том 1. с МСФО (IAS) 29 по 41, МСФО (IFRS) с 1 по 7 -Душанбе: Типография Министерства финансов Республики Таджикистан, 2009.- 232 с.; Том. 2. – 261 с., С. 170-174

[3] Абдулмуминзода Н.А. Масъалаҳои баҳодиҳӣ ва ташкили баҳисобгирии таркибии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ /Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. Душанбе: нашрияи ДМТ 2021. № 9- С. 14-19; Абдураҳимов А.А., Ҷонмаҳмадов Қ.Ш. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти парандапарварӣ/ Кишоварз. - 2020. № 2. - С. 162-166; Низомов С.Ф., Икромова Д.Ҷ. Хусусиятҳои баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи “Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт”(27 феврали соли 2020, ш. Душанбе). - Душанбе: нашрияи ДМТ, 2020. - С. 51-59; Шарифов З.Р. Баҳисобгирии хароҷоти биологӣ дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ / З.Р.Шарифов // Масоили муҳимми баҳисобгирӣ, таҳлил ва истифодаи самараноки захираҳои молиявию қарзӣ дар КАС: маҷмуаи мақолаҳои илмии ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур. - Душанбе, 2018. - С. 24-26

**Давраи I**

1. Байни объектҳои ҷудогонаи баҳисобгирии хароҷот барои нигоҳдории воситаҳои асосиро таксим мекунанд
2. Хароҷот барои нигоҳубини шуъбаҳои хӯрокаро мутаносибан ба миқдори хӯрокаҳои сарфшудаи дар ҳамин шуъба истеҳсолшуда тақсим мекунанд
3. Хароҷоти умумии зерсохторҳо, сехҳо ва фермаҳои парандапарвариро тақсим мекунанд
4. Аз рӯйи хароҷоти парандапарварӣ маблағи хароҷотро соқит мекунанд
5. Маблағи умумии хароҷотро аз рӯйи объектҳои баҳисобгирии хароҷоти парандапарварӣ муайян месозанд.

**Давраи II**

Дар охири сол дуруст будани қайдҳоро тибқи дебет ва кредити ҳисобҳои ҷузъӣ дар зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» месанҷанд:

**10732.1 – Тӯдаи мурғони наслдиҳанда**

Ҳисобҳои ҷузъӣ:

Мурғони наслдиҳандаи самти тухм
Мурғони наслдӣхандаи самти гӯшт

**10732.3 – Инкубатсияи тухмҳо**

Пурра муайян мекунанд, ки дар хароҷоти соли ҳисоботӣ хароҷоти соли гузашта аз рӯи ҳар як намуди истеҳсолоти нотамом ворид карда шудаанд ё не?

**10732.5 – Ҷӯҷаҳои ҷавонаи самти тухмдиҳӣ**

**10732.5. – Ҷӯҷаҳои ҷавонаи мурғони ивазкунанда самти тухмдиҳӣ**






**Расми 2.3.1. - Тартиб ва пайпарпайии муайян кардани арзиши аслии маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ (сарчашма:** таҳияи муаллиф**).**

Ба мисли дигар соҳаҳо чорводорӣ, парандапарварӣ хусусиятҳои хоси технологии худро доранд, махсусан бисёрвариантии ҷараёнҳои технологӣ (парвариш ва нигоҳубини тӯдаи мурғони бавоярасида, инкубатсия, парвариши ҷавонаи парандагон), ки байни ҳам пайваста буда, сахт алоқаманд мебошанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки ин масъала аз ҷониби олимону муҳаққиқон дақиқ баррасӣ нагардидааст. Агар ба соҳаи парандапарварӣ ҳамчун ба комплекс нигарем (аз рӯйи самтҳои чорводорӣ ва саноатӣ), пас ҳар як ҷараёни технологӣ хусусиятҳои хоси худро дорад, ки онҳо ба пайдарпайии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ таъсир мерасонанд.

Ҷараёнҳои технологӣ дар парандапарварӣ бо якҷинсагии иҷроиши амалиётҳо тавсиф дода мешавад, ки аз рӯйи вақти муайян ҷудо карда нашудаанд ва пайваста амалӣ карда мешаванд. Гурӯҳбандии хароҷот бояд аз рӯйи ду самт ба роҳ монда шавад: аз рӯйи намудҳои асосии истеҳсолоту гурӯҳҳои прандагон ва аз рӯйи намудҳои асосии хароҷот. Хусусиятҳои соҳаи парандапарварӣ аз рӯйи ҳар як ҷараёни технологӣ, таъсири мутақобила ва боҳамалоқамандии онҳоро таҳлил намуда, модели пайдарпайии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ коркард карда шудааст.

Ҳар як корхонаи парандапарварӣ бо дарназардошти самти фаъолияти худ (тухмдиҳӣ, гӯштӣ, гӯшту тухмдиҳӣ, инкубатсия, зотпарварӣ ва ғ.) ва хусусиятҳои ҳар як ҷараёни технологии парандапарварӣ ҳуқуқ дорад, ки пайдарпайии баҳисобгирии арзиши аслии маҳсулоташро мустақилона муайян кунад. Он унсури сиёсати баҳисобгирии соҳа мебошад.

Бояд қайд намуд, ки объектҳои инноватсионии баҳисобгирии хароҷот, объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ вобаста аз пуррагӣ ва фаврият метавонад ба зергурӯҳҳои алоҳида тақсим карда шаванд. Номгӯи объектҳои

калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ дар ҷадвали 2.2.3. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.2. - Номгӯи объектҳои калкулятсионӣ ва воҳидҳои калкулятсионӣ дар парандапарварӣ**

| **Объекти баҳисобгирии хароҷот** | **Объектҳои калкулятсионӣ** | **Воҳидҳои калкулятсионӣ** |
|---|---|---|
| Тӯдаи саноатӣ | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм) |
| | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Тӯдаи наслдиҳанда | Тухми зотӣ | 1000 дона тухми зотӣ |
| | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм) |
| Инкубатсия | Ҷавонаи шабонарузаи паранда | 1000 дона парандаи шабонаруза |
| Парандаи то 60- шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Парандаи то 180- шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Парандаи то 210- шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухмҳои сифаташон гуногун (аъло, баландсифат, категорияи якум, дуюм ва сеюм) |
| Бройлери то 75- шабонарӯза | Афзоиши вазни зиндаи паранда | Як сентнер вазни зинда |
| Бизнес–ҷараёнҳо | Инкубатсия | Ҷавонаи шабонарӯзаи паранда |
| | Сехи чӯҷаи ивазшаванда | Тухми зотӣ<br>Тухми истеъмолӣ |
| | Сехи мурғони саноатӣ | Тухми истеъмолӣ<br>Афзоиши вазни зиндаи паранда |
| | Сехи мурғони наслдиҳанда | Тухми зотӣ,<br>Тухми истеъмолӣ |
| | Ба навъҳо ҷудокунӣ ва банду баст | Тухм<br>Гӯшт |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Ҷараёни баҳисобгирӣ ва калкулятсияи хароҷот бо низоми ҳисобҳои муҳосибӣ барои муайян намудани арзиши аслии меъёрӣ ва ҳақиқӣ, пурра ва ихтисоркардашуда таъмин карда мешавад.

Ҳангоми гурӯҳбандии воҳидҳои калкулятсионӣ дар соҳаи парандапарварӣ онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

- Воҳидҳои натуралӣ – дар ҳамон ҳолат истифода мекунанд, агар аз дилхоҳ чорво як намуди маҳсулот истеҳсол карда шавад;
- Воҳидҳои шартӣ-натуралӣ – дар ҳамон вақт истифода мебаранд, агар як гурӯҳи чорво якчанд намуди маҳсулот диҳад, дар ин сурат ҳангоми калкулятсия кардан ба як намуд оварда мешаванд (масалан, ҳангоми инкубатсияи яквақтаи тухми мурғҳои гуногун – тухмҳои шартӣ).

Ҳангоми истифодабарии воҳидҳои калкулятсионӣ инчунин зарур аст, ки сифати маҳсулотро низ ба инобат гирифт. Қайд мекунем, ки оид ба ин масъала дар адабиёти илмӣ ва таҷрибаи ватанӣ ягон маълумот мавҷуд нест. Масалан, ҳаҷми тухмҳо маҳаки асосии тавсифи сифатии тухмҳои истеъмолӣ буда, аз омилҳои гуногун вобаста мебошад, чунончи зоти мурғ, синну сол, ҳаҷми мурғ, шароитҳои нигоҳубин ва хӯрокаи мурғон. Аз рӯйи ҳаҷм тухмҳоро ба се категория – 1-ум, 2-юм ва 3-юм ҷудо мекунанд. Бинобар ин, мо бар он ақидаем, ки ҳангоми истифода кардани воҳиди калкулятсионии арзиши аслии тухмҳои истеъмолӣ сифати он ба инобат гирифта шавад, ки яке аз омили нархгузории маҳсулот дар бозор мебошад.

Номгӯи объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсияонӣ дар парандапарварӣ аз рӯйи ҳар як гурӯҳи технологӣ ба ташаккулёбии иттилооти эътимодноке, ки мақсадҳои баҳисобгирии идоракунӣ ва идоракунии фаврии хоҷагидориро фаро мегирад, мусоидат мекунад. Номгӯи объектҳои калкулятсия ва воҳидҳои калкулятсионӣ метавонанд дар корхона вобаста аз миқдори саршумор, технология ва ташкили истеҳсолот муайян карда шаванд. Номгӯи тавсияшавандаи объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсионии парандапарварӣ дар ҷалвали 2.3.2 оварда шудааст.

Аз намуд ва технологияи истеҳсоли маҳсулот усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот вобаста мебошад. Усули калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ҳамчун роҳҳои бунёди ҳисобҳои ҷузъӣ оид ба ташаккулёбии хароҷот бо мақсади илман асоснок муайянкунии арзиши аслии маҳсулот ва идоракунии истеҳсолот фаҳмида мешавад.

**Ҷадвали 2.3.2.- Номгӯи объекти калкулятсия ва воҳиди калкулятсионӣ дар парандапарварӣ**

| № р/т | Объектҳои баҳисобгирӣ аз рӯйи гурӯҳҳои технологӣ | Мақсади истеҳсолот | Объекти калкулятсия | Воҳиди калкулятсионӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Тӯдаи мурғони наслдиҳанда | Тухмҳои зотӣ | Тухми зотӣ | 1000 дона тухм |
| 2. | Тӯдаи мурғони саноатӣ | Тухмҳои истеъмолӣ | Тухми истеъмолӣ | 1000 дона тухм (категорияҳои 1-ум, 2-юм ва 3-юм) |
| 3. | Инкубатсия | Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза | Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза ҳангоми инкубатсияи як намуди тухми паранда | Як сар чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза |
| | | | Хизматрасонӣ аз рӯйи инкубатсияи тухм | |
| | | | Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза (арзиши инкубатсияи 1 сар чӯҷаи шартӣ) ҳангоми дар як вақт инкубатсияи тухми намудҳои гуногуни паранда | |
| 4. | Чуҷаи ҷавона | Афзоиши вазни зинда | Афзоиши вазни зинда | 1 сентнер афзоиши вазни зинда |
| | | | Вазни зинда | 1 сентнер вазни зинда |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Таснифоти усулҳои баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот предмети мубоҳиса гаштааст ва таснифи умумии қабулгардидаи онҳо то ба ҳол мавҷуд нест. Маҳаки интихоби ин ё он

усули баҳисобгирӣ қобилияти қонеъ намудани талаботҳои баҳисобгирӣ, назорат ва идоракунӣ мебошад. Дар парандапарварӣ усули ҷараёнии баҳисобгирии хароҷот ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулотро ҳамон вақт истифода мекунанд, ки истеҳсоли маҳсулот аз амалиётҳо ва ҷараёнҳо иборат буда, онҳо пайдарпай мебошанду такрор мешаванд ва арзиши аслии маҳсулотро бошад, дар ҳар як давраи истеҳсолот, амалиёт ё ҷараён муайян мекунанд. Масалан, аз тӯдаи мурғони наслдиҳанда тухм истеҳсол мекунанд, ки онҳо ба инкубатсия тааллуқ доранд ва баъд аз онҳо чӯҷаҳои ҷавонаи шабонарӯзӣ мебароянд, ки онҳоро ба парвариш медиҳанд ва дар ҳолати ба синни муносиб расидан, онҳоро ба тӯдаҳои мурғони наслдиҳанда ва саноатӣ мегузаронанд. Дар ҳар як давра бояд арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот муайян карда шавад, ки он барои давраҳои ояндаи истеҳсолот ҳамчун ашё баромад мекунад.

Ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ яке аз қисмҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ мебошад, бинобар ин, онро бояд чунон ташкил намуд, ки он хусусиятҳои соҳа, алалхусус махсусияти истеҳсолот, технологияи истеҳсолот дар асоси саноат бо истифодабарии механизатсия ва автоматизатсияи ҷараёнҳои меҳнат, самаранок истифодабарии хусусиятҳои биологии паранда, хароҷоти моддӣ, меҳнатӣ ва ғайраро ба назар гирад.

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда нишон медиҳад, ки ҳисоб кардани арзиши аслии маҳсулот аз махсусияти корхонаҳои парандапарварӣ вобаста мебошад, аз он ҷумла, дар парандапарварӣ корхонаҳо ба махсуснагардонидашуда ва махсусгардонидашуда тақсим карда мешаванд, дар навбати худ корхонаҳои махсусгардонидашудаи дорои камтар аз 10 ҳаз. сар ва корхонаҳои махсусгардонидашудаи дорои аз 10 ҳаз. сар зиёд паранда дошта ва ғ. мебошанд.

Ба ақидаи Г.М. Лисович «Вобаста аз махсусияти корхона усули ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулот метавонад гуногун бошад. Дар

корхонаҳои махсусгардонидашудаи парандапарварии бо саршумори аз даҳ ҳазор зиёд ва фермаҳои парандапарварии парваришкунандаи мурғон дар асоси саноати баҳисобгирии хароҷот дар доираи гурӯҳҳои технологӣ бурда мешавад»[1]. Дар ин сурат, зерҳисобҳои ҷузъии зерин ба ҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» кушода мешавад:

- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.1 «Сехи инкубатсионӣ» (мақсади асосии истеҳсолот гирифтани чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза; маҳсулоти камшумор – тухмҳои миражӣ (хушку холӣ), хурӯсҳои шабонарӯзии забҳшуда барои мақсадҳои хӯрока);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.2 «Тӯдаи мурғони наслдиҳанда» (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани тухмҳои зотӣ; маҳсулоти иловагӣ – пору, пар ва тухми истеъмолӣ);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.3 «Парвариши чӯҷаҳои ҷавона» ( мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани вазни зиндаи паранда; маҳсулоти иловагӣ – пору, пар ва тухм аз ҷавона);
- 10732 «Парандапарварӣ» /10732.4 «Тӯдаи мурғони саноатӣ» (мақсади асосии истеҳсолот – гирифтани тухмҳои истеъмолӣ; маҳсулоти иловагӣ – пору, пар ва тухми шикаста).

Баҳисобгирӣ дар парандапарварии самти тухмӣ аз рӯйи гурӯҳҳои технологӣ бурда мешавад: аз 1 то 60 – рӯза; аз 61 то 150 – рӯза; аз 150 то 180 – рӯза.

Баҳисобгирӣ дар парандапарварии самти гӯштӣ бошад, аз рӯйи гурӯҳҳои технологӣ: аз 1 то 180 – рӯза; аз 181 то 210 – рӯза.

Аз рӯйи дигар намудҳои паранда (мурғи марҷон, мурғобӣ, ғозҳо ва ғайра) баҳисобгирӣ дар доираи ду гурӯҳ бурда мешавад: тӯдаи бавоярасида ва ҷавона.

[1] Лисович Г.М. Бухгалтерский управленческий учет в сельском хозяйстве и на перерабатывающих предприятиях АПК. – Ростов н/Д: изд. Центр «Март». – 456 с., - С. 241

Ҳамин тавр, бо назардошти талаботи СБҲМ 41 «Хоҷагии қишлоқ» (алалхусус, банди 41, ки талаботро оид ба он ки корхона маълумоти миқдориро аз рӯйи ҳар гурӯҳи дороиҳои биологӣ бо тафриқаи дороиҳои биологии истеъмолшаванда ва бордиҳанда (маҳсулдиҳанда), ё дороиҳои пухта ва нопухта, вобаста аз вазъият, пешниҳод созад) зарурат ба миён меояд, ки дороиҳои биологиро дар баҳисобгирии тавозунӣ дар алоҳидагӣ нишон диҳем. Қайд мекунем, ки Нақшаи ҳисобҳои амалкунанда, чӣ хеле ки мо дар боло гуфта будем, имконияти баҳисобгирии дороиҳои биологии ҷориро надорад. Бинобар ин, зарурати ворид намудани тағйирот ба Нақшаи ҳисобҳои амалкунанда пеш меояд. Ба ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» кушода мешавад. Дар ҷадвали 2.3.3. вобаста аз хусусияти соҳаи парандапарварӣ ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъии сатҳи гуногун оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.3.- Ҳисобҳои куллӣ ва ҷузъӣ дар парандапарварӣ**

| Ҳисоби куллӣ | Ҳисоби ҷузъии сатҳи 1–ум | Ҳисоби ҷузъии сатҳи 2–юм |
|---|---|---|
| 10732 «Парандапарварӣ» | 10732.1 «Сехи инкубатсионӣ» | 10732.1.1 «Чӯҷаи ҷавонаи шабонарӯза»<br>10732.1.2 «Тухмҳои миражи (хушку холӣ) »<br>10732.1.3 «Хурӯсҳои шабонарӯзии забҳшуда барои хӯрока» |
| | 10732.2 «Тӯдаи мурғони наслдиҳанда» | 10732.2.1 «Тухмҳои зотӣ»<br>10732.2.1 «Тухми истеъмолӣ»<br>10732.2.1 «Пору»<br>10732.2.1 «Пар» |
| | 10732.3 «Парвариши чӯҷаҳои ҷавона» | 10732.3.1 «Вазни зиндаи паранда»<br>10732.3.2 «Тухм аз ҷавона»<br>10732.3.3 «Пору»<br>10732.3.4 «Пар» |
| | 10732.4 «Тӯдаи мурғони саноатӣ» | 10732.4.1 «Тухмҳои истеъмолӣ»<br>10732.4.2 «Пору»<br>10732.4.3 «Пар»<br>10732.4.4 «Тухми шикаста» |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Тибқи қонунгузории мавҷуда воҳиди калкулятсионӣ барои муайян намудани арзиши аслии тухмҳо 1000 дона тухм мебошад. Барои ҳисоб кардани арзиши аслӣ тавсия дода мешавад, ки аз маблағи умумии

хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи муайяни паранда арзиши маҳсулоти иловагиро тарҳ карда, маблағи боқимонда ба миқдори тухмҳо тақсим карда шавад. Дар таҷриба баъзе корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ ҳангоми ҳисобкунии арзиши аслии тухмҳо арзиши маҳсулоти иловагиро аз маблағи хароҷот тарҳ намекунанд ва арзиши аслии маҳсулоти асосӣ нодуруст ҳисоб карда шуда, сабаби дар оянда қабули қарорҳои идоракунии беасос мегардад. Тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯйи ҳар як гурӯҳи технологӣ дар ҷадвали 2.3.4 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.3.4. - Тартиби ҳисоби арзиши аслии маҳсулот аз рӯйи ҳар як гурӯҳи технологӣ**

| № р/т | Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Ҳисобкунӣ | Натиҷа |
|---|---|---|---|---|
| А | **Тӯдаи мурғони наслдиҳанда** | | | |
| 1. | Хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи мурғони наслдиҳанда | Сомонӣ | | |
| 2. | Маҳсулоти истеҳсолшуда: | | | |
| 2.1. | Асосӣ (тухми барои инкубатсия мувофиқ) | Дона | | |
| 2.2. | Маҳсулоти иловагӣ: | | | |
| *2.2.1.* | *Тухми ноқис ва истеъмолӣ* | Дона | | |
| | | Сомонӣ | | |
| *2.2.2.* | *Тухми шикаста* | Дона | | |
| | | Сомонӣ | | |
| *2.2.3* | *Пору* | Тонна | | |
| | | Сомонӣ | | |
| *2.2.4.* | *Пар* | кг | | |
| | | Сомонӣ | | |
| 3. | Маблағи умумӣ хароҷот барои инкубатсияи тухм | Сомонӣ | | |
| 4. | Арзиши аслии 1 ҳаз. дона тухми инкубатсионӣ | Сомонӣ | | |
| Б | **Тӯдаи мурғони саноатӣ** | | | |
| 1. | Хароҷот барои нигоҳубини тӯдаи мурғони саноатӣ | Сомонӣ | | |
| 2. | Маҳсулоти истеҳсолшуда: | | | |
| 2.1. | Асосӣ (тухми истеъмолӣ) | Дона | | |
| 2.2. | Маҳсулоти иловагӣ: | | | |
| *2.2.1.* | *Тухми шикаста* | Дона | | |
| | | Сомонӣ | | |
| *2.2.2.* | *Пору* | Тонна | | |
| | | Сомонӣ | | |
| *2.2.3.* | *Пар* | кг | | |
| | | Сомонӣ | | |

Давоми ҷадвали **2.3.4.**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 3. | Маблағи умумии хароҷот барои истеҳсоли тухми истеъмолӣ | Сомонӣ | | |
| 4. | Арзиши аслии 1 ҳаз. дона тухми истеъмолӣ | Сомонӣ | | |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Бо чунин тартиби арзиши аслии маҳсулот аз рӯйи ҳар як гурӯҳи технологӣ ҳисоб карда мешавад. Дар навбати аввал, маблағи умумии хароҷот бо роҳи тарҳ намудани маблағи маҳсулоти иловагии гирифташуда аз хароҷоти гурӯҳи технологӣ (бо сомонӣ) муайян карда мешавад. Сонияи, маблағи умумии хароҷот ба миқдори маҳсулоти асосии истеҳсолшуда тақсим карда шуда, арзиши аслии 1 воҳиди маҳсулот (бо сомонӣ) муайян карда мешавад.

Дар ҷараёни калкулятсия яке аз лаҳзаҳои калидии дигар - ин муайян кардани усулҳои калкулятсионӣ мебошад. Усулҳои ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб мераванд:

– усули баҳисобгирии мустақим;

– усули ихтисор кардан;

– усули коэффитсиентҳо;

– усули тақсимкунии хароҷот аз рӯйи пояҳои (база) қабулгардида;

– усули ҷамъ кардани хароҷот;

– усули ҳисобкунии омехтаи арзиши аслии маҳсулот.

Дар ҳолати якхела будани объекти хароҷоти истеҳсолӣ ва объекти калкулятсия усули баҳисобгирии мустақим истифода карда мешаванд. Агар хароҷоти барилова ба чашм нарасад, танҳо дар ҳамин ҳолат усули зикргардида истифода мегардад. Дар корхонаҳои парандапарварӣ усули баҳисобгирии мустақимро бо дигар усулҳо якҷоя истифода мебаранд.

Усули ихтисор кардани хароҷот аз он иборат аст, ки аз маблағи умумии хароҷот арзиши партовҳоро ихтисор мекунанд. Дар корхонаҳои парандапарварии таҳқиқкардаи мо ҳангоми инкубатсияи тухмҳо арзиши партовҳоро аз маблағи умумии хароҷот ихтисор мекунанд ва аз ин лиҳоз, метавон хулоса баровард, ки ин усул ҳарчанд ки дар корхонаҳо

истифода шавад ҳам, аммо аз нигоҳи мо дуруст нест. Зеро партовҳои инкубатсия бояд бо арзиши истифодабарии имконпазирашон баҳогузорӣ карда шаванд.

Усули коэффитсиентҳо ҳамон вақт истифода мешавад, ки агар хароҷот аз рӯйи як объект ба ҳисоб гирифта шуда бошад ва бояд он миёни якчанд намуди маҳсулот тақсим карда шавад. Ин усул дар назар дорад, ки тамоми маҳсулоти истеҳсолшуда тавассути коэффитсиентҳо ба маҳсулотҳои шартӣ гузаронида шуда, бо микдори воҳидҳои калкулятсионӣ муайян карда мешавад. Пас аз ин харочот ба воҳидҳои калкулятсионӣ тақсим карда шуда, арзиши аслии як воҳиди маҳсулотро муайян мекунанд. Бо роҳи зарб намудани арзиши аслии як воҳиди маҳсулот ба миқдори маҳсулоти шартии ҳар як намуди маҳсулот харочоти сарфшуда аз рӯйи ҳар як намуди маҳсулот муайян карда мешавад. Ин усулро имрӯзҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ истифода мекунанд. Аммо бояд қайд кунем, ки ҳар як корхона коэффитсиентҳоро бо роҳҳои экспертӣ муайян мекунад, ки бешак ба объективӣ будани ин усул таъсир мерасонад.

Усули тақсимкунии мутаносибии харочот дар корхонаҳое, ки истеҳсоли маҳсулот хусусияти комплексӣ дорад ё намудҳои гуногуни маҳсулот истеҳсол карда мешавад, харочот мутаносибан аз рӯйи пояҳои муқарраршуда байни якчанд намудҳои маҳсулот тақсим карда мешаванд. Усули тақсимкунии мутаносибии харочотро дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ барои тақсим намудани харочоти барилова истифода мекунанд.

Усули ҷамъкунии харочот аз он иборат аст, ки арзиши аслии объекти калкулятсия бо роҳи ҷамъ кардани харочоти баҳисобгирифташуда аз рӯйи давраи вақт, қисми алоҳидаи маҳсулот ҷараёнҳо, марҳилаҳои технологӣ муайян карда мешаванд. Дар корхонаҳои парандапарварии таҳқиқикардашуда аз усули ҷамъкунии харочот истифода мекунанд. Дар вақти муайян намудани арзиши аслии

вазни зиндаи ҷавонаҳои ивазкунанда ва бройлерҳо ба арзиши аслии маҳсулот хароҷоти парвариши чӯҷаҳои шабонарӯза ҷамъ карда мешаванд.

Усули омехта истифодабарии якҷояи усулҳои дар боло овардашударо истифода мекунад. Усули омехта ҳамон вақт истифода карда мешавад, ки агар истифода намудани усул дар алоҳидагӣ имконият надорад ё дақиқии ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро таъмин карда наметавонад.

Давраи ниҳоии калкулятсия ин амалиёти аз ҳисоб баровардани фарқиятҳои калкулятсионӣ байни арзиши аслии ҳақиқӣ ва меъёрӣ-пешгӯишуда мебошад. Барои ин ҳисоби соқиткунии фарқиятҳои калкулятсиониро тартиб медиҳанд. Фарқиятҳои калкулятсиониро аз кредити зерҳисоби 10732 «Парандапарварӣ» ва ҳисоби 10730 «Истеҳсолоти нотамом» дар дебити ҳисобҳои зерин аз ҳисоб мебароранд:

- 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» - аз рӯйи маҳсулоти дар охири сол боқимонда (тухмҳо);
- 10732.1 «Сехи инкубатсионӣ» – аз рӯйи тухмҳои ба инкубатсия ирсолшуда;

10732.2 «Тӯдаи мурғони наслдиҳанда» – аз рӯйи тухмҳои зотӣ ва саноатӣ истеҳсолшуда;

- 10732.3 «Парвариши чӯҷаҳои ҷавона» – тибқи афзоиши ҳаҷми зиндаи парандагон;
- 10732.4 «Тӯдаи мурғони саноатӣ» – аз рӯйи тухмҳои саноатӣ истеҳсолшуда;
- 55010 «Арзиши аслии фурӯш» – аз маҳсулоти фурӯхташуда.

Корхонаҳо дар фаъолияти худ мустақилона шаклҳои варақаи калкулятсиониро коркард мекунанд, ки онҳо ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ба ҳисоб мераванд, ки маълумот оид ба объекти баҳисобгирии хароҷот, хароҷоти зерсохторҳо, истеҳсоли маҳсулот аз рӯйи намуд ва арзиши

аслии онҳоро дар бар мегиранд. Вале ба ақидаи мо, чунин ҳисобкуниҳо бояд дар шакли озод гузаронида нашаванд ва бояд дар ҳуҷҷати махсус коркардкардашуда тартиб дода шаванд, ки онро навишти калкулятсионӣ меноманд, зеро ки шакли муқарраргардидаи варақаҳои калкулятсионӣ имконият медиҳанд, ки пешбурди баҳисобгирӣ ва тартиб додани ҳуҷҷатҳо мукаммал гардонида шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба коркарди варақаҳои калкулятсионӣ вобаста ба муайянсозии арзиши аслии ҳақиқии тӯдаи наслдиҳандаи паранда, арзиши аслии ҳақиқии тӯдаи саноатии паранда, арзиши аслии ҳақиқии инкубатсияи тухмҳо, арзиши аслии ҳақиқии ҷавонаи паранда ва арзиши аслии ҳақиқии ҷавонаи ивазкунандаи паранда дар параграфи 1-уми боби 3 – юми дисертатсия оварда шудааст.

Равишҳои калкулятсия арзиши аслии маҳсулот дар корхонаҳои «Рушди парандапарварӣ»-и шаҳри Турсунзода, «Чӯҷаи Байзо», «Дӯсти Азиз»–ро таҳлил намуда, мо ба хулосае омадем, ки дар таҷриба барои қабул намудани қарорҳои фаврии идоракунии истеҳсолӣ ҳар моҳ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот зарур мебошад. Аз сабаби он ки дар аксари корхонаҳои парандапарварӣ маҳсулоти растанипарварӣ истеҳсол карда намешаванд, барои гузаронидани ин амал ягон монеа вуҷуд надорад. Чӣ хеле ки маълум гашт, чунин ҳисобкуниҳо воқеан, дар корхонаҳо иҷро карда мешаванд ва дар ҳар як корхонаи таҳқиқкардашуда новобаста аз самти фаъолияташон дар сохтори шуъбаҳои молиявӣ-иқтисодӣ мутахассисоне мавҷуданд, ки ба ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти зарурӣ машғуланд. Ҳамзамон яке аз масъалаҳои асосӣ ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулот барои эҳтиёҷоти роҳбарон мебошад. Таҳлили фаъолияти онҳо нишон дод, ки дар ҳар як корхонаҳои парандапарварӣ ин ҷараёнро аз рӯйи «усули» мустақилона коркардкардашудаи худи корхонаҳо бурда мешавад ва дар онҳо номукаммалиҳо дида мешаванд. Сабабҳои ин ҳолатҳо дар навбати аввал мавҷуд набудани коркардҳои методологии соҳавӣ ва баъдан қисман

мутобиқат накардани тавсияҳои методологии мавҷудбуда ба талаботҳои ҳақиқии истеҳсолот мебошанд.

# БОБИ 3. МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕТОДИКАИ БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТИ ТАҒЙИРЁБИҲОИ ДОРОИҲОИ БИОЛОГӢ ДАР ПАРАНДАПАРВАРӢ

## 3.1. Мукаммалгардонии таъминоти баҳисобгирӣ-иттилоотии идоракунии тағйирёбии биологӣ дар парандапарварӣ

Амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ бидуни таъминоти иттилоотии мувофиқ, ки яке аз воситаҳои муҳимми идоракунӣ мебошад, имконнопазир аст. Низоми такмилёфтаи баҳисобгирии бухгалтерӣ дар амалия асоси муҳимме барои қабули қарорҳои дорои хусусияти иқтисодидошта ба ҳисоб рафта, яке аз унсурҳои таъмини фаъолияти манфиатовари корхонаҳо мебошад.

Самаранокии низоми идоракунӣ аз сифати заминаи иттилооти ташаккулёфта ва истифодашаванда вобаста аст. Татбиқи масоили идоракунии хароҷот танҳо дар сурати таъминоти пурраи иттилоотӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, қабл аз гузаштан ба омӯзиши масъалаҳои такмили баҳисобгирӣ ва таъминоти иттилоотии идоракунии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ, шарҳ додани моҳияти иқтисодии мафҳуми «таъминоти иттилоотӣ», ки аз вазифаи дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, бамаврид аст.

Ба ақидаи В.В. Буртсев, «таъминоти иттилоотӣ дар худ маҷмуи қарорҳои амалишуда аз рӯйи ҳаҷм, ҷойгиршавӣ ва шаклҳои ташаккулёбии иттилоотро таҷассум намуда, маълумотҳои амалиётӣ, нақшавӣ, ҳисоботӣ, меъёрӣ-ахборотӣ, таснифгарони (классификатор) маълумотҳои техникӣ-иқтисодӣ ва низомҳои гирдгардиши ҳуҷҷатҳоро дар бар мегирад»[1]. Ҳамзамон муаллиф қайд мекунад, ки таъминоти иттилоотӣ ибтидои низоми идоракунии дохилӣ мебошад ва маълумот

[1] Бурцев В.В. Низом внутреннего финансового контроля в коммерческой организации / В.В. Бурцев // Аудит и финансовый анализ. - 2004. – № 1. - С. 55-60

оид ба дараҷаи идоракунии объектро дар бар мегирад. Чунин иттилоот фақат баромад кардани низоми назорати дохилиро ифода мекунад.

И.А. Бланк бар он назар аст, ки «таъминоти иттилоотӣ ин раванди гурӯҳбандии муттасил ва мақсадноки нишондиҳандаҳои мавҷудбудаи иттилоотӣ мебошад, ки барои амалӣ сохтани таҳлил, банақшагирӣ ва омодасозии қарорҳои самараноки идоракунӣ заруранд»[1].

Таъминоти иттилоотии назорати дохилиро Т.М. Содиқова, «ҳамчун маҷмуи маълумоте медонад, ки ҳолати воқеӣ ё тағйирёбии объекти идорашавандаро дар як давраи муайяни вақт тавсиф медиҳад ва он бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ асоснок карда шудааст»[2] . Ҳамзамон ба ақидаи муаллиф, таъминоти иттилоотӣ ҷамъоварӣ, коркард ва интиқоли маълумотҳои ҳақиқию ғайримолиявиеро дар назар дорад, ки менеҷерон онҳоро барои банақшагирӣ ва назорат дар рафти санҷиш ва баҳогузорӣ намудани фаъолияти зерсохторҳо ва натиҷаҳои бадастомада истифода мебаранд[3].

А.А. Кузмичев ва Н.Ф. Колесник «таҳти таъминоти иттилоотӣ низоми ҷамъоварӣ ва ғункунии маълумотҳоро бо мақсади дар оянда табдил додани онҳо ба иттилооти эътимодноки иқтисодӣ барои мукаммалгардонии талаботҳои иттилоотии истифодабарандагон мефаҳманд»[4].

Таърифи додаи С.Ф. Низомов ва дигарон аз нигоҳи мо бамаврид аст, ки «Таъминоти иттилоотии назорати идоракунӣ ин ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ мебошад, ки менеҷерон барои банақшагирӣ ва назорати сохторҳои ба онҳо

---

[1] Бланк И.А. Основы финансового менеджмента / И.А. Бланк. – К.: Ника -Центр, 1999. – 512 с.

[2] Садыкова Т.М. Методология внутреннего контроля и его организация в системе управленческого учета: [монография] / Т.М. Садыкова. - Саратов: Издат. Центр СГСЭУ, 2004. - 248 с., - С. 45

[3] Садыкова Т.М. Методология внутреннего контроля и его организация в системе управленческого учета: [монография] / Т.М. Садыкова. - Саратов: Издат. Центр СГСЭУ, 2004. - 248 с., - С.46

[4] Кузьмичев А.А., Колесник Н.Ф. Построение системы внутреннего контроля // Современные наукоемкие технологии. – 2008. - №8. -С. 25-30., - С. 26

вогузоркардашуда, андозагирӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомада истифода мебаранд»[1]. Ба ақидаи мо, таъминоти иттилоотӣ ин маълумоти пурра, эътимоднок ва банизомдаровардашуда мебошад, ки ба роҳбарияти корхона барои баҳодиҳии самаранокии чорабиниҳои ташкиливу иқтисодӣ, агротехникӣ, иҷтимоӣ ва экологии амаликардашуда шароит фароҳам меорад ва ҷиҳати ворид кардани тағйирот ба нақшаҳои стратегии мавҷудбуда метавонад мусоидат кунад.

Ҳамин тавр, таъминоти иттилоотӣ яке аз элементҳои асосии назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ буда, рушд ёфтани он ба самарнок гардидани истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ мусоидат мекунад. Ҷараёни таъминоти иттилоотӣ дар худ чунин давраҳоро, ба монанди: гурӯҳбандии талаботҳои иттилоотӣ истифодабарандагон, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумотҳо, пешниҳод намудан ва шарҳ додани иттилоотро фаро мегирад.

Маълумотҳои баҳисобгирӣ бояд талаботҳои мушаххаси истифодабарандагонро вобаста аз сатҳ ва тавсифи қарорҳои қабулмегардида қонеъ кунонида, ба талаботҳои зерин чавобгӯ бошад:

– таҳлилӣ – иттилоот бояд аз рӯйи ҳамон самтҳои фаъолият ва гурӯҳбандӣ ворид гардад, ки барои ҳал кардани масъалаҳои гузошташуда зарур бошад;

– объективӣ – иттилооти иқтисодӣ бояд маълумот дар бораи ҳолати мавҷуда ва тағйирёбиҳо дарояндаро объективона инъикос намояд;

– саривақтӣ ё фаврӣ – маълумот ба роҳбарият бояд зуд ва фавран пешниҳод карда шавад, зеро дар муҳлати муайянкардашуда пешниҳод нагардидани он ба қабули қарорҳои нодурусти идоракунӣ боис мегардад;

– мутобиқат ва муқоисашавандагии маълумотҳое, ки аз сарчашмаҳои гуногун гирифта мешаванд;

---

[1] Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ [матн]: китоби дарсӣ. С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов; Душанбе: «Ирфон», 2017 - 324 с., - С. 289

– дақиқӣ (саҳеҳӣ) – маълумот барои тамоми истифодабарандагон бояд даркшаванда ва фаҳмо бошад;

– пуррагӣ – маълумот бояд барои самаранок истифода гардиданаш мутобиқ ва фарогир бошад;

– барои қабул намудани қарорҳо маълумот бояд кофӣ бошад – сохтори он ва микдори он барои инъикос намудани хусусиятҳои корхона мувофиқ бошад;

– устуворӣ – имконияти тағйир наёфтани маълумот дар давраи муайяни вақт.

Низоми баҳисобгирӣ–таҳлилӣ ин низомест, ки дар асоси маълумоти баҳисобгирии ҷорӣ, оморӣ, молиявӣ ва идоракунӣ ташаккул ёфтааст, фаҳмида мешавад. Дар доираи ин низом ҳамзамон иттилооти истеҳсолӣ, оморӣ, нақшавӣ, меъёрӣ ва ғайра ташаккул меёбанд, ки барои гузаронидани таҳлили иқтисодии фаъолияти корхона истифода мебаранд. Бояд тазаккур дод, ки барои ташаккули таъминоти иттилоотии низоми баҳисобгирӣ – таҳлилӣ масъалаҳои зерин асос ба ҳисоб меравaнд:

– ҷудо кардани иттилоот ҳамчун захираи (сарчашмаи) калидии идоракунии корхона;

– гузаштан аз иқтисодиёти бо сармоя асосёфта ба иқтисодиёти донишҳо;

– мавҷудияти алоқамандиҳои ҳамаҷонибаи байни сифати иттилоот ва самаранокии меҳнат;

– мавҷудияти низоми иттилоотии мукаммал, ки ба талаботи стратегияҳои идоракунии корхона ҷавобгӯ бошад;

– тағйирёбии муҳити дохилӣ ва берунии корхона, ворид намудани дигаргуниҳои дар сохтори идоракунӣ талаб намуда, қисми ташаккулдиҳандаи таъминоти иттилоотӣ мебошад;

– афзоиши ҳаҷми қарорҳои қабулшаванда дар натиҷаи афзудани ҳаҷми иттилоот;

– талабот ба маълумотҳои баҳисобгирӣ–таҳлилӣ барои ба мақсадҳои идоракунии корхона ноил гардидан имкон медиҳад, ки фаъолияти ҷории корхона баҳогузорӣ карда шуда, рушди ояндаи он пешгӯӣ карда шавад;

– мувофиқат накардани иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилии дар баҳисобгирии бухгалтерӣ ва ҳисобот ташаккул ёфта ба тавсифҳои сифатии иттилоот барои мақсадҳои идоракунии корхона;

– аз тарафи муҳосибот нопурра пешниҳод намудани иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ барои мақсадҳои идоракунии корхона;

– самаранокии иттилоотии низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ заминаи асоси таъминоти иттилоотии низоми идоракунии корхона ба ҳисоб рафта, дар асоси он маҳсулнокӣ ва самаранокии фаъолияти корхона муайян карда мешаванд.

Ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ, ки ба ҳолати молиявию моддии кормандон, роҳбарият, саҳҳомон ва дигарон ба таври назаррас таъсир мерасонад, бояд иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ таъмин карда шавад. Ҷараёни ҷамъоварӣ ва омодасозии маълумотҳои низоми баҳисобгирӣ-таҳлилӣ сохтори мусоидеро инъикос мекунад, ки дар корхона амалӣ карда мешавад ва усулҳои самараноку техникии идоракуниро барои таъмин намудани тарзу усулҳои беҳтарини алоқамандиҳои элементҳои низом бо мақсади таъминоти иттилооти истифодабарандагон истифода карда мешавад. Низоми баҳисобгирӣ маълумоти баҳисобгирӣ-таҳлилиро барои истифодабарандагони сатҳи гуногун ташаккул медиҳад ва аз онҳо вобастагӣ дорад. Он бояд ба дархостҳои дохиливу берунии онҳо равона гардида, талаботҳои истифодабарандагонро қонеъ карда тавонад. Қадами аввалини таъминоти иттилоотӣ - ин муайян намудани талаботҳои иттилоотӣ мебошад. Онро бояд чунин интихоб намуд, ки талаботи иттилоотии истифодабарандагонро ба раванди ташаккулёбии иттилооти саҳеҳу эътимодноки баҳисобгирӣ ҳамоҳанг намояд.

Иттилооти баҳисобгирие, ки дар асоси он қарорҳои идоракунӣ қабул карда мешаванд, бояд воқеӣ, сариваќтӣ, эътимоднок ва пурра бошад. Релевантӣ қонеъ гардонидани талаботҳои иттилоотии мушаххаси истифодабарандагон мебошад. Дар низоми баҳисобгирии бухгалтерӣ иттилооти зиёд ҷамъоварӣ карда мешаванд, вале ин маънои онро надорад, ки он барои низоми идоракунӣ даркор мешавад.

Дар шароити иқтисодии мавҷуда корхонаҳои парандапарварӣ рақобати шадидро ҳам аз тарафи корхонаҳои ватанӣ ва ҳам корхонаҳои хориҷии истеҳсолкунандагони маҳсулоти парандапарварӣ эҳсос мекунанд. Ҳамин тавр, барои рақобатпазир будани корхона танҳо пешниҳод кардани нархи нисбатан пасти маҳсулот (дар натиҷаи кам кардани хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ) кофӣ нест. Шароитҳои бозории хоҷагидорӣ ба тамоми ҷараёнҳои истеҳсолӣ ва фурӯши маҳсулот талаботҳои нисбатан сахтро пешниҳод мекунанд, ки ба онҳо омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Солҳои охир сифати маҳсулоти соҳаи парандапарварии кишвар нисбатан беҳтар гардидааст. Аммо барои дар оянда афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти босифат зарур аст, ки нишондиҳандаҳои ҳақиқии он пешакӣ дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ, ҷамъбаст ва сабткунакҳои баҳисобгирии ҷузъиву куллӣ ва ҳисоботҳо инъикос карда шаванд.

Рушди муҳити бозорӣ, рақобати шадид дар соҳа, талаботҳои истифодабарандагон, тағйирёбии шаклҳои моликият ва шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ – ҳамаи инҳо талаб мекунанд, ки ҳуҷҷатикунонии мавҷуда барои бо иттилооти зарурӣ таъмин намудани фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ мукаммал гардонида шаванд. Барои корхонаҳо барасмиятдарории хуҷҷатии амалиётҳои бо истеҳсоли маҳсулоти парандапарварӣ алоқаманд буда, шарти ҳатмии пешбурди баҳисобгирии бухгалтерӣ мебошад, инчунин қисми ҷудонашавандаи маҷмуи принсипҳои асосии баҳисобгирӣ мебошад.

Дар ҳисобгирӣ пурра инъикос кардани ҳамаи амалиёти фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона яке аз принсипҳои низоми ҳуҷҷатгузорӣ мебошад. Таъиноти ҳуҷҷати ибтидоии баҳисобгирӣ – ин ба қайд гирифтани ҳар як амалиёти иҷрошуда мебошад. Бинобар ин, зарурати мукаммалгардонии ҳам шаклҳои тасдиқгардидаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ва ҳам коркарди дигар шаклҳои ҳуҷҷатҳо, ки хусусияти соҳаи парандапарвариро инъикос мекунанд, ба миён меояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон дод, ки баҳисобгирии ибтидоии дар корхонаҳои парандапарварӣ амалкунанда бо сабаби қонеъ карда натавонистани талаботи иттилоотии менеҷерон ба мукаммалгардонӣ ниёз дорад. Тартиби барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои ибтидоии баҳисобгирӣ дар моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” оварда шудааст. Номгӯй ва шакли ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ карда шудааст. Аммо барои талаботҳои идоракунӣ иттилоот оид ба хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ бояд дар дигар доира ташаккул дода шавад. Пеш аз ҳама, ин ғайримарказонии баҳисобгирӣ мебошад, яъне аз рӯйи марказҳои масъулият. Баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи марказҳои масъулият дар навбати аввал ташаккулёбии иттилооти миқдорӣ ва сифатиро оид ба хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ бо мақсади назорат ва таҳлили майлкуниҳо пешбинӣ мекунад. Дар ин ҳолат, ҳамаи ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ дар зерсохторҳои ибтидоӣ (марказҳои масъулият) тартиб дода мешаванд, онҳо бояд дар бораи хароҷоти ҳақиқӣ ва меъёрӣ иттилоот дошта бошанд. Дар ҳоли ҳозир шакли ҳуҷҷатҳои ибтидоии истифодашаванда нишондиҳандаҳои барои назорат ва таҳлили ҷории майлкуниҳо заруриро надоранд. Дар вақти гузаронидани таҳлили фаврии майлкуниҳои хароҷоти ҳақиқӣ аз меъёрӣ ва баҳогузории натиҷаҳои фаъолияти марказҳои масъулият ҷудо намудани майлкуниҳои назоратшаванда ва назоратнашаванда зарур мебошад. Бинобар ин,

мукаммал гардонидани ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ давраи муҳимми таҳия ва татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба он ки маҳсулнокии паранда ва сатҳи арзиши аслии маҳсулот аз самаранокии истифодаи хӯрока вобаста мебошад (хӯрока дар таркиби арзиши аслии маҳсулот 70-80%-ро ташкил медиҳад), ҳангоми коркард ва мукаммалгардонии шаклҳои ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ба такмилдиҳии чунин ҳуҷҷатҳо, аз ҷумла Ведемости баҳисобгирии хароҷоти хӯрока бояд диққати махсус дода шавад. Зеро сохтори ин шакли ҳуҷҷат ва пайдарпайии пур кардани реквизитҳои он ба талаботҳои тартиби амалисозии назорати ҷории майлкуниҳо ҷавобгӯ нест. Дар шакли тасдиқгардидаи Ведомост реквизитҳои муҳим, ба монанди арзиши ҳақиқии хӯрока, хароҷоти ҳақиқӣ ва меъёрии хӯрока ба 1 сар паранда, ғизонокии хӯрокаҳои омехта аз рӯйи ҳар як намуди хӯрока мавҷуд нест. Пешниҳод менамоем, ки ба сохтори Ведомост ин реквизитҳо дохил карда шаванд, чунки барои таҳлил намудани майлкуниҳоро аз рӯйи ҳар як намуди хӯрока имконият фароҳам месозанд, ки онҳо ба таркиби хӯрокаи омехта чи аз ҳисоби нархи хӯрока ва чи аз ҳисоби истифода шудан дохил мешаванд. Ин дар навбати худ баҳогузории нисбатан ҳақиқии фаъолияти марказҳои масъулиятро таъмин мекунад.

Тавсия медиҳем, ки дорувориҳои тиббӣ ва байторӣ дар асоси Санади соқиткунии маводҳои тиббӣ ва байторӣ соқит карда шаванд, ки тартиб додани он аз рӯйи ҳамаи намудҳои парандаҳо ва гурӯҳҳои баҳисобгирии онҳо ба мақсад мувофиқ мебошад. Санад аз ҷониби мудири мурғхона тартиб дода мешавад. Дар он гурӯҳҳои баҳисобгирии парандагон, номгӯи дорувориҳо, микдори онҳо, воҳидҳои ченак ва нархи онҳоро дарҷ кардан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ҳамчунин сабабҳои соқиткунии ин маводҳо низ муҳим мебошад. Эътимоднокӣ ва дурустии ин Санадро бо имзои худ мудири мурғхона, духтури байторӣ ва муҳосиб тасдиқ мекунанд. Ҳуҷҷати мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, як

нусхаи он дар дасти мудири мурғхона ва нусхаи дигараш аз тарафи духтури байторӣ охири ҳар моҳ ба муҳосибот супорида мешавад. Маҳз ба туфайли нисбатан муфассал гуруҳбандӣ намудани парандагон аз рӯйи гурӯҳҳои баҳисобгирашон корхона имконият дорад, ки маблағи хароҷоти доруворӣ ва маводҳои байторӣ хубтар назорат кунад, инчунин хароҷот аз рӯйи ҳар як гурӯҳи парандаҳо таҳлил карда шавад.

Маҳз дар марказҳои масъулият тартиб додани Санади хориҷкунии доруворихои тиббӣ ва маводҳои байторӣ ба нисбатан босифат назорат кардани захираҳои моддӣ ва фавран ҳисоб кардани майлкуниҳо ва ошкор кардани нишондиҳандаҳои назоратшаванда ва назоратнашаванда мусоидат мекунад (ҷадвали 3.1.1).

Ворид кардани тухмҳои парандагон дар корхонаҳои парандапарварии ғайритахассусӣ тибқи Рӯзномаи воридоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (шакли намунавии байнисоҳавӣ, шакли СП-14) амалӣ карда мешавад. Аммо ҳуҷҷати мазкур барои тамоми намуди маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ универсалӣ мебошад (ҳам чорводорӣ ва ҳам растанипарварӣ) ва аз ин лиҳоз, хусусияти соҳаи парандапарварӣ, махсусан чунин иттилоот, ба монанди намуд ва сифати тухмҳоро ба инобат намегирад. Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки ба ин ҳуҷҷат чунин реквизитҳо дохил карда шаванд: микдори тухмҳо дар ибтидои рӯз вобаста аз ҳаҷм ва сифати он, миқдор, инчунин ҷамъоварии ҳақиқии тухмҳо дар як рӯз вобаста аз тухмҳои инкубатсионӣ, шикасташуда ва истеъмолӣ (ҷадвали 3.1.2) ва ин имконият медиҳад пояи иттилоотии ташкили назорат ва қабули қарорҳо нисбатан самаранок ташаккул дода шавад.

Дар корхонаҳои махсусгардонидашуда Карточкаи баҳисобгирии ҳаракати парандаи бавоярасида (шакли намунавии байнисоҳавӣ, шакли № ВИ-53) барои баҳисобгирии ҳаррӯзаи ҳаракати саршумори парандаҳои бавоярасида истифода карда мешавад. Аз рӯйи ҳар як гурӯҳи парандаи бавоярасида Карточкаи баҳисобгирӣ вобаста аз синни ба 180

(210) рӯз расида кушода мешавад. Дар он аз тарафи бригадир ҳар рӯз маълумот оиди ҷараёни парвариш ва ҳаракати мурғҳо сабт карда мешавад.

Ҷадвали 3.1.1

Санади соқит кардани маводҳои тиббӣ ва байторӣ

Тасдиқ мекунам:
Роҳбари корхона
______________
______ __________ соли 20_

Фабрикаи парандапарварии______

Санади № 9 дар бораи соқит кардани маводҳои тиббӣ ва байторӣ
аз «30» сентябри соли 2022.

Қафаси №2
Комиссия дар ҳайати зерин: Сарбайтор________Муҳосиб ________Мудири ферма __________, бригадир__________

1. Барои табобати мурғон ___
2. Барои пешгирии касалиҳо____
3. Барои коркардҳои байторӣ___
4. Барои безараргардонӣ_____

Комиссия дар ҳайати сарбайтор___________________, муҳосиб________________, духтури байтор___________________________, мудири мурғхона ___________________муайян намуд, ки маводҳои тиббии дар поён қайд гардида ба миқдори ___, ба маблағи ___ сомонӣ соқит карда шуд (______________________________) аз ҷумла:

| № | Номгӯи маводҳои бойторӣ | Намуди мурғ | Гурӯҳи мурғ | Боҳамалоқамандии ҳисобҳо | | Воҳиди ченак | Миқдор | | Нарх | Маблағ | Сабабҳои соқиткунӣ (табобат, пешгирӣ, байторӣ, безараргардонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | дебит | кредит | | Аз рӯйи меъёр | Ҳақиқӣ | | | |
| 1 | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | |

Мудири мурғхона ___________________ Ном ва номи падар
Муҳосиб ____________________________ Ном ва номи падар
Духтури байтор ______________________ Ном ва номи падар
Бригадир ___________________________ Ном ва номи п адар
Сарбайтор __________________________ Ном ва номи падар
**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Дар карточка ному насаби мурғбон, ҳаракати ҳаррӯзаи мурғҳои тухмдиҳанда (мавҷудият, воридшавӣ, хориҷшавӣ), ҷамъоварии ҳаррӯзаи тухм ва истехсоли тухм ба ҳар як мурғи тухмдиҳанда дар як моҳ нишон дода мешавад. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки дар корхонаҳои махсусгардонидашудаи парандапарварӣ дар Карточка (шакли № ВИ-53) иттилоот оид ба ҷамъоварии ҳақиқии тухмҳо саҳеҳ дарҷ карда намешаванд.

**Ҷадвали 3.1.2**

РӮЗНОМАИ ВОРИДОТИ МАҲСУЛОТИ ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

Корхонаи парандапарварии _______

Тасдиқ мекунам:

Роҳбари корхона

________________________

______ имзо_____

Сана______________

| Сол | Моҳ | Сана | Рақам | Корхона | Шифр | Шуъба | Бригада | Зерцуъба | Рӯзномаи воридоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ | Амалиёт | Қабулкунанда | Ирсолкунанда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | Анбор | Мурғхона |
| 2022 | | | | | | | | | | | | |

Миқдори воҳидҳои маҳсулот истеҳсолкунанда _______

Саршумор, дона

| Аз кӣ қабул гардид | Миқдори мурғони наслдеҳ, сар | Ҷамъоварии ҳақиқии тухмҳо дар як рӯз, дона | | | Имзои мутасаддӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | Истеъмолӣ | Инкубатсионӣ | Шикаста | |
| Мурғхонаи № 1 | | | | | |
| .... | | | | | |
| | | | | | |
| Мурғхонаи № | | | | | |

Роҳбари шуъба Ном ва номи падар _________ имзо

Сардори сех Ном ва номи падар _________ имзо

Мутасаддии сех Ном ва номи падар _________ имзо

Ҳисобҳо: дебети ______ кредити __________

Воҳиди ченак дона

Хаҷм (ҳамагӣ)

Нарх

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Дар натиҷа иттилоот оид ба ҷамъоварии ҳақиқии тухмҳо, ҳам тухмҳои истеъмолӣ ва ҳам тухмҳои шикаста дарҷ карда мешаванд (ҷадвали 3.1.3).

Ҷадвали 3.1.3

Карточкаи баҳисобгирии ҳаракати парандаи бавоярасида (барои хоҷагиҳои махсусгардонидашуда)

Тасдиқ карда шудааст:
Роҳбари корхона
________________________

Корхонаи

Карточкаи №_9_ баҳисобгирии ҳаракати парандаи бавоярасида (барои хоҷагиҳои махсусгардонидашуда)
дар моҳи ________________________ соли ___

Зершуъбаи ___ синни мурғ 7 - моҳа
Ферма __ мурғхона Ному насаб имзо
Намуди тӯдаи мурғон

| Санаи моҳ | Саршумор дар ибтидои рӯз | Ворид гардид | | Забҳ карда шуд | | Фавт | | Дигар талафот | | Ҷамъоварии ҳақиқӣ, дар як рӯз | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сар | Ҳаҷм | Сар | Ҳаҷм | Сар | Ҳаҷм | Сар | Ҳаҷм | Истеъмолӣ | Шикаста |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 1 | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | |
| … | | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | | | | |
| ….. | | | | | | | | | | | |
| 31 | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ дар як моҳ | | | | | | | | | | | |
| Нарх | | | | | | | | | | | |
| Маблағ | | | | | | | | | | | |
| Рақами ҳисоби куллӣ | Дебит | | | | | | | | | | |
| | Кредит | | | | | | | | | | |
| Ҳаракати саршумори хурӯс дар моҳ | | | | | | | | | | | |
| Ҳаракати саршумори ҳамаи мурғон дар моҳ | | | | | | | | | | | |
| Аз ҷумла хурӯсон | | | | | | | | | | | |

Ҳисоби миёнаи мурғони
тухмдиҳанда дар моҳ ________ ______________ Ному насаб, имзо
тухмдиҳии як мурғи
тухмдеҳ дар моҳ ________ ______________ Ному насаб, имзо
Роҳбари зершуъба ________ ______________ Ному насаб, имзо
Санҷишро гузаронид ________ ______________ Ному насаб, имзо

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Истифода намудани Карточка имконият медиҳад, ки пояи иттилоотии самаранок барои назорати фаврӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ аз рӯйи миқдор ва сифати тухмҳои аз мурғони тухмдиҳанда ҷамъоваришуда ташаккул дода шавад. Дар ҷараёни технологии парандапарварӣ мумкин аст, ки тухмҳо аз ҷавонаи парандагон низ гирифта шаванду аммо дар ҳуҷҷатҳо дарҷ гардидани ин амалиёт тибқи қонунгузорӣ муайян карда нашудааст. Ҳуҷҷате, ки дар он ҷавонаи паранда ба ҳисоб гирифта мешавад – ин Карточкаи баҳисобгирии ҷавонаи паранда (шакли намунавии байнисоҳавӣ, шакли № ВИ-52) мебошад, вале дар он маълумот оид ба ворид гардидани тухми ҷавона дарҷ карда намешавад. Барои ҳамин, аз нигоҳи мо дар ин ҳуҷҷат бояд реквизит оид ба ҷамъоварии ҳақиқии тухмҳо дар як рӯз аз рӯйи тухмҳои шикаста ва солим (Ҷадвали 3.1.4) дохил карда шавад, ки имконияти пешбурди назорати фаврӣ ва қабули қарорҳои дахлдор оид ба миқдору сифати тухмҳои воридгардидаи ҷавонаи парандагонро фароҳам меоварад.

Ҳамаи корхонаҳои парандапарварии самти истеҳсоли тухм дар сохтори истеҳсолии худ анборҳои нигоҳдории тухмҳоро доранд, ки ба он ҷо тухмҳо аз зершуъбаҳои истеҳсолӣ ворид мегарданд. Айни замон тартиби баҳисобгирии тухмҳо дар анборҳои нигоҳдории онҳо тибқи қонунгузорӣ танзим карда намешавад, ҳарчанд ҷараёни ҷудокунии тухмҳо ба вазифаи ин анборҳо дохил мешавад. Барои ҳамин, корхонаҳои парандапарварии самти истеҳсоли тухм Санади мустақилона тартибдодашудаи хешро истифода мекунанд, ки дар он инъикос намудани маълумот оид ба сифат ва ҳаракати тухмҳои ҷудокардашуда дар назар дошта нашудааст. Мо Санади ҷудокунии тухмҳо дар анборҳои нигоҳдории тухмҳоро (замимаи 1) барои корхонаҳои парандапарварии самти истеҳсоли тухм коркард намудем. Барои умумӣ кардани маълумот дар бораи сифати тухмҳои ҷудокардашуда, роҳҳои воридшавии онҳо ва хориҷ кардани онҳо Ҳуҷҷат дар бораи ҳаракати тухмҳо дар анборҳои

нигоҳдории тухмҳо (замимаи 2) коркард карда шуда, пешниҳод карда шудааст.

Ҷадвали 3.1.4

Корхонаи кишоварзии
Коди рақами _________

Тасдиқ карда шудааст:
Роҳбари корхона
________________________

Картаи №_4_ баҳисобгирии ҳаракати чӯҷаҳои ҷавонаи мурғон (барои хоҷагиҳои махсусгардонидашуда)
дар моҳи ___________________ соли ___
Зершӯъбаи ___ синни мурғ 7 моҳа
Ферма __ мурғхона Ному насаб имзо
Намуди тӯдаи мурғони саноатӣ

| Санаи моҳ | Саршумор дар ибтидои рӯз | Ворид гардид | | Забҳ карда шуд | | Фавт | | Дигар талафот | | Ҷамъоварии ҳақиқӣ, дар як рӯз | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Сар | Ҳаҷм | Сар | Ҳаҷм | Сар | Ҳаҷм | Сар | Ҳаҷм | Сиҳат | Шикаста |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 |
| 1 | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | |
| … | | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | | | | |
| ….. | | | | | | | | | | | |
| 31 | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ дар як моҳ | | | | | | | | | | | |
| Аз аввали сол | | | | | | | | | | | |
| Нарх | | | | | | | | | | | |
| Маблағ | | | | | | | | | | | |
| Коди ҳисоби синтетикӣ | Дебет | | | | | | | | | | |
| | Кредит | | | | | | | | | | |

Ҳаҷми зиндаи мурғон
дар аввали моҳ ________кг, афзоиш дар моҳ __________кг
дар охири моҳ ________кг, афзоиши шабонарӯзӣ________кг
Нигоҳдорӣ ____% Мурғхона ________ Ному насаб _____имзо
Мудири мурғхона ____________ Ному насаб ____ имзо
Санҷид ______________________ Ному насаб _______имзо
Роҳбари зершуъба _____________ Ному насаб ___________ имзо

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Чунин Ҳисобот имконият медиҳад, ки корҳо дар анборҳои нигоҳдории тухмҳо таҳлил карда шуда, инчунин пояи иттилоотии самараноки назорат ва қабули қарорҳои дахлдори ҳаракати тухмҳо ташаккул дода шавад. Бояд қайд намоем, ки татбиқи низоми баҳисобгирии идоракунии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ аз рӯйи марказҳои масъулият дар парандапарварӣ, аз нав дида баромадан ва аз нав коркард кардани миқдори муайяни ҳуҷҷатҳои ибтидоии шаклҳояшон ягонаро талаб мекунад.

Мувофиқати татбиқи реквизитҳои иловагӣ ва ё коркарди шаклҳои нав дар ҳар як корхона бояд мустақилона ҳал карда шавад. Аммо аз нигоҳи мо, талаботҳои умумӣ ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ инҳо мебошанд:

– зарурияти дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ инъикос намудани ҳам нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ ва ҳам меъёрӣ;

– инъикос намудани маълумот дар бораи ғизонокии хӯрока ҳам дар намуди умумӣ ва ҳам дар ҳар як намуди хӯрокаҳои омехта;

– дар ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ҷудо намудани нишондиҳандаҳои назоратшаванда ва назоранашавандаи хароҷот.

Шаклҳои пешниҳодгардида ва инчунин мукаммалсозии ҳуҷҷатгузории ибтидоӣ ба пурзӯр гардидани функсияҳои иттилоотиву назоратии баҳисобгирӣ мусоидат намуда, самаранокии идоракунии ҷараёнҳои тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарвариро таъмин мекунад.

## 3.2. Рушди методикаи назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ

Дар муносибатҳои бозорӣ самаранокии фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ аз фаъолияти идоракунӣ ба таври мустақим вобаста мебошад, ки мустақилияти иқтисодии корхона, рақобатпазирии он ва хароҷотбарории истеҳсолотро таъмин менамояд. Вобаста ба ин масъалаҳои назорати дохилии баҳисобгирии идоракунӣ, системаи

идоракунии хароҷот ва коркард кардани шаклҳои ҳисоботдиҳии дохилии хоҷагидорӣ аҳаммияти муҳимро касб менамоянд, ки натиҷаҳои фаъолияти корхонаро инъикос намуда, имконияти пешбурди баҳисобгирии хароҷот аз рӯйи марказҳои ба вуҷуд омадани онҳоро фароҳам оварда, ба истифода кардани усулҳои калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот мусоидат мекунад.

Баҳисобгирии истеҳсолӣ дар худ системаи банақшагирӣ, назорат, таҳлили маълумотҳо дар бораи хароҷот ва натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ вобаста ба объектҳоеро, ки идора карда мешаванд, инъикос менамояд ва дар асоси онҳо қарорҳои дахлдори идоракунӣ бо мақсади беҳтар гардонидани натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона дар ояндаи дуру наздик қабул карда мешавад.

Объектҳои баҳисобгирии хароҷот дар системаи баҳисобгирии идоракунӣ моддаҳо ва элементҳои иқтисодии хароҷот, зершуъбаҳои сохторӣ (ҷойи бавуҷудоии хароҷот, марказҳои хароҷот, ки барои идоракунии хароҷот зарур буда, барандаҳои хароҷот, яъне намудҳои маҳсулот, кор ва хизматрасониҳо) мебошанд. Дар системаи баҳисобгирии идоракунӣ самтҳои алоҳида ва ҷудогонаеро ташкил мекунанд, ки функсияҳои назоратро мебаранд ва махсусан, инҳоро дар бар мегирад: назорати оперативӣ аз болои ҳамаи объектҳои баҳисобгирии хароҷот; назорати ҷории истифодаи захираҳо дар истеҳсолот; пуррагии инъикоси омилҳои ҳаётии хоҷагидорӣ; дурустии тааллуқ доштани хароҷот аз рӯйи объектҳои баҳисобгирӣ ва барандагони он ва инчунин, амалӣ сохтани назорати пайвастаи системаи назорати дохилӣ.

Яке аз вазифаҳои назорати дохилии хоҷагидории баҳисобгирии идоракунӣ – ин гирифтани маълумот дар бораи хароҷот ва таъсири ҳар як марказҳои хароҷот ва марказҳои масъулият ба ташкили шароитҳои фаъолияти пайвастаи корхона мебошад. Барои ҳамин, вазифаи дигари таҳқиқот ин асосноккунии мафҳумҳои «маркази масъулият», «маркази

хароҷот» ва муайян намудани мақоми онҳо дар баҳисобгирии идоракунӣ мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муайян карда шуд, ки ба сифати марказҳои масъулият зершуъбаҳои корхона баромад мекунанд, ки таҳти идораи як роҳбар мебошанд. Ба онҳо чунин гурӯҳҳои хароҷотро дохил мекунанд, ки имконияти дар ҷараёни баҳисобгирӣ ба ҷойи бавуҷудоии хароҷот (истеҳсолот, қисматҳо, бригадаҳо, фермаҳо) бо якҷоя кардани масъулияти роҳбаронашон фароҳам меояд. Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки ин ҳамон сегменти фаъолияти корхона мебошад, ки таҳти роҳбарии шахси масъул қарор дорад, ки вай қарорҳои дахлдорро қабул мекунад.

Ҳангоми ташаккули сохтори ташкилии корхона барои ҳар як маркази масъулият бояд қоидаҳо ва ҳуқуқҳои онҳо муайян карда шаванд, ки тариқи онҳо масъалаҳои мстақилона ҳалшаванда ва мустақилият дар қабули қарорҳо (масалан, барои танзим намудани ҷараёнҳои технологӣ) муайян карда шаванд. Ҳамзамон минтақаҳое низ муайян карда мешаванд, ки тибқи он маркази масъулият бояд маълумотҳоро ҳангоми зарурат ба марказҳои болоӣ барои қабул намудани қарорҳои идоракунии одилона равона созад.

Дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ зерсохторҳои он байни ҳамдигар алоқаманд буда, аз рӯйи технологияи истеҳсолии пурраи сарбаста фаъолият намуда, дар давоми сол мунтазам маҳсулот истеҳсол мекунанд ва ба фурӯш мебароранд. Бинобар ин, дар ин корхонаҳо ташкил ва амалӣ намудани назорати дохилӣ аз рӯйи ҳар як зерсохтор лозим аст. Барои ташкили назорати дохилӣ аз рӯйи ҳар як зерсохтори корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ ба сегментҳо ҷудо намудан онҳо аз рӯйи намуди фаъолият, маҳсулот, ташкили баҳисобгирии сегментӣ ва ташаккули ҳисобот аз рӯйи сегментҳо зарур мебошад. Ин дар шароити муосир хело мубрам мебошад.

Ҳамин тавр, корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ вазифадоранд, ки на танҳо назорат ва санҷиши ҳисоботҳоро ташкил намоянд, балки

санҷиши шартномаҳо, ҳодисаҳо, воқеаҳо ва омилҳое, ки ба вазъи молиявии онҳо таъсир мерасонанд, роҳандозӣ намоянд.

Маҷмуи элементҳо мазмун ва системаи назорати дохилиро муайян сохта, лаҳзаи муҳимми ташаккули назорати дохилӣ дар фаъолияти амалӣ мебошад. Ба замми ин, зарурати назорати дақиқи фаъолияти зерсохторҳо вобаста аз сохтори ташкилию идоракунии корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ пешакӣ муайян карда мешавад. Ин дар навбати худ, аз тақсим кардани корхона ба сегментҳо ва намудҳои фаъолият мувофиқи сохтори амалкунандаи идоракунӣ, шакли ташкилӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

Дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ усулҳои гуногуни идоракунӣ истифода карда мешавад, ки онҳо ба ташкили системаи назорати дохилӣ таъсири амиқ мегузорад. Аз дигар тараф, низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои соҳа зери таъсири омилҳои гуногуни дохилӣ ва берунӣ инкишоф ёфта, бояд дар шароити муосир барои таъмини иҷрои ҳадафу вазифаҳои назоратӣ аз усулҳои нав истифода барад. Бинобар ин, системаи назорати дохилӣ бояд самти стратегии мушаххас дошта бошад ва дар асоси маълумотҳои дохилӣ ва берунӣ ҳамчун воситаи пешгӯикунии натиҷаҳои фаъолият ва таҳияи нақшаи стратегии корхона баромад намояд.

Дар ҳама ҳолат, назорати дохилӣ бояд тамоми бахшҳои фаъолияти корхонаро фаро гирад: моликият, таъмини бехатарӣ, пешбурди баҳисобгирӣ мувофиқи меъёрҳои танзимкунанда, эътимоднокии маълумотҳои ҳисобот, ошкорсозӣ ва ҷалби захираҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, молиявӣ, кадрӣ ва ғ.

Дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ назорати дохилӣ дар маънои маҳдуд, низоми нишондиҳандаҳо оиди объектҳои назорат буда, аз тарафи роҳбарони зерсохторҳо ва кормандони сатҳи гуногун дар доираи ваколат ва масъулияти ба зиммаашон гузошташуда амалӣ карда мешавад. Назорати дохилӣ ба маънои васеъ ҷараёни доимӣ ва

мунтазами ҷамъоварӣ ва баҳодиҳии маълумоти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ дар бораи фаъолияти зерсохторҳои алоҳидаи корхонаҳои парандапарварӣ ба ҳисоб рафта, ҷиҳати бартараф кардани норасогиҳо ва камбудиҳо дар фаъолияти ҷории сегментҳо, пушгӯйинамоӣ ва банақшагирии стратегӣ татбиқ карда мешавад.

Ҳамин тавр, яке аз шартҳои асосии бомуваффақияти фаъолияти назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ сегментикунонии он мебошад. Ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо барои баҳо додани саҳми ҳар як сегмент дар ташаккули натиҷаҳои молиявию иқтисодии корхонаҳои парандапарварӣ шароит фароҳам оварда, боҳамалоқамандии сегментҳоро бо нишондиҳандаҳои асосии онҳо дар маҷмуъ таъмин менамояд.

Низоми назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо бо мақсади тақвият додани назорати самаранокии самтҳои гуногуни фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ, инчунин дар баҳисобгирии сегментӣ инъикос намудани маълумотҳо, амалиётҳо, ҳодисаҳо ва гузаронидани таҳлили объективии натиҷаи фаъолияти сегментҳо ташаккул дода мешавад. Таъкид кардан бамаврид аст, ки аз хусусиятҳои соҳавӣ, технологӣ ва ташкили ҷараёни истеҳсолоти соҳаи парандапарварӣ сатҳи ташкили сегментҳо ба сифати объектҳои баҳисобгирию ҳисоботӣ вобастагӣ дорад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда ва таҷрибаи амалии корхонаҳои парандапарварӣ собит месозад, ки аз дуруст ва дақиқ ҷудо намудани намудҳои фаъолият ба сегментҳо пешбурди баҳисобгирии сегментӣ, ҳисоботи сегментӣ, самаранокии гузаронидани назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо алоқамандӣ дорад. Бинобар ин, мо фикр мекунем, ки назорати дохилии сегментӣ дар корхонаҳои соҳаи парандапарварӣ бояд тамоми сегментҳои фаъолиятро аз рӯйи зинаҳои гурӯҳбандии сегментии намудҳои фаъолият фаро гирифта, бо низомҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорати дохилӣ алоқаи мутақобила дошта бошад.

Фаъолияти корхонаҳои хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки марказҳои масъулият аксар вақт аз рӯйи ҳаҷми вазифаҳояшон ва масъулияти роҳбаронашон ва инчунин, аз рӯйи функсияҳое, ки ҳар як марказ иҷро мекунад, таснифот медиҳанд. Аз рӯйи нишондиҳандаи аввала марказҳои масъулият ба маркази хароҷот, фурӯш (даромад), фоида, сармоягузорӣ ҷудо менамоянд.

Маркази хароҷот – воҳидҳои ибтидоии истеҳсолӣ ва хизматрасоне мебошанд, ки функсияҳо ва амалиётҳои якхела дошта, бо сатҳи ба ҳам монанди таъминоти техникӣ ва ташкили корҳову самти хароҷот тавсиф дода мешаванд. Онҳоро ҳамчун объекти банақшагирӣ ва баҳисобгирии хароҷот бо мақсади гурӯҳбандии хароҷот, пурзӯр намудани назорат ва аниқтар кардани калкулятсия истифода мекунанд.

Маркази фурӯш (даромад) дорои зершуъбаҳои маркетингии фаъолияти ба фурӯш вобастае мебошад, ки роҳбарияти он танҳо гирифтани фоида аз фурӯши маҳсулотро назорат мекунад. Ба онҳо маълумот оид ба истеҳсолоти нисбатан даромаднок пешниҳод карда мешавад. Натиҷаи фаъолияти онҳоро аз рӯйи ҳаҷм ва сохтори фурӯши маҳсулот дар намуди натуралӣ ва пулӣ, бузургиҳои хароҷоти муомилоташон баҳогузорӣ мекунанд. Ҳамзамон роҳбарияти чунин зершуъбаҳо салоҳияти зиёд кардани захираҳо ва баланд кардани нархҳоро надоранд. Ҳарчанд ки афзоиш додани нарх ба баланд шудани даромаднокӣ оварда расонад.

Маркази фоида зершуъбае мебошад, ки роҳбарияти он ҳам барои хароҷот ва ҳам барои натиҷаҳои молиявӣ масъул мебошанд. Ин зершуъба аз зершуъбаи фурӯш (даромад) бо васеъ будани салоҳияташон фарқ мекунад. Ба қатори ин намуди зершуъбаҳо метавонанд корхонаҳои алоҳида дар дохили корхонаҳои бузург (филиалҳо, корхонаҳои фаръӣ, намояндагиҳои тиҷоратӣ, мағозаҳо ва ғ.) дохил шаванд.  Роҳбарони ин шуъбаҳо метавонанд тамоми ташкилдиҳандаҳои фаъолиятро назорат кунанд, ки аз онҳо бузургии фоида, алалхусус ҳаҷми истеҳсолот ва ҳаҷми фурӯши маҳсулот, нархҳо, хароҷот вобаста мебошанд. Одатан маркази

фоида якчанд хароҷотро фарогир мебошад. Хароҷоти умумӣ ва натиҷаи фаъолияти онҳо дар системаи баҳисобгирии бухгалтерӣ инъикос карда мешаванд.

Маркази сармоягузорӣ – ин зершуъбае мебошад, ки роҳбари он барои хароҷот дар натиҷаи ҷараёнҳои сармоягузорӣ, самаранокии истифодабарии воситаҳои пулӣ масъул мебошад. Вазифаи ин марказ таъмин намудани даромаднокии максималии маблағҳои гузошташуда ва зуд баргардонидани онҳо мебошад.

Дар доираи таснифотҳои дар боло зикргардида К.В. Шиборш марказҳои хароҷотро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мекунад:

– маркази хароҷоти идоракунӣ – ин зершуъбае мебошад, ки роҳбарияти он дар доираи буҷети ҷудогардида барои таъмин намудани хизматрасониҳои сатҳи беҳтарин масъул мебошанд. Чунин вариант, чун қоида ба шуъбаҳои идоракунии корхона мусоид мебошад, ки дар онҳо ҳам муайян кардани хароҷот ва ҳам муайян намудани натиҷаҳо душвор мебошад;

– маркази хароҷоти меъёрӣ – ин зершуъбае мебошад, ки роҳбари он вобаста аз сатҳи хароҷоти меъёрӣ аз рӯйи маҳсулоти истеҳсолшаванда (пешбинишуда) масъул мебошанд. Меъёрҳо асосан соҳаи хароҷоти меҳнат, хароҷоти мустақими ашёи хом ва масолеҳро фарогир мебошанд. Самаранокии фаъолияти чунин зершуъбаҳо тариқи андозаи тамоилҳои мусбат ва манфии сатҳи воқеии хароҷот нисбат ба сатҳи пешбинишудаи он чен карда мешавад.

Марказҳои масъулият аз рӯйи ҷараёнҳои истеҳсолӣ ҳамчун маркази асосӣ ва маркази функсионалӣ тасниф карда мешаванд. Марказҳои масъулияти асосии назорат аз рӯйи ҷойҳои бавуҷудоии хароҷотро мебаранд: комплексҳои истеҳсолӣ ба хароҷоти зершуъбаҳое, ки ба он дохил мешаванд, масъул буда, зершуъба бошад, ба хароҷоти ба қисматҳои он дохилмешуда ва қисмат бошад, ба хароҷоти бригадаҳову фермаҳо масъул аст.

Марказҳои функсионалӣ назорат аз рӯйи ҷойҳои бавуҷудоии хароҷоти гуногунро мебаранд, агар хароҷот дар зери таъсири ин маркази мазкур ба вуҷуд омада бошанд. Аз рӯйи аломати функсионалӣ ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

– истеҳсолӣ (сардори зершуъба (сех), танзимгари шуъбаҳо, қисматҳо, бригадаҳо, мудирони ферма ва ғ.);

– хизматрасонӣ (роҳбарон, мутахассисони асосӣ – механикҳо, устоҳо, барқчиён, мудирони стансияҳои корӣ ва ғ.);

– моддӣ (мудирони шуъбаҳо ва марказҳои таъминотӣ, анборҳо);

– фурӯшӣ (мудирони шуъбаҳо ва марказҳои фурӯш, мағозаҳо, бозорҳо);

- идоракунӣ (мутахассисони асосӣ).

Аз рӯйи аломатҳои минтақавӣ бошад, филиалҳо, шуъбаҳо, қисматҳо ва ғ. ҷудо мекунанд, ки дар ҳудудҳои гуногун ҷойгир шудаанд. Онҳо метавонанд ба як ё якчанд самти функсионалии фаъолият машғул бошанд.

Таъминоти иттилоотӣ ва мавҷудияти заминаи иттилоотӣ таҳкурсии асосии фаъолият намудани назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ мебошад. Дар ин радиф, таъминоти методии ташаккули иттилоот барои истифодабарандагони гуногун мавқеи хосса пайдо мекунад.

Расмиётҳои назорати дохилӣ дар ҳуҷҷатҳои танзимкунандаи таъминоти методии низоми назорати дохилӣ инъикос гардидаанд, ки аз ҷониби роҳбарияти корхонаҳои парандапарварӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд. Ба қатори ин ҳуҷҷатҳо фармоиши роҳбарият, низомномаҳо, дастурамалҳо, сиёсати баҳисобгирӣ, стандарти буҷетикунонӣ ва ғайра, ки дар онҳо салоҳият ва масъулияти кормандон вобаста ба иҷрои вазифаҳои ба зиммаашон гузошташуда муқаррар карда шудааст, дохил мешавад. Инчунин, назорати иҷроиши нақшаҳо, барномаҳо ва стратегияҳои корхона дохил мешаванд. Дар ин ҳуҷҷатҳо функсияҳои

назорат ва расмиёти таъсир расонидан ба объекти назорат ба низом дароварда шудаанд. Ҳамзамон дар ин ҳуҷҷатҳо тартиб ва пайдарҳамии расмиётҳое, ки бояд дар ҷараёни гузаронидани назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо иҷро карда шаванд, дарҷ карда мешаванд.

Расмиёти назорати дохилӣ санҷишҳои зеринро дар бар мегирад: барасмиятдарории ҳуҷҷати мувофиқати байни объектҳо (ҳуҷҷатҳо) ё мувофиқати онҳо ба талаботҳои қонунгузорӣ ва меъёрҳо; додани иҷозат барои хариду фурӯш ё амалиётҳо; муқоисакунии маълумотҳо; мушаххас намудани масъулият ва уҳдадориҳои кормандон; мавҷудият, ҷойгиршавӣ ва ҳолати воқеии объектҳои баҳисобгирӣ, аз ҷумла барӯйхатгирӣ.

Назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ қисми ҷудонашавандаи низоми баҳисобгирии муҳосибӣ ва назорат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, ҳангоми ташкили назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ бояд низомномаи баҳисобгирии сегментӣ ва пешниҳоди ҳисобот таҳия шуда бошанд. Дар ин низомнома номгуйи сегментҳо, тавсиф, хусусиятҳо ва усулҳои баҳисобгирии сегментӣ, нишондиҳандаҳо ва пешниҳоди онҳо дар ҳисоботи сегментӣ дарҷ гардида бошанд, ки барои амалӣ кардани расмиётҳои назорати дохилӣ мувофиқи маҳаки мушаххаси сегментикунонӣ, ба монанди намудҳои фаъолият, марказҳои масъулият, намудҳои маҳсулот, сегментҳои географӣ ва ғайра имконият фароҳам оваранд. Ҳангоми иҷроиши расмиёти назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо дар корхонаҳои парандапарварӣ аз ҳуҷҷатҳои корӣ истифода мекунанд, ки сегментҳо ва нишондиҳандаҳои асосии онҳоро дар бар мегиард.

Барои амалӣ намудани расмиёти назорати дохилӣ шакли ҳуҷҷати кории назорати дохилии хароҷот, даромад ва фоида аз рӯйи сегментҳо аз ҷониби муаллиф таҳия ва пешниҳод карда шудааст (ҷадвали 3.2.1).

Марказҳои масъулият қисми системаи идоракунии корхонаҳои парандапарварӣ буда, тақсимоти марказҳои масъулият ба идоракунии самаранок мусоидат намуда, хусусияти идоракунии дохилӣ мебошад.

Назорати дохилӣ ва арзёбии ҳар як маркази масъулият ва роҳбарии он дар асоси натиҷаҳои муқоисаи маълумоти воқеӣ ва буҷетӣ (нақшавӣ) дар давраи санҷидашаванда амалӣ карда мешавад.

**Ҷалвали 3.2.1. - Ҳуҷҷати кории назорати дохилии хароҷот, даромад ва фоида аз рӯйи сегментҳо**

| № р/т | Сегменти фаъолият | Нишондиҳандаҳо | 2022 | 2023 | Фарқият (+,-) | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Сомонӣ | % |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| 1. | Парандапарварӣ | Даромад, сомонӣ | | | | |
| | | Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда, сомонӣ | | | | |
| | | Фоида/зарар аз фурӯш, сомонӣ | | | | |
| 2. | Истеҳсолоти саноатӣ | Даромад, сомонӣ | | | | |
| | | Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда, сомонӣ | | | | |
| | | Фоида/зарар аз фурӯш, сомонӣ | | | | |
| 3. | Таъминот | Даромад, сомонӣ | | | | |
| | | Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда, сомонӣ | | | | |
| | | Фоида/зарар аз фурӯш, сомонӣ | | | | |
| 4. | Фурӯш | Даромад, сомонӣ | | | | |
| | | Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда, сомонӣ | | | | |
| | | Фоида/зарар аз фурӯш, сомонӣ | | | | |
| 5. | Ҳамагӣ аз рӯйи сегментҳо | Даромад, сомонӣ | | | | |
| | | Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхташуда, сомонӣ | | | | |
| | | Фоида/зарар аз фурӯш, сомонӣ | | | | |
| Муҳосиб-таҳлилгар ____________________/ Н.Н.Н. | | | | | | |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Барои ба амал баровардани назорат дар корхонаҳои парандапарварӣ мо барои ҳар як маркази масъулият як қатор нишондиҳандаҳоро муайян намудем, ки онҳоро аз рӯйи хусусиятҳои мақсаду вазифаҳои ҳар як сохтори корхонаҳои парандапарварӣ пурра

кардан мумкин аст (ҷадвали 3.2.2). Гузаронидани назорати дохилӣ аз рӯйи ҳар як маркази масъулият хусусиятҳои ба худ хос дорад, зеро дар назди ҳар як маркази масъулият мақсади мушаххас гузошта шудааст (маркази даромад, фоида, хароҷот ва ғ.).

**Ҷадвали 3.2.2 – нишондиҳандаҳои назоратӣ аз рӯйи марказҳои масъулият**

| № р/т | Намуди маркази масъулият | Нишондиҳандаҳои назоратшаванда |
|---|---|---|
| 1. | Маркази хароҷот | Таҳлили ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда (кор, хизмат) аз рӯйи ҳар як сегмент мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ<br>Таҳлили сифати маҳсулоти истеҳсолшуда (кор, хизмат) аз рӯйи ҳар як сегмент мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ<br>Таҳлили хароҷот мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ аз рӯйи ҳар як сегмент<br>Таҳлили самаранокии хароҷот мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ аз рӯйи ҳар як сегмент |
| 2. | Маркази даромад | Таҳлили ҳаҷм ва сохтори маҳсулоти фурӯхташуда (кор, хизмат) аз рӯйи ҳар як сегмент бо ифодаи натуралӣ ва арзишӣ мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ<br>Таҳлили қарздории дебеторӣ аз рӯйи ҳар як сегмент<br>Таҳлили ҳаҷми ҳақиқӣ ва таркиби хароҷоти барилова ва тиҷоратӣ аз рӯйи ҳар як сегмент мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ<br>Таҳлили даромад, хароҷот ва натиҷаи молиявӣ аз рӯйи ҳар як сегмент<br>Таҳлили даромаднокии фурӯши маҳсулот (кор, хизмат) аз рӯйи ҳар як сегмент мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ |
| 3. | Маркази фоида | Таҳлили даромад, хароҷот ва натиҷаи молиявии мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ аз рӯйи ҳар як сегмент<br>Таҳлили даромаднокӣ аз рӯйи намуди маҳсулот (кор, хизмат) мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ аз рӯйи ҳар як сегмент<br>Таҳлили фоидаи соф ва хусусиятҳои сифатии он аз рӯйи ҳар як сегмент<br>Таҳлили нишондиҳандаҳои буҷетӣ (нақшавӣ) ва нишондиҳандаҳои ҳақиқии устувории молиявӣ (пардохтпазирӣ, бозоргирӣ) |
| 4. | Маркази сармоягузорӣ | Таҳлили даромаднокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ<br>Таҳлили муҳлати бозгирифти лоиҳаҳои сармоягузорӣ<br>Таҳлили меъёри дохилии даромаднокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ<br>Таҳлили арзиши софи ҷории лоиҳаҳои сармоягузорӣ<br>Таҳлили истифодабарии фоида мувофиқи буҷет (нақша) ва ҳақиқӣ |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф таҳия шудааст.

Бинобар ин, ҷараёни гузаронидани назорати дохилӣ аз рӯйи сегментҳо усулҳои ба худ хос дошта, барои идоракунӣ, банақшагирӣ ва назорати фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ, инчунин марказҳои масъулият кумак мерасонанд.

Дар дохили сохторҳои ташкилӣ марказҳои масъулият метавонанд мутаҳҳид шаванд ва ё метавонанд тибқи функсияҳои тобеияташон дар алоҳидагӣ фаъолият намоянд. Масалан, метавон марказҳоеро аз рӯйи монанд будани фаъолияташон ҷудо намуд, ки мисол, дар устохонаҳои таъмирӣ ба сардори шуъба якчанд марказҳои масъулият тобеъ буда метавонанд ва дар қисматҳое воқеанд, ки ба корҳои гуногуни таъмиркунӣ машғул буда ва ё дар фаъолияташон аз як намуди мошинҳову таҷҳизотҳо истифода мекунанд. Яъне, марказҳои масъулият ҳамчун объекти баҳисобгирӣ метавонанд ба ҳамдигар монандӣ дошта бошанд ва ё бо ҷойи бавуҷудоии хароҷот монанд буда, якчанд ҷойҳоро муттаҳид мекунанд. Мақсади асосии ҷудо намудани маркази масъулият ҳамчун объекти баҳисобгирӣ – ин идоракунии фаврӣ ва бурдани назорат аз рӯйи хароҷоти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот мебошад.

Барои ба мақсад расидани корхона марказҳои масъулият нақши муҳимро мебозанд, ки дар онҳо новобаста истеҳсоли маҳсулот ба роҳ монда шуда, корҳо ва хизматрасониҳо иҷро карда мешаванд. Инҳо марказҳое мебошанд, ки маҷмуи ҷойҳои сатҳи гуногунро ташкил медиҳанд ва дар онҳо хароҷоти ба кор даровардани агрегатҳои бузург, хатҳои технологӣ, гурӯҳи таҷҳизотҳо дар дохили зершуъбаҳо, хароҷоти зершуъбаҳои чудогонаи асосӣ ва ёрирасони истеҳсолӣ ва корхона дар маҷмуъ муттаҳид карда мешаванд. Хароҷоти истеҳсолӣ ҳангоми истеъмоли захираҳои истеҳсолӣ беҳтар назорат карда мешаванд, яъне дар он ҷое, ки раванди истеҳсолӣ ва ё хизматрасониҳо ба он ба вуқуъ меоянд.

Маркази хароҷот аз ҷойҳои бавучудоии хароҷот бо он фарқ мекунанд, ки онҳо аз худ гурӯҳҳои хароҷот дар баҳисобгирии ҷузъиро

инъикос мекунанд, ки тибқи амалиётҳои ҷудогона, корҳо ва функсияҳои истеҳсолии зершуъбаҳо ҷудо карда шудаанд. Гурӯҳбандии хароҷот аз рӯйи марказҳои онҳо ҳамчун қисми таркибии системаи калкулятсиякунонӣ буданро ба назар гирифта, беҳтар аст, ки он якҷоя бо баҳисобгирии калкуятсионӣ амалӣ карда шавад, аз ин лиҳоз вазифаи дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ асосноккунии тартиб ва методикаи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ барои қабули қарорҳои дахлдор мебошад.

Ҳамчун сегментҳои алоҳидаи буҷетикунонӣ хароҷот, даромадҳо, фоида ва сармоягузориҳо аз рӯйи марказҳои масъулият, зерсохторҳо, намудҳои фаъолият (чорводорӣ, растанипарварӣ, таъминот, коркард ва ғ.), инчунин корхонаи парандапарварӣ дар умум, объектҳои назорати дохилии сегментӣ ба ҳисоб меравcomponentsанд. Ёдовар мешавем, ки назорати дохилии ҷараёни иҷроиши буҷетҳои сегментҳо бояд мунтазам гузаронида шавад. Иҷроиши нишондиҳандаҳои дар буҷетҳо пешбинишудаи сегментҳо бояд бо назорати пешакӣ, ҷорӣ ва минбаъда фаро гирифта шавад.

Дар давраи таҳияи буҷетҳои корхонаи парандапарварӣ назорати пешакӣ оғоз меёбад. Ҷараёни назорати пешакӣ аз таҳияи буҷети ҳаҷми интизории фурӯш, хариди захираҳо ва истеҳсолот сар мешавад ва ҳисобкунии эҳтиёҷот ба захираҳои моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ ва сармоягузориро дар бар мегирад. Расмиёти назорати пешакӣ шароит фароҳам меорад, ки алоқамандии нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии буҷетҳои таҳиякардашуда таъмин карда шавад. Инчунин, санҷиши мувофиқати нишондиҳандаҳои дар буҷетҳо пешбинишударо бо стратегияҳо, нақшаҳо, фармоиш, расмиётҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии корхонаҳои парандапарварӣ пешбинӣ мекунад.

Назорати ҷорӣ одатан, бевосита дар вақти санҷиши иҷроиши буҷети сегментҳо гузаронида мешавад. Дар рафти иҷроиши назорати дохилӣ нишондиҳандаҳои ҳақиқӣ ва буҷетии сегментҳо муқоиса карда

шуда, майлкуниҳо ошкор ва ҷиҳати бартараф намудани онҳо чораҳои мушахас тарҳрезӣ карда мешавад. Назорати ҷорӣ ба маълумоти баҳисобгирии сегментӣ такя намуда, менеҷерони сегментро бо иттилоот ҷиҳати баҳодиҳии натиҷаҳои бадастомадаи сегментҳои ба онҳо вобастакардашуда дар давраҳои муайяни иҷроиш шароит фароҳам меоварад.

Пояи иттилоотии назорати дохилии сегментҳо ҳисоботи сегментӣ ба ҳисоб рафта, муҳлат, давраҳои омодасозӣ, доираи вақт, пешниҳод, мушаххасоти маълумоти пешниҳодшаванда аз намуди сегмент ва талаботи менеҷерони сатҳи гуногуни корхонаҳои парандапарварӣ вобастагӣ дорад.

Дар ҷараёни гузаронидани назорати ҷорӣ вобаста ба иҷроиши буҷети сегмент ягон муаммои ғайримуқаррарӣ муайян ё тамоюли манфӣ ошкор карда шавад, ба ақидаи мо, аз рӯйи ин сегмент ҳисоботи махсуси сегментӣ, ки иттилооти мушаххасро вобаста ба сегменти мазкур инъикос мекунад, таҳия карда шавад.

Назорати ниҳоии буҷети сегментҳо пас аз анҷом ёфтани давраи ҳисоботӣ гузаронида мешавад. Расмиёти назоратӣ бо роҳи муқоиса намудани натиҷаҳои ҳақиқии бадастомада бо нишондиҳандаҳои дар буҷет пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад. Дар баробари ин, таҳлили натиҷаҳои ҳақиқии бадастомада бо нишондиҳандаҳои дар буҷет пешниҳодшуда (нақшавӣ) барои муайян намудани майлкуниҳо ва тамоюлҳо бо мақсади қабули қарорҳои идоракунӣ гузаронида мешавад.

Иҷроиши расмиёти назорати ҷорӣ ва ниҳоӣ дар маълумотномаҳо ва ҳисоботҳои сегментии аз тарафи муҳосибот омода кардашуда аз рӯйи нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва иҷроиши ҳақиқӣ, хатчаи хизматӣ, гузориши роҳбарони сегментҳо ва зерсохторҳо, ҳисоботҳо ва ғ. дарҷ карда мешаванд.

Илман асосноккунии ҳисоби калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот ҳам аҳаммияти дохилихоҷагӣ ва ҳам аҳаммияти хоҷагидории миллӣ

дорад. Калкулятсия воситаи базавӣ ва муҳимми муайянсозандаи даромаднокӣ ва самаранокии истеҳсолот буда, инчунин барои таҳлил намудани арзиши аслии маҳсулот истифода карда мешавад. Самаранокии фаъолияти системаи идоракунии корхона аз пуррагӣ, эътимоднокӣ ва саривақтӣ будани иттилоот дар бораи арзиши аслии маҳсулот вобаста мебошад. Барои қабул намудани қарорҳои асосноккардашудаи идоракунӣ бояд маълумоти зарурӣ дар бораи арзиши аслии истеҳсоли воҳиди маҳсулот мавҷуд бошад ва барои ҳамин ҳам, калкулятсия элементи асосии баҳисобгирии идоракунӣ мебошад.

Мутобиқ ба хусусиятҳои технологияи истеҳсоли маҳсулоти парандапарварии самти тухмистеҳсолкунӣ, як қисми парандагони тӯдаи наслдиҳанда ва саноатӣ забҳ карда мешаванд ва ё ноқис ҳисобида шуда, онҳоро хориҷ мекунанд. Дар фарқият аз дигар соҳаҳои чорводорӣ, дар парандапарварӣ ҳангоми ҳисоб намудани арзиши аслии маҳсулоти асосӣ (тухм) фарқияти байни арзиши аслии мурғони бавоярасидаи фурӯхташуда ва ё ба гӯшт забҳ кардашуда ва фоида аз фурӯши он ба арзиши аслии тухмҳо дохил карда мешаванд. Ҳамин тариқ, хароҷоти аввалиндараҷаи парвариш кардани мурғони тухмдеҳ ҷуброн карда намешаванд ва фарқияти арзиши мувозинати мурғони ноқис ва фоидаи воқеиро ҳангоми ҳисоб намудани арзиши аслии тухмҳо ба хароҷот дохил мекунанд. Аз нигоҳи мо, татбиқи методикаи тавсияшудаи баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии тухмҳо ба нодуруст ҳисобкунии даромаднокии молиявӣ ва сатҳи даромаднокии истеҳсолоти маҳсулоти парандапарварӣ оварда мерасонад. Чӣ хеле ки дар параграфи 1.1–и боби якуми таҳқиқоти диссертатсионӣ қайд гардида буд, барои ба ин ҳолат дучор нагардидан дар доираи баҳисобгирии идоракунии дохилихоҷагии парандагони тӯдаи бавоярасида ва саноатиро ҳамчун дороиҳои биологии дарозмуддат ба ҳисоб гирифтан, арзиши ибтидоии онҳоро дар арзиши аслии маҳсулот (тухмҳо) тариқи ба ҳисоб гирифтани истеҳлок дар муддати давраҳои самараноки истифодабарии мурғи бавоярасида соқит намудан мувофиқ ба мақсад мебошад. Татбиқи ин равиш

маълумоти воқеии арзиши аслии маҳсулоти истеҳсолмешудаи соҳаи парандапарвариро (тухм) инъикос хоҳад кард.

Бо мақсади ҳалли масъалаҳои гуногуни идоракунӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ онҳо бояд ҳуқуқи мустақилона интихоб намудани усулҳои гуногуни тақсимкунии хароҷот ва ба ҳисоб гирифтани арзиши аслии маҳсулоташонро дошта бошанд.

Гуфтаҳои мазкурро ҷамъбаст намуда, метавон хулоса кард, ки системаи муосири калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот дар парандапарварӣ (махсусан, дар ҷараёнҳои технологии нигоҳубин ва парвариш кардани тӯдаи парандагони бавоярасида) бо мақсади идоракунии дурусту даромаднок коркардҳо ва иловаҳои муайянро талаб мекунад. Дар шароити муосир системаи калкулятсияи арзиши аслии маҳсулот бояд нисбатан мутавозун ва универсалӣ бошад.

Калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ дар намуди варақаи калкулятсионӣ тартиб дода мешавад, ки дар он хароҷоти воқеие инъикос карда мешаванд, ки ба арзиши аслии маҳсулот дар маҷмуъ вобаста аз моддаҳои онҳо ва дар алоҳидагӣ вобаста ба воҳиди маҳсулот бо ченакҳои пулӣ ва натуралии хароҷот дохил мешаванд. Варақаҳои калкулятсионӣ дар асоси Ҳисобот оид ба истеҳсолот тартиб дода мешаванд. Муҳтаво ва тартиби варақаҳои калкулятсионӣ бояд ба талаботҳои ҳисоботҳои бухгалтерӣ дар бораи хароҷоти истеҳсолӣ ҷавобгӯ бошанд. Барои ба ҳисоб гирифтани арзиши аслии воқеии маҳсулоти парандапарварӣ шаклҳои расман тасдиқгардидаи варақаҳои калкулятсионӣ мавҷуд нестанд.

Навишти калкулятсионӣ ва ҳисобкунии арзиши аслии маҳсулотро (кор, хизматрасонӣ) муҳосиб иҷро мекунад. Навишти дуруст тартибдодашудаи калкулятсионӣ корҳои тартибдиҳии калкулятсияро ташкил кунонида, вақтро кам сарф карда, хатоҳои имконпазири тартибдиҳии калкулятсияро аз байн мебарад, имконияти тақсим намудани корҳои вобаста ба калкулятсия дар байни якчанд коргаронро фароҳам меоварад.

Дар асоси арзиши аслии муайяни маҳсулот бо ёрии калкулятсия нархҳои пешниҳодшаванда тартиб дода шуда, муайян карда мешаванд. Вобаста ба тамоми хароҷоте, ки ба вуҷуд меоянд, марказҳои ниҳоиро муайян месозанд, ки тибқи онҳо корхона имконияти пешниҳоди маҳсулот бидуни зарар расонидан ба худашро фароҳам меоварад. Арзиши аслии пурра дар чунин шароит ба нарх дохил намудан ва ба бозор пешниҳод намудан бидуни вайрон кардани қоидаҳои нархгузорӣ имконнопазир мебошад. Нархҳои пешниҳодшавандаи корхона дар бозор аз ҷониби истеъмолгарон ва рақибон санҷида мешавад ва ин омил зарурияти назорат кардани нархҳо бо ёрии калкулятсияҳои санҷиширо ба миён меоварад. Ин имконият медиҳад, ки назорат ва сиёсати нархӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои фаъолияти корхона, сатҳи даромаднокии ҳар як намуди маҳсулот муайян карда шавад ва нархгузории чандирӣ тибқи вазъи бамиёнмеомада амалӣ карда шавад.

Вобаста аз сатҳи ба ҳисоб гирифтани арзиши аслӣ бояд истеҳсолот тарзе ташкил карда шавад, ки ин сатҳи имконпазирро убур накарда, имконияти паст гардидани онро фароҳам оварад. Асоси чунин баҳисобгирӣ ва идоракунии хароҷотро таснифоти онҳо вобаста ба тағйирёбиҳои ҳаҷми истеҳсолот ба тағйирёбанда ва доимӣ тибқи муносибати мустақимашон ба объектҳои баҳисобгирӣ бо дарназардошти ҳарчи бештар наздик гардидан ба инъикоси элементҳои онҳо ташкил медиҳад.

Ташкили низоми назорати дохилӣ дар корхонаҳои парандапарварӣ, муқаррар намудани муҳлатҳои ягонаи воҳидҳои сохторӣ, тартиби ягонаи назорат ва ҳуҷҷатҳои кории пешниҳоди натиҷаҳои назоратро ба роҳбарияти корхона пешбинӣ менамояд.

### 3.3. Буҷетикунонии ҷараёни тағйирёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ

Дар даврони шуравӣ соҳаи парандапарварии ватанӣ яке аз соҳаҳои аз лиҳози иқтисодӣ нисбатан самараноки комплекси агросаноатӣ ба

ҳисоб мерафт. Чӣ хеле ки Қ.Қ. Давлатов қайд менамояд, «то давраи ислоҳот дар ҷумҳурӣ 20 корхонаи парандапарварӣ мавҷуд буд, ки аз ин шумора 1 корхона дар ВМКБ, 6 корхона дар вилояти Суғд, 6 корхона дар вилояти Хатлон ва 7 корхона дар НТҶ фаъолият менамуданд… Яке аз корхонаҳои калони комплекси парандапарварӣ дар ҷумҳурӣ ҶДММ «Парандапарварии Шаҳринав» (пештара фабрикаи парандапарварии Чептура) ба ҳисоб мерафт, ки дар пояи стансияи инкубатсионии парандапарварӣ соли 1958 созмон дода шуда, истеҳсоли тухм дар корхонаи мазкур 191,4 млн. дона ва истеҳсоли гӯшти паранда бошад, 2,1 ҳазор тонна буд»[1]. Аммо дар равандҳои табаддулоти бозорӣ корхонаҳои парандапарварӣ аз сабабҳои сиёсати нодурусти давлатӣ ва ҳолатҳои сиёсиву иҷтимоӣ (ҷанги гражданӣ ва ғ.) рӯ ба нобудӣ оварданд. Ғайр аз ин омилҳо таъсири татбиқи системаи баҳисобгирии нодуруст, ки ба талаботҳои муосир ҷавобгӯ набуданд, ба паст гардидани фаъолияти корхонаҳои парандапарварӣ мусоидат кард. Имрӯзҳо азнавсозӣ ва эҳё гардидани соҳаи парандапарварӣ, махсусан дар натиҷаи тағйир ёфтани шаклҳои ташкиливу ҳуқуқии хоҷагидорӣ ба назар мерасад. Ивази соҳибмулкон ва пайдо гардидани сармоягузорони нав, ки омодаанд маблағҳои калонро ба соҳа сармоягузорӣ намоянд. Ин дар навбати худ, ба рушди соҳаи парандапарварӣ мусоидат намуд ва дар натиҷа ҳаҷми истеҳсолоти соҳаи парандапарварӣ афзун гашта, маҳсулнокии парандагон зиёд шуд, инчунин музди меҳнати кормандони соҳа низ ба маротиб афзоиш ёфт.

Вале бояд қайд намоем, ки самаранокии иқтисодии истеҳсолоти корхонаҳои парандапарварӣ на танҳо аз сармогузориҳои беруна вобаста мебошад, балки аз захираҳои дохилӣ низ вобаста аст, ки истифодаи онҳо бо системаи назорати дохилӣ ба таври бевосита пайвандӣ дорад. Яке аз

[1] Давлатов К.К. Кооперация и интеграция в агропромышленном комплексе Республики Таджикистан: теория, методология, практика // Дисс. на соис. уч. степени док-ра экон. наук. 08.00.05. – Воронеж, 2008. – 351 с., - С. 301

чунин моделҳо, ки ба шароитҳои муосири иқтисодӣ ҷавобгӯ мебошад, ин модели идоракунии дохилии буҷети корхона ва ё буҷетикунонӣ мебошад.

Дар шароити рақобати пуршиддат, ки корхонаҳои парандапарварӣ имкониятҳои маҳдуди баланд бардоштани нархи маҳсулотро (кору хизматрасониҳо) доранд, бо мақсади таъмин намудани даромаднокии истеҳсолот ва беҳтар гардонидани ҷозибияти сармоягузорӣ барои аз ин маҳдудият раҳоӣ ёфтан душворӣ мекашанд, яке аз роҳҳои ба ин мақсад ноил гардидан паст кардани хароҷоти истеҳсолӣ ва ба фурӯш баровардани воҳидҳои маҳсулот ба воситаи татбиқи моделҳои самараноки идоракунии дохилӣ, усулҳо ва методҳои ташкили баҳисобгирӣ ва назорат аз болои хароҷот, даромад ва натиҷаҳои фаъолияти зерсохторҳои корхона дар маҷмуъ мебошад. Барои ноил гардидан ва нигоҳ доштани мақоми аввал дар ҳолатҳои рақобат чунин самти рушди баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаҳои ватанӣ мавқеи устувор пайдо карда истодааст, ки он ба банақшагирии буҷетӣ равона гардида, ба консепсияҳои муосири менеҷмент, хусусан идоракунӣ тибқи мақсадҳои дарпешгузошташуда мувофиқат мекунад. Дар шароити муосир маҳз буҷетикунонӣ асоси банақшагирӣ (пешгӯикунӣ) буда, функсияи муҳимми идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

Мавҷуд будани системаи банақшагирӣ ва пешгӯикунӣ дар корхона на танҳо амалишавии функсияҳои идоракунии (муайян намудани нишондиҳандаҳои мақсадноки фаъолияти корхона ва роҳҳои ноил гардидан ба он) ҷараёнҳои амалишавии натиҷаҳои пешгӯишуда ва муайянсозии майлкуниҳоро иҷро мекунад. Инчунин буҷетҳое, ки дар корхонаҳо коркард карда мешаванд, бояд ба саволҳои «чӣ бояд кард ва чӣ гуна бояд кард», «кай ва дар куҷо бояд маблағҳои гардони (захираҳо) мавҷудбударо барои таъмин намудани самаранокии дар оянда рушд ёфтан истифода намудан», «чӣ корҳо анҷом дода нашудан ва барои чӣ» ҷавоб гӯянд. Маҳз бо ҳамин нақши муҳимми буҷетикунонӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ арзёбӣ карда мешавад.

Баҳисобгирии хароҷот ва натиҷаҳое, ки имрӯз мавҷуд мебошанд, ба системаи маъмулии баҳисобгирӣ ва назорат монанд нестанд. Баръакс, идоракунии самарабахши хароҷот ва даромад ҳамон вақт оғоз мешавад, ки дар системаи баҳисобгирӣ чунин зерсистемаи нави идоракунӣ, ба монанди буҷетикунонӣ ба вуҷуд ояд. Сабаби асосии амалӣ кардан ва пояи идоракунии хароҷот ва мувофиқан фоида на назорати омилҳои гузаштаи фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад, балки назорат ба нишондиҳандаҳои буҷетӣ равона гардида, бо таҳлили майлкуниҳо, воқеият ва амалисозии чорабиниҳои танзимкунӣ ва гирифтани таҷрибаҳо барои дар оянда ба нақша гирифтан мебошад. Ба ақидаи С.Ф. Низомов "Мушкилии асосӣ дар моделронии сикли истеҳсолии корхона мебошад, асли кор дар ҷараёни буҷетикунонӣ сохтани модели ҷараёни ташаккули арзиши иловашуда мебошад"[1].

Сиёсати буҷетӣ бо мақсади муайян намудан ва мустаҳкам кардани принсипҳои ташаккулёбии нишондиҳандаи моддаҳои буҷет, усулҳои баҳодиҳии онҳо, муттаҳидсозии меъёрҳои буҷетӣ таҳия карда мешавад. Аз рӯйи шаклаш он ба сиёсати баҳисобгирӣ монанд аст. Мафҳуми «буҷет» ва ё «буҷетикунонӣ» барои менеҷмент ва баҳисобгирии идоракунии ватанӣ падидаи нав нест, аммо омӯхтани моҳият ва принсипҳои ташаккули он вобаста аз тағйирёбии муҳити фаъолияти корхона ва воситаҳои идоракунӣ аз манфиат холӣ нест.

Таҳлили андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ нишон дод, ки муносибат ва ё алоқамандиҳои байни системаи баҳисобгирии идоракунӣ ва буҷетикуниро, олимон ва муҳаққиқон ба тарзҳои гуногун тафсир мекунанд. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки буҷетикунонӣ ҷузъи ташкилдиҳанда ва ҷудонашавандаи баҳисобгирии идоракунӣ мебошад ва дигарон боисрор таъкид мекунанд, ки он вазифаи мустақили идоракуниро иҷро намуда, ҳамчун системаи алоҳида амал мекунад. Ба

[1] Низомов С.Ф. Управленческий учет и контроль в строительстве: теория, методология и практика /монография/. Душанбе: «Сохибкор», 2013. - 272 с., - С. 82

андешаи мо, дар ин масъала бисёр чиз аз андозаи корхона вобаста мебошад (ҷадвали 3.3.1).

Бо он олимоне, ки буҷетикунониро ҳамчун унсури баҳисобгирии идоракунӣ эътироф мекунанд, мо ҳамақида ҳастем. Ба ақидаи мо, буҷетикунонӣ – ин унсури мустақими низоми баҳисобгирии идоракунӣ буда, ҷараёни боҳамалоқаманди банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти ҳам зерсохторҳо ва ҳам корхонаро дар маҷмуъ тавсиф намуда, назорати иҷроиши буҷетҳоро бо роҳи ошкор ва таҳлил намудани майлкуниҳо ҷиҳати қабули қарорҳои идоракунӣ ифода менамояд.

**Ҷадвали 3.3.1.- Нуқтаи назари олимон оид ба мафҳуми «буҷетикунонӣ”**

| № р/т | Олимон | Ақидаи онҳо |
|---|---|---|
| 1. | **Буҷетикунонӣ ҷузъи ташкилдиҳанда ва ҷудонашавандаи баҳисобгирии идоракунӣ** | |
| 1.1. | Б.А. Аманжолова | «Буҷетикунонӣ воситаи муҳимми назорати идоракунӣ мебошад. Буҷетикунонӣ – ин низоми банақшагирии ҷорӣ мебошад»[1] |
| 1.2. | Н.М. Блаженкова | «Буҷетикунонӣ унсури усули баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Буҷетикунонӣ дар мазмуни васеъ таҳияи буҷетҳои ҷориро ифода мекунад, ки дар асоси он буҷетҳои асосӣ (молиявӣ) ташаккул дода мешаванд»[2] |
| 1.3. | М.А. Вахрушина | «Буҷетикунонӣ: ифодаи миқдорӣ ва молиявии нақшаи фаъолияти корхона, мувофиқгардонӣ ва мушаххасгардонии лоиҳаҳо бо рақам аз тарафи роҳбарони ҷараёни банақшагирии сегментӣ мебошад»[3] |
| 1.4. | О.Н. Волкова | «Буҷетикунонӣ – ҷараёни мувофиқати банақшагирӣ ва идоракунии фаъолияти корхона ба воситаи буҷетҳо (смета) ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ки имконият медиҳад саҳми ҳар як зерсохтор ва ҳар як менеҷер барои расидан ба мақсадҳои умумӣ муайян карда шавад»[4] |
| 1.5. | А.В. Глушенко, К.А. Арчакова | «Буҷетикунонӣ – ин муқаррар кардани ҳодисаҳои интизорӣ ва бавуқуъомада нест, ин яке аз воситаҳои боиқтидори баҳисобгирии идоракунӣ буда, барои ташаккули муҳити |

[1] Аманжолова, Б.А. Бюджетирование как система оперативного планирования и контроля [Текст] / Б.А. Аманжолова. – Новосибирск: СибУПК, 2004. – 148 с., - С. 66
[2] Блаженкова, Н.М. Организационно-методическая основа управленческого учета [Текст] / Н.М. Блаженкова // Бухгалтерский учет. – 2009. – № 10. – С. 15 – 18., -С. 17
[3] Вахрушина, М.А. Стратегический управленческий учет: Полный курс MBA [Текст] / М.А. Вахрушина, М.И. Сидорова, Л.И. Борисов. – М.: Рид Групп, 2011. – 192 с., - С. 37
[4] Волкова, О.Н. Бюджетирование и финансовый контроль в коммерческих организациях [Текст] / О.Н. Волкова. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 272 с., - С. 4

Давоми ҷадвали **3.3.1.**

| | | |
|---|---|---|
| | | иттилоотӣ ҷиҳати қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ, пешбинӣ шудааст»[1] |
| 1.6. | О.Д. Каверина | «Қисми таркибии баҳисобгирии идоракунӣ буҷетикунонӣ ва таҳлили буҷетҳои чандирӣ бо мақсади ташаккули иттилооти релевантӣ барои идоракунии корхона ба шумор меравад ... »[2] |
| 1.7. | В.Б. Ивашкевич | «Буҷетикунониро дар намуди умумӣ ҳамчун низоми иттилоотии идоракунии корпоративии дохилифирмавӣ ба воситаи воситаҳои молиявии мушаххас, ки буҷет ном дорад, нишон дод ... буҷетикунонӣ низоми ҳамгиро буда, маълумоти банақшагирӣ, баҳисобгирӣ ва назорати хароҷоту даромад, инчунин ҷараёнҳо ва андозаи ташаккулдиҳандаи онро ҷамъбаст менамояд»[3] |
| 1.8. | С.Ф. Низомов, А.А. Мирзоалиев, С.Х. Раҳимов | «Банақшагирӣ (бабуҷагирӣ) системаеро ифода мекунад, ки ҷузъи ҷудонашавандаи баҳисобгирии идоракунӣ ба шумор меравад ва барои таҳияи барномаи фаъолияти корхона барои давраҳои оянда вобастагӣ дорад, ки омода сохтани буҷетҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддатро тақозо менамояд»[4] |
| 2 | **Буҷетикунонӣ ҳамчун системаи алоҳида** | |
| 2.1. | В.Е. Хрутский, Т.В. Сизова, В.В. Гамаюмов | «Буҷетикунонӣ – ин технологияи банақшагирии молиявӣ, баҳисобгирӣ ва назорати даромадҳо ва хароҷоте, ки аз тиҷорат дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ гирифта мешавад. ... Буҷетикунонӣ – ин технологияи тартибдиҳӣ, тасҳеҳ, назорат ва баҳодиҳии иҷроиши нақшаҳои молиявӣ буда, бинобар ин, ба асоси тамоми технологияи идоракунии дохилифирмавӣ мубаддал мегардад»[5] |
| 2.2. | В.Е. Шиборш | «Буҷетикунонӣ – ҷараёни таҳия ва татбиқи буҷетҳо дар фаъолияти амалии корхона мебошад»[6] |
| 2.3. | О.Н.Лихачева, С.А. Шуров | «Буҷетикунонӣ – ташаккул, қабули буҷети корхона ва назорати минбаъдаи иҷроиши он мебошад»[7] |

[1] Глущенко А.В., Арчакова К.А. Бюджетирование в системе управленческого учета строительного холдинга: монография [Текст] / А.В. Глущенко, К.А. Арчакова. – Волгоград: Изд-во ВолГУ, 2006. – 256 с., - С. 39

[2] Каверина, О.Д. Управленческий учет: системы, методы, процедуры. [Текст] / О.Д. Каверина. – М.: Финансы и статистика, 2003. – 352 с., - С. 244

[3] Ивашкевич, В.Б. Бухгалтерский управленческий учет [Текст] / В.Б. Ивашкевич. – М.: Экономист, 2003. – 618 с., - С. 450

[4] Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Раҳимов С.Х. Баҳисобгирии идоракунӣ: китоби дарсӣ. Душанбе: Ирфон, 2017. –324 с., - С. 231

[5] Хруцкий, В.Е. Внутрифирменное бюджетирование: Настольная книга по постановке финансового планирования [Текст] / В.Е. Хруцкий, Т.В. Сизова, В.В. Гамаюмов – 2-е изд. перераб. и доп. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 464 с., - С. 22

[6] Щиборщ, К.В. Бюджетирование деятельности промышленного предприятия России [Текст] / К. В. Щиборщ. – М.: Дело и Сервис, 2004. – 290 с., - С. 23

[7] Лихачева, О.Н., Щуров, С.А. Долгосрочная и краткосрочная политика предприятия: учебное пособие / Под ред. И.Я. Лукасевича. – М.: Вузовский учебник, 2008. – 288 с., - С. 127

| | | |
|---|---|---|
| 2.4. | Е.С.Стоянова | «Буҷетикунонӣ – қисми банақшагирии молиявӣ, яъне ҷараёни муайян намудани амалҳои оянда оид ба ташаккул ва истифобарии захираҳои молиявӣ мебошад»[1] |
| 2.5. | Е.Л. Попченко, Н.Б. Ермасова | «Зери буҷетикунонӣ бояд технологияи ташаккули нақшаи мувофиқашудаи кории корхона аз рӯйи тамоми зерсохторҳо ё функсияҳо, ... инчунин механизми идоракунии ҷорӣ-тактикӣ фаҳмида шавад»[2] |

**Сарчашма:** аз тарафи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёт таҳия шудааст.

Дар корхонаҳои хурду миёнаи парандапарварӣ таҳияи шаклҳои буҷет, пур кардани онҳо ва бурдани корҳои таҳлилӣ бояд ба зиммаи он шуъба ва мутахассисоне гузошта шаванд, ки бо баҳисобгирии идоракунӣ машғуланд. Дар корхонаҳои бузурги парандапарварӣ ин вазифаҳоро бояд як зерсохтор ё шуъбаи алоҳида иҷро кунад. Дар баробари ин, новобаста аз миқёс ва хусусиятҳои фаъолияти корхона, бояд инро ба инобат гирифт:

– системаи буҷетикунонӣ дар чаҳорчӯбаи сохтори молиявӣ фаъолият намуда, ҳамзамон алоқаҳои байни марказҳои масъулиятро низ таъмин менамояд;

– дар бораи хароҷот маълумоти аниқ ва дурустро доро набуда, тартиб додани буҷетҳои марказҳои масъулият ҷоиз нест;

– бидуни беҳтаргардонии хароҷот ба мақсадҳои молиявӣ ноил гардидан номумкин аст;

– муайян намудани майлкуниҳо дар нишондиҳандаҳои пешгӯишавандаи дар буҷет бақайдгирифташуда ва таҳлили онҳо, бе маълумотҳои дар системаи баҳисобгирии идоракунӣ ташаккулёфта ғайриимкон мебошад.

Дар ташаккули идоракунии самарноки дилхоҳ корхона баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун функсияи ҳамгирошудаи низоми идоракунӣ нақши калидиро иҷро мекунад. Баҳисобгирии идоракунӣ бо

---

[1] Финансовый менеджмент: теория и практика: учебник / Под ред. Е.С. Стояновой. – 6-е издание. - М.: Изд-во «Перспектива», 2009. – 656 с., -С. 409
[2] Попченко, Е.Л. Бизнес-контроллинг [Текст] / Е.Л. Попченко, Н.Б. Ермасова. – М.: Альфа-Пресс, 2006. – 284 с., - С. 213

99. Низомов С.Ф., Хушвахтзода, Қ.Х. ва дигарон. Аудити дохилӣ [матн]: васоити таълимӣ. Коллективи муаллифон; Душанбе: «Ирфон», 2021 - 190 с.

100. Никитина А.А., Л.З. Буранбаева, Р.Ф. Мазитов, И.М. Ханова, Р.М. Сибагатуллина Учёт биологических активов по международным и российским стандартам // Научный журнал управленческий учет № 6 - 2021, С. 324-332 https://uprav-uchet.ru/index.php/journal/article/view/796/352

101. Николаева С.А. Особенности учета затрат в условиях рынка: система «Директ-консалтинг» / С.А. Николаева. – М.: Финансы и статистика, 1993. – 128 с.

102. Нишондиҳандаҳои асосии кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020 / бахшида ба 30 - солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон// Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021 - 61 с.

103. Палий В.Ф. Международные стандарты учета и финансовой отчетности: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Бухгалтерский учет, анализ и аудит» / В.Ф. Палий. – Изд. 3-е испр. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2008. – 512 с.

104. Палий В.Ф. Организация управленческого учета. – М.: Бератор – Пресс, 2003. - 224 с.

105. Палий В.Ф. Основы калькулирования. – М.: Финансы и статистика, 1987. -288 с.

106. Пизенгольц, М.З. Бухгалтерский учет в сельском хозяйстве. Т 2. Ч. 2. Бухгалтерский управленческий учет. Ч. 3. Бухгалтерская (финансовая) отчетность: учебник [Текст] / М.З. Пизенгольц. - 4-изд., перераб. и доп. - М.: Финансы и статистика, 2001. – 400с.

107. Пизенгольц М.З. О розработке учета в сельском хорзяйстве / М.З. Пизенгольц // Бухгалтерский учет. – 2001. – № 22. – С. 42–46.

108. Полунина Ю.В. Система внутреннего контроля предприятия. Существование и оценка эффективности /Ю.В. Полунина, П.А. Желтов // Аудит и финансовый анализ, 1997. № 3 [Электронный ресурс]: URL: http://www.auditfin.com/1997/3/4.pdf (санаи мурочиат 18.11.2020)

109. Попченко Е.Л. Бизнес-контроллинг [Текст] / Е.Л. Попченко, Н.Б. Ермасова. – М.: Альфа-Пресс, 2006. – 284 с.

110. Пошатаева А.В. Управление на сельськохозяйственных предприятиях / А.В. Пошатаева. – М.: Колос, 1979. – 271 с

111. Проняева Л.И., Кружкова, И.И., Солодовник, А.И. Биологические активы: экономическая интерпретация, оценка, проблемы отражения в отчетности // Международный бухгалтерский учет. 2013. № 8. – С. 2-8

112. Радостовец В.К. Калькуляция себестоимости продукции в сельскохозяйственных предприятиях: Учеб. Пособие [Текст]/ 2-е изд., перераб. и доп.- М.: Финансы и статистика, 1994. – 160 с.

113. Резниченко С.М. Современные системы внутреннего контроля: учеб. пособие / С.М. Резниченко, М.Ф. Сафонова, О.И. Швырёва. – Краснодар: КубГАУ, 2016. – 439 с.

114. Румянцева З.П. Менеджмент организации / З.П. Румянцева, Н.А. Соломатина. – М.: ИНФРА, 1995. – 429 с.

115. Садыкова Т.М. Методология внутреннего контроля и его организация в системе управленческого учета: [монография] / Т.М. Садыкова. - Саратов: Издат. Центр СГСЭУ, 2004. - 248 с.

116. Сандрикова Т.С. Методология и организация управленческого учета в сельскохозяйственном производстве: дис. на соискание науч. степени доктора экон. наук / Т.С. Сандрикова. – Рязань, 2003. – 442 с.

117. Сацук Т.П., Журавлева, О.А. Логическая модель стратегического управленческого учета // Международный бухгалтерский учет. 2012. № 27 (225). - С. 19-22

118. Соколов Я.В. Бухгалтерский учет: от истоков до наших дней: учеб. пособие для вузов. М.: Аудит ЮНИТИ, 1996. - 638 с.

119. Сомонаи расмии Кумитаи ташкилотҳо–сарпарастони Комиссияи Тредвей [манбаъи электронӣ]. URL: http://www.coso.org/ (санаи муроҷиат 01.08.2020)

120. Сонин А.М. Внутренний контроль и внутренний аудит – необходимость для компании [Электронный ресурс]/А.М. Сонин URL: http://gaap.ru/articles/vnutrenniy_kontrol_i_vnutrenniy_audit_nbsp_ndash_nbsp_neobkhodimost_dlya_kompanii/ (санаи муроҷиат 12.08.2021)

121. Сотникова Л.В. Внутренний контроль и аудит: Учебник / ВЗФЭИ. М.: Финстатинформ, 2000. - 239 с.

122. Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (IAS) 41 «Хоҷагии қишлоқ»

123. Старостьяк Е.И. Элементы науки управления / Е.И. Старостьяк. – М.: Прогресс, 1965. – 198 с.

124. Стражев В.И. Оперативное управление предприятием, проблемы учета и анализа / В.И. Стражев. – Мн.: Наука и техніка, 1973. – 148 с.

125. Стуков С.А. Система производственного учета и контроля / С.А. Стуков. – М.: Финансы и статистика, 1988. – 223 с.

126. Тарасенко Е. Учет в фермерских хозяйствах // Сельский механизатор.- 1995,- № 12,- С. 30-31; 1996,- № 1,- С. 30-32; № 2.- С. 30-32; № 3.- С. 27-29.

127. Тодорова Л.В. Классификация биологических активов и перспективы внедрения в МСБУ 41 «Сельское хозяйство» http://magazine.faaf.org.ua/klassifikaciya-biologicheskih-aktivov-i-perspektivy-vnedreniya-v-msbu-41-selskoe-hozyaystvo-1365.html

128. Трусов А.Д. Учет затрат в комплексных производствах / А.Д. Трусов. – М.: Финансы и статистика, 1987. – 240 с.

129. Трухачев В.И. Организация бухгалтерского учета животных на выращивании и откорме / В.И. Трухачев, Е.И. Костюкова // Бухучет в сельском хозяйстве. - 2021. - №2. - С. 6-17.

130. Трушкина И.Р. Учет затрат и калькуляция себестоимости в птицеводстве / И.Р. Трушкина, Е.В. Коваленко // Известия Международной академии аграрного образования. – 2016. – № 26. – С. 101-105.

131. Улупова Е.Д. Контроль в системе социалистического планового управления / Е.Д. Улупова. - М.: Моск. рабочий, 1986. - 87, [2] с.

132. Управленческий учет: учеб. пособие / под ред. А.Д. Шеремета. - 4-е изд. перераб. и доп. - М.: ИНФРА-М, 2009. - 429 с.

133. Ураков Д.У. Учет затрат по сферам деятельности. М.: Финансы и статистика, 1991. -176 с.

134. Уткина Е.А. История менеджмента: [учебник] / Е.А. Уткина. – М.: Экмос, 1997. – 223 с.

135. Файзуллоев А.Х. Совершенствование методики учета затрат и калькулирования себестоимости продукции в растениеводстве/ С.Ф. Низомов, А.Х. Файзуллоев // Вестник Таджикского националного университета (Серия социально-эконмических наук) № 7. - 2020-С. 98-103.

136. Файзуллоев А.Х. Современное состояние организации учета и анализа в сельском хозяйстве /А.Х. Файзуллоев // Международный теоретический и научно-практический журнал - Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии, 2019, № 1 (24). С. 296-303.

137. Файзуллоев А.Х. Учетно-аналитическая система управления сельскохозяйственным производством (на примере растениеводства): [Текст] / А.Х. Файзуллоев дис…кон…наук - Д., 2020. – 242 с.

138. Файоль А., Роберт М. Фалмер [Фалмер Р.М. Энциклопедия современного управления. / Р.М. Фалмер. – М.: ВИПК-ЕНЕРГО, 1992. – 168 с.

139. Фалмер Р.М. Энциклопедия современного управления. / Р.М. Фалмер. – М.: ВИПК-ЕНЕРГО, 1992. – 168 с.

140. Фастова Е.В, Алборов, Р.А., Концевая, С.М. Учет биологических активов в соответствии с МСФО 41 «Сельское хозяйство» / Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий, № 1, 2008. – С. 33-39.

141. Финансовый менеджмент: теория и практика: учебник / Под ред. Е.С. Стояновой. – 6-е издание. - М.: Изд-во «Перспектива», 2009. – 656 с.

142. Финансовый учет долгосрочных активов: новые счета и объекты //Економічний дискурс. Міжнародний збірник наукових праць. Випуск 4. 2015 – С. 52-61.

143. Хоружий Л.И. Варианты методов учета биологических активов и сельскохозяйственной продукции / Л.И. Хоружий, А.С. Хусаинова // Бухучет в сельском хозяйстве. - 2013. -№ 3. - С. 13–23.

144. Хоружий Л.И. Проблемы теории, методологии, методики и организации управленческого учета в сельском хозяйстве /монография/. - М.: Финансы и статистика, 2004. – 496 с.

145. Хруцкий В.Е. Внутрифирменное бюджетирование: Настольная книга по постановке финансового планирования [Текст] / В.Е. Хруцкий, Т.В. Сизова, В.В. Гамаюмов – 2-е изд. перераб. и доп. – М.: Финансы и статистика, 2007. – 464 с.

146. Церпенто С.И. Бухгалтерский учет в строительстве / С.И. Церпенто, Н.В. Предеус– М.: КноРус, 2016. – 448 с.

147. Чаадаев С.Г. Учет и контроль: единство и взаимообусловленность [текст] / С.Г. Чаадаев // Пробелы в российском законодательстве № 2 -2017. – С. 231-233.

148. Чернявская С.А. Совершенствование учета и анализа затрат в молочном скотоводстве / С.А. Чернявская, Е.А. Власенко, А.Б. Колесниченко // Экономика и предпринимательство. – 2017. – № 1 (78). – С. 528-534.

149. Чумаченко Н.Г. Методы учета и калькулирования себестоимости промышленной продукции / Н.Г. Чумаченко: [учебник]. – М.: Финансы, 1965. – 124 с.

150. Чхутиашвили Л.В. Роль внуреннего контроля организации в эффектовном ведении финансово-хозяйственной деятельности. [текст] / Л.В. Чхутиашвили // Экономика предприятия. № 11 (197) – 2014. - С. 37-47.

151. Шеремет А.Д. Комплексный анализ хозяйственной деятельности: учебник для студентов высших учебных заведений, обучающихся по специальности «Бухгалтерский учет, анализ и аудит» Изд. доп. и испр. - М.: ИНФРА-М, 2009 -415 с.

152. Шим Дж.К., Сигел, Дж.Г. Основы бюджетирование и больше. Справочник по составлению бюджетов. Пер. с англ. под. общ. ред. В.А. Плотникова. - М.: Вершина, 2007. - 368 с.

153. Широбоков В.Г. Бухгалтерский учет в организациях АПК: учебник [Текст]/ В.Г. Широбоков. - М.: Финансы и статистика, 2010. - 688 с.

154. Шкарабай С.И. Оперативный экономический анализ в хозяйственном обьеденении / С.И. Шкарабай. – М.: Финансы и статистика, 1985. – 168 с.

155. Шобеков М.Ш., Саидов, Д. Классификация издержек производства: теория, практика и новый подход // Вестник Технологического университета Таджикистана. 2010. № 3. - С. 120-134.

156. Шоймардонов С.Қ., Орзуев, П.Ҷ., Барфиев, Қ.Х., Бобиев, И.А. Баҳисобгирии идоракунӣ. Васоити таълимӣ [Матн] / С.Қ. Шоймардонов, П.Ҷ. Орзуев, Қ.Х. Барфиев, И.А. Бобиев. - Душанбе: Ирфон, 2017. - 468 с.

157. Щиборщ К.В. Бюджетирование деятельности промышленного предприятия России [Текст] / К. В. Щиборщ. – М.: Дело и Сервис, 2004. – 290 с.

158. Юдина И. Внутренний контроль: проблемы, критерии эффективности и значение в управлении компанией [текст] / И. Юдина // Рынок ценных бумаг. 2005. № 4. - С. 44-46.

159. Яковлев Б.И. Организация производства и предпринимательство в АПК: [учебник] / Б.И. Яковлев, В.Б. Яковлев. – Сб.: ООО «Квадро», 2013 – 480 с.

160. Яковлева Я.С. Биологические активы в российской и международной практике // Экономика и бизнес: теория и практика. 2020. No 8 (66). - С. 204-209.

161. Anthony R.N. Planning and Control Systems: A framework for analysis. – Boston, Ma.: Division of Research, Harvard Business School; 1ST edition (January 1, 1965)1965 -180 pag.

162. Dănescu T., Prozan, M., Prozan, R.D. Perspectives regarding accounting – corporate governance –internal control // Procedia Economics and Finвance. 2015. Vol. 32. P. 588–594, с. 590–592

## ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### *А. Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*


1. Манучеҳри, Н.Р. Таснифоти дороиҳои биологӣ ва ташкили баҳисобгирии онҳо: муаммоҳо ва роҳҳои ҳали онҳо / Манучеҳри Н.Р. // Кишоварз. –2021.- №3 (92).-С.173-180

2. Манучеҳри, Н.Р. Системаи назорати дохилӣ: Ҷанбаҳои назариявӣ / Н.Р. Манучеҳри // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – №. 5. – С. 116-121.

3. Манучеҳри, Н.Р. Баҳисобгирӣ ва калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ / Н.А. Абдулмуминзода, Н.Р. Манучеҳри // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – № 1(77). – С. 130-149.

4. Манучеҳри, Н.Р. Хусусиятҳои технологию соҳавии парандапарварӣ ва таъсири онҳо ба ташкили баҳисобгирии муҳосибӣ / Манучеҳри Н.Р.// Кишоварз. – 2022. – № 2 (95) . – С. 150-155.

5. Манучеҳри, Н.Р. Рушди методикаи баҳисобгирии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ / С.Ф. Низомов, Н.Р. Манучеҳри // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – № 2-1 (46). – С. 187-197.

6. Манучеҳри, Н.Р. Мукаммалгардонии таъминоти методии калкулятсияи арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ / Б.А. Набиев, Н.Р. Манучеҳри // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023.- № 12. – С. 38-50


### *Б. Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:*


7. Манучеҳри, Н.Р. Баҳисобгирии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ / С. Ф. Низомов, Н.Р. Манучеҳри // Иқтисодиёт, молия, ҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит: афзалиятҳои рушди стратегӣ дар шароити иқтисодиёти рақамӣ: маводи конфронси илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 80 - солагии арбоби илм ва техникаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Уроқов Д.У. Душанбе, 21-23 майи

соли 2022. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – С. 150-156.
8. Манучеҳри, Н.Р. Особенности калькулирования себестоимости продукции в птицеводстве / С С.Ф. Низомов, Н.Р. Манучеҳри // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2022. – № 3-2(38). – С. 184-189.
9. Манучеҳри, Н.Р. Хусусиятҳои баҳисобгирии дороиҳои биологӣ дар соҳаи кишоварзӣ/ Ҳ.А. Акрамова, Н.Р. Манучеҳри // Масъалаҳои мубрами рушди баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, аудит, андозбандӣ, назорати давлатии молиявӣ: таҳдидҳои муосир ва самтҳои рушд: маводи Конфронси I илмӣ-амалии байналмилалӣ Душанбе, 18-19 январи соли 2024. – Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2024. – С. 32-38.

## Замимаҳо

Замимаи 1

Фабрикаи парандапарварии
________________________________

Тасдиқ мекунам

Роҳбари корхона

_______________

Санади №7дар бораи ҷойгир намудани тухми мурғ дар ……..
аз «____» _______соли 20____

Сехи 3
Комиссия дар ҳайати 1-ум, 2-юм, 3……….., к-юм барои ҷудо намудани тухмҳо санҷиш гузаронида, муайян намуд,ки

<table>
<tr><td rowspan="4">Миқдор</td><td colspan="16">Навъи тухмҳо</td></tr>
<tr><td colspan="5">Тухмҳои инкубатсионӣ</td><td colspan="3">Тухмҳои парҳезӣ</td><td colspan="4">Тухмҳои ғизоӣ</td><td colspan="4">Тухмҳои ғайристандартӣ</td></tr>
<tr><td rowspan="2">Ҳамагӣ</td><td rowspan="2">Навъи аъло</td><td rowspan="2">Навъи 1</td><td rowspan="2">Навъи 2</td><td rowspan="2">Навъи 3</td><td rowspan="2">Ҳамагӣ</td><td colspan="2">Аз чумла</td><td rowspan="2">Ҳамагӣ</td><td colspan="3">Аз чумла</td><td rowspan="2">Ҳамагӣ</td><td rowspan="2">Майда</td><td rowspan="2">Ноқис</td><td rowspan="2">Шикаста</td></tr>
<tr><td>Навъи 1</td><td>Навъи 2</td><td>яккачин</td><td>Навъи 1</td><td>Навъи 2</td></tr>
<tr><td>1</td><td>2</td><td>3</td><td>4</td><td>5</td><td>6</td><td>7</td><td>8</td><td>9</td><td>10</td><td>11</td><td>12</td><td>13</td><td>14</td><td>15</td><td>16</td><td>17</td></tr>
<tr><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>

1-ум ______________________ Н.Н.Н.
2- юм ___________________________ Н.Н.Н.
.
К-юм ___________________________Н.Н.Н.

Замимаи 2

Фабрикаи парандапарварии ______________________________

Тасдиқ мекунам
Роҳбари корхона____________
______ __________ соли 20_

## Ҳисобот оид ба ҳаракати тухми мурғ дар анбор аз ____ __________ соли 20__

| Шифр | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Номгӯи маҳсулот / Амалиёт | Навъи тухмҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Инкубатсионӣ | | | | | | | | | | Парҳезӣ | | | | | | Истеъмолӣ | | | | | | | | Ғайристандартӣ | | | | | | | |
| | Ҳамагӣ | | Навъи аъло | | Навъи 1 | | Навъи 2 | | Навъи 3 | | Ҳамагӣ | | Аз ҷумла | | | | Хамагӣ | | Аз ҷумла | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | | | | | | | | | Навъи 1 | | Навъи 2 | | | | яккачин | | Навъи 1 | | Навъи 2 | | Ҳамагӣ | | Майда | | Ноқис | | Шикаста | |
| | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. | Дона | Смн. |
| Салдо дар аввал | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ворид гардид | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сехи 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сехи 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Берун гардид | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Фурӯш | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Сехи хокаи тухм | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Инкубатсия | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Салдо дар охир | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

Роҳбари шуъба Н.Н.Н. ________ имзо
Сардори сех Н.Н.Н. ________ имзо
Мутассаддии сех Н.Н.Н. ________ имзо

Замимаи 3

*Номи корхона* «Рушди парандапарварӣ»-и шаҳри Турсунзода

**СТАНДАРТИ**
**(НИЗОМНОМАИ) БУҶЕТИКУНОНИИ КОРХОНА**

Стандарт моликияти *(номи корхона)* мебошад

СТАНДАРТ БОРИ АВВАЛ ҶОРӢ МЕШАВАД

1. Муқаррароти умумӣ

Системаи буҷетикунонӣ ҷузъи ҷудонашавандаи системаи умумии идоракунии корхона ва сатҳи поёнии системаи банақшагирии дохилӣ мебошад, ки дар доираи он ҳамаи нақшаҳои сохторҳо амалӣ мешавад, ки ҳадафҳои дарозмуддати пешбинишудаи корхона инъикос карда шудаанд. Мафҳуми буҷетикунонӣ ҳамчун системаи идоракунии ҳамоҳангшудаи молиявӣ, зерсохторҳо ва бизнес-ҷараёнҳои корхона фаҳмида мешавад, ки бо ёрии буҷетҳо ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ таъмин карда мешавад.

Асоси буҷетикунониро буҷети корхона ташкил медиҳад, ки он воситаи асосии идоракунии корпоративӣ мебошад. Буҷет ин нақшаи муфассали фаъолияти корхона, ки тавассути нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ дар он натиҷаҳои интизорӣ ва захираҳои ҷудошуда барои як давраи муайян инъикос ёфта, барои назорат кардани фаъолият ва самарабахшии корхона ва сохторҳои алоҳидаи он бо мақсади самаранок расидан ба ҳадафҳои стратегии гузошташуда имконият медиҳад.

Воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии корхона ин буҷетикунонии ҷараёнӣ мебошад, ки тавассути системаи буҷетҳои боҳамалоқаманди марказҳои масъулият амалӣ карда мешавад. Объекти буҷетикунонӣ ҷараёни бизнес ҳамчун системаи ҷудонашавандаи бо ҳам алоқаманд баромад мекунад, ки мақсади асосии онҳо ташаккули арзиши нави истеъмолӣ ва расонидани он ба истеъмолкунандаи дохилӣ ва ё берунӣ мебошад.

Методикаи буҷетикунонӣ ба рушди самараноки корхона мувофиқи стратегияи интихобшуда, бо роҳи ба вуҷуд овардан ва ба ҳадди максималӣ расонидани арзиши иловагии иқтисодии он тавассути ба таври оптималӣ ташаккул ва истифодаи иқтидори захираҳои корхона равона шудааст. Истифодаи воситаҳои муосир, дақиқ ва самараноки баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва идоракунӣ дар доираи

буҷетикунонии ҷараёнӣ имкон медиҳад, ки сохтори буҷетро дуруст муайян карда шуда, боҳамалоқамандии ҷараёнҳо ва натиҷаҳои молиявии корхона таъмин карда шавад.

**2. Мақсад ва вазифаҳои системаи буҷеткунонӣ**

Мақсади асосии ҷорӣ намудани низоми буҷетикунонӣ баланд бардоштани самаранокӣ ва ба самти стратегии равона кардани фаъолияти амалиётӣ, сармоягузорӣ ва молиявии корхона мебошад.

Вазифаҳои системаи буҷеткунонӣ аз инҳо иборатанд:

- ҳамоҳангсозӣ ва боамалоқамандии ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ;
- баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти ҷараёни тақсимот ва истифодаи захираҳои корхона;
- мувофиқати нишондиҳандаҳои буҷет бо ҳадафҳои стратегии корхона;
- таҳкими стратегияи тиҷорат, таъмини расмиёт ва расонидани он ба ҳар як корманди корхона;
- баланд бардоштани идорашавандагӣ ва мутобиқшавии корхона ба тағйироти муҳити дохилӣ ва берунӣ;
- ташаккул додани заминаи объективӣ барои таҳлили натиҷаҳои ҳақиқии корхона ва зерсохторҳои он;
- баландбардории мубодилаи иттилоотӣ ва ҳамкории байни зерсохторҳо;
- назорати иҷроиши бизнес-ҷараёнҳо, оптимизатсияи саривақтии онҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии корхона, баланд бардоштани рақобатпазирии он;
- баланд бардоштани масъулияти мутахассисон ҳангоми қабули қарорҳо, беҳтар намудани ҳавасмандгардонии фаъолияти онҳо;
- мустаҳкам намудани интизоми дохилии молиявӣ;
- баланд бардоштани шаффофияти молиявии фаъолияти корхона.

### 3. Принсипҳои буҷетикунонӣ

Ҳалли самараноки вазифаҳои дар боло зикршуда тавассути равиши маҷмуи дар вақти ташаккули системаи буҷетикунонӣ дар асоси принсипҳои зерин ба даст оварда мешавад:

1. Принсипи сохтори (структуризацииӣ) фаъолияти корхона ва тавсифи он ҳамчун маҷмуи ҷараёнҳои пайваста ва бо ҳам алоқаманд;
2. Принсипи банақшагирии захираҳо бо назардошти талаботи харидорон ва истеъмолкунандагон дар асоси номгӯи маҳсулот ва ҳаҷми онҳо;
3. Принсипи тамоюли самти стратегии буҷетҳо;
4. Принсипи нигаронида шудани корхона ба имкониятҳои функсионалии истифодашуда ва истифоданашуда, ошкор кардани захираҳои мавҷуда барои афзоиши арзиши иловашуда;
5. Принсипи эътимоднокӣ ва ҳақиқӣ нишондиҳандаҳои дар буҷетҳо нишондодашуда;
6. Принсипи оқилона ва кофӣ будани расмиёт ва шаклҳои пешниҳоди ҳуҷҷатҳои нақшавӣ ва ҳисоботӣ.

### 4. Сохтори баҳисобгирии идоракунии корхона

Системаи буҷеткунонӣ ба модели сохтори ғайримарказондашуда ва баҳисобгирии идоракунии корхона мувофиқат мекунад.

Дар сохтори идоракунӣ маркази масъулият (бизнес-ҷараёнҳо, сегментҳо) – масъули маркази мушаххас, ки барои он ҳадафҳои калидии фаъолият ва нишондиҳандаҳои расидан ба онҳо муқаррар карда шудаанст, дар ихтиёри худ захираҳои заруриро дорад.

Масъули маркази масъулият:

 супориш мегирад ва барои иҷрои он (натиҷа) то зинаи оянда масъул мебошад;

 дар ихтиёри худ захираҳо ва иттилоотро оид ба маркази масъулият дорад ва онҳоро идора мекунад;

 барои ташкили кор (технология); масъул мебошад;

 системаи чамъоварии маълумотро оид ба рафти ҷараёни ташкил мекунад;

 рафти ҷараёнро мониторинг (назорат ва тахлил) мекунад;

 барои баланд бардоштани самаранокии маркази масъулият ҷавобгар мебошад.

Роҳбари маркази масъулият буҷетро тартиб дода, аз натиҷаи фаъолият ҳисобот пешниҳод мекунад. Ҳамин тавр, усули асосии баҳодиҳии фаъолияти марказ муқоиса намудани нишондиҳандаҳои буҷетӣ ва воқеӣ аз рӯйи ҳар як маркази масъулият иятмегардад.

Системаи марказҳои масъулият ба талаботи корхонаи муосир комилан ҷавобгӯ буда, ба роҳбарияти корхона имконият медиҳад, ки самаранокии менеҷментро ба роҳи ташаккули механизми самараноки идоракунӣ ва назорати фаъолияти корхона баланд бардорад. Аз ҷумла:

 ба таври мунтазам иҷро намудани ҷараёни ченкунӣ, таҳлил ва беҳтаркунии фаъолияти корхона;

 сафарбар кардани ичрокунандагон ва роҳбарони марказҳои масъулият барои ба даст овардани натиҷаи муқаррар кардашуда. Ҳавасмандгардонии кормандон маҳз ба ҳамин натиҷаҳо мувофиқ карда шудааст;

 системаи мушахаси ягонагии роҳбарӣ – сардори маркази масъулият роҳбарии пурра ҳамаи амалиётҳо ва амалҳое, ки барои расидан ба максадҳои гузошташуда ва натиҷаи муқарраршударо ба дасти худ мегирад;

 ҳангоми тағйирёбии шароити берунӣ дақиқӣ ва зуд қабул намудани қарорҳои идоракуниро баланд мебардорад, зеро маҳз роҳбари марказ мақсад ва хусусиятҳои кор ё амалиёти иҷрошавандаро хуб дарк мекунад;

 Системаи ҳавасмандгардонии менеҷерони марказҳои масъулият ба системаи нишондиҳандаҳои тавозуншудаи таҳияшуда бо нишондиҳандаҳои калидии фаъолият алоқаманд мебошад, ки онҳо самарабахшӣ ва самаранокии маркази масъулиятро инъикос мекунанд. Самаранокии маркази масъулият ба воситаи муқоиса намудани қиммати нишондиҳандаҳои нақшавӣ ва ҳақиқӣ муайян карда мешавад. Дар асоси мукоиса намудани нишондиҳандаҳо роҳбари маркази масъулият ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии маркази масъулияти мазкур, чораҳои саривақтӣ қабул мекунад.

Таркиб, сохтор ва уҳдадории марказҳои масъулият дар тавсифи сохтори идоракунии корхона муайян ва пешниҳод карда мешавад.

**6. Сохтори буҷетҳо**

*Объектҳои буҷет инҳоянд:*

- корхона;
- бизнес–ҷараёни истеҳсолот;
- марказҳои масъулият – роҳбари маркази масъулият.

Дар низоми идоракунии буҷетӣ намудҳои зерини буҷетҳо истифода мешаванд:

1. Буҷети маҷмуии корхона;
2. Буҷетҳои амалиётӣ (буҷетҳои марказҳои масъулият, сегментҳо, бизнес–ҷараёнҳо).

Буҷети амалиётӣ ин буҷети амалиётҳои хоҷагӣ мебошад, ки аз рӯйи моддаҳо сохтори ҷудошуда дорад ва дар ҳудуди як ҷараёни истеҳсолот (марказҳои масъулият, сегментҳо, бизнес–ҷараёнҳо) маҳдуд мебошад. Он барои амалисозии ҳадафҳои маркази масъулият нигаронида шудааст ва ҳам баҳодиҳии миқдорӣ ва ҳам арзиши захираҳои истеъмолшударо дар доираи як ҷараёни мушаххаси истеҳсолот нишон медиҳад.

Ташаккули буҷетҳои амалиёти муайян кардани ҳудуди зерсохтори алоҳида, таъини роҳбарои марказҳои масъулият, додани ваколат ва масъулият барои захираҳои истеъмолшударо дар бар мегирад.

Ҷузъҳои буҷети амалиётӣ бояд ба ҷузъҳои буҷетҳои муттаҳидаи корхона мувофиқат кунанд, то муттаҳидсозии дурусти маълумотро таъмин карда тавонад.

Буҷети маҷмуии корхона вазъи ояндаи корхонаро, ки дар ҷараёни татбиқи ҳадафҳои стратегии муқарраршуда ба даст омадааст, инъикос мекунад. Ҳамаи буҷетҳое, ки ба сохтори буҷетӣ дохил шудаанд, бо ҳам алоқаманд мебошанд.

Маҷмуи оптималии буҷетҳо барои корхонаҳои хурду миёнаи хоҷагии қишлоқ инҳоянд, а) амалиётӣ (функсионалӣ): буҷети хариди захираҳо, буҷети хароҷоти мустақими меҳнатӣ, буҷети хароҷоти тиҷоратӣ, буҷети фурӯш; буҷети пардохтҳои андозӣ, буҷети хароҷоти идоракунӣ; б) молиявӣ: буҷети арзиши аслӣ, буҷети ҳаракати воситаҳои пулӣ (ВҲВП), буҷети даромадҳо ва хароҷот, буҷети тавозунӣ, буҷети сармоягузорӣ.

Буҷети хариди захираҳо – ифодаи натуралӣ ва (ё) арзиши ашё ва масолеҳҳои зарурии барои истехсоли ҳаҷми истехсоли маҳсулоти дар нақша пешбинишуда мебошад.

Буҷети хароҷоти мустақими меҳнатӣ – маблағи воситаҳои пулӣ, ки барои пардохти музди меҳнат ҳангоми иҷрои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти пешбинишуда зарур аст.

Буҷети хароҷоти тиҷоратӣ – маблағи воситаҳои пулии барои ташкили намоишгоҳҳо, пардохти аъзоҳаққӣ, дигар моддаҳои хароҷоти тиҷоратӣ, ки бо пешкаш кардани маҳсулот ба бозор алоқаманданд, фаро мегирад.

Буҷети фурӯш қисмҳои хароҷот ва даромадро дар бар мегирад. Қисми хароҷот маблағи воситаҳои пулии барои пардохти музди меҳнати асосӣ ва мукофотпулӣ барои иҷро намудани вазифаҳои шартномавии шуъбаи тиҷоратӣ, яъне ба харидор фурухтани миқдори маҳсулоти дар нақша пешбинишуда; хароҷоти сафари хизматӣ, хароҷоти вобаста ба истифодабарии сӯзишворию равғанҳои молиданӣ, кирояи нақлиёти

боркаш ва ғайраро дар бар мегирад; Қисми даромад бошад маълумоти пешгӯишударо оид ба ҳаҷми воридоти воситаҳои пулӣ аз фурӯши маҳсулот, ки дар доираи вақт муқаррар карда шудааст, дар бар мегирад.

Буҷети пардохти андоз – маблағи воситаҳои пулӣ, ки барои пардохти ҳамаи уҳдадориҳои андозӣ тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, дар бар мегирад.

Буҷети хароҷоти идоракунӣ – маблағи воситаҳои пулӣ, ки барои пӯшонидани ҳамаи хароҷоти бо кормандони маъмурӣ ва идоракунӣ алоқаманд буда зарур аст, ифода мекунад.

Буҷети арзиши аслӣ – маблағи воситаҳои пулӣ, ки барои пушонидани хароҷоти барои иҷрои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дар нақша пешбинишуда зарур аст, дарбар мегирад.

Буҷети ҳаракати воситаҳои пулӣ – ҳаракат ва мавҷудияти ҳамаи воситаҳои пулии корхонаро аз рӯйи тамоми намудҳои суратҳисобҳои бонкӣ, хазина ва дигар ҷойҳои нигоҳдории воситаҳои пулӣ инъикос менамояд. Он бо шакли ҳисоботи молиявӣ - ҳисобот оид ба ҳаракати воситаҳои пулии монанд мебошад.

Буҷети даромадҳо ва хароҷот – маълумотро дар бораи воқеъаҳо ва пардохтҳои зерсохторҳои корхона дар давраи ҷорӣ ё додашуда дар бар гирифта, натиҷаи молиявии корхонаро ташкил медихад. Он бо шакли ҳисоботи молиявӣ – ҳисобот оид ба даромади маҷмуӣ (фоида ва зарар) монанд мебошад.

Буҷети тавозунӣ маълумотро оид ба тағйирёбии дороиҳо ва сармояи корхонаро инъикос менамояд. Он бо шакли ҳисоботи муҳосибӣ – ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ шабоҳат дорад.

Буҷети сармоягузорӣ – воситаҳое, ки ба васеъ намудани истеҳсолот, муҷаҳҳазгардонӣ ё сармоягузориҳои дигар нигаронида шудаанд, ки аз рӯйи моддаҳо тақсим карда шуда, қисмҳои хароҷот ва даромади бизнес–лоиҳаҳоро нишон медиҳад.

## 7. Регламенти буҷетӣ

Регламенти буҷети тартиби дохилихочагии ташаккул, пешниҳод, тасдиқ, мувофиқакунӣ, тасҳеҳ, гузаронидани таҳлили нақша – ҳақиқӣ ва баҳодиҳии иҷроиши буҷетҳои намудҳои гуногун ва сатҳи идоракуниро инъикос менамод. Он бо мақсади назорат намудани рафти иҷрои буҷетҳои корхона тартиб дода мешавад.

Барои мақсадҳои Низомномаи мазкур давраи буҷетӣ бо давомнокии 12 моҳ бо тақсим намудан ба семоҳа ва ҳармоҳа муқаррар карда мешавад. Дар баробари ин, принсипҳои буҷетии чандирӣ истифода мешавад, ҳамин тавр, пас аз семоҳаи 1-ум иҷроиши буҷетҳо таҳлил карда шуда, дар ҳолати зарурӣ ба нишондиҳандаҳои буҷетӣ то охири солислоҳоти дахлдор ворид карда мешавад ва барои семоҳаи 1-уми соли оянда ва ғайра аз рӯйи семоҳаҳо буҷет тартиб дода мешавад.

Ҳуҷҷатҳои асосии меъёрии регламенти буҷетӣ инҳоянд:

-  Стандарти (Низомнома) буҷетикунонии корхона;
-  Низомнома дар бораи баҳисобгирии идоракунии корхона.

## 8. Ташкили буҷетикунонӣ ва назорати буҷет

### 8.1. Ташкили буҷетикунонӣ

Вазифаи ташкили ҷараёни буҷетикунонӣ дар корхона аз ҷониби директори молиявӣ ё сармуҳосиб амалӣ карда мешавад. Шуъбаи асосие, ки фаъолияти ҷараёни буҷетикунониро дар корхона амалӣ менамояд, шуъбаи баҳисобгирии идоракунӣ мебошад. Ҷараёни буҷетикунонӣ аз ҷониби гурӯҳи буҷетии шӯъбаи молия ва иқтисодӣ амалӣ карда мешавад.

Дигар зерсохторҳои корхона таъминкунандаи ҷараёни буҷетикунонӣ ба ҳисоб рафта, роҳбарони онҳо барои сари вақт, дуруст ва асоснокии маълумоти барои тартиб додани буҷет пешниҳодшуда, инчунин аз рӯйи самаранок истифода бурдани захираҳои ба фаъолияти

онҳо ҷудо шуда бо мақсади баланд бардоштани самаранокии умумии дохилкорхонавӣ масъул мебошанд.

Вазифаҳои асосии гурӯҳи буҷетӣ аз инҳо иборат мебошад:

 баҳодиҳии вазъи молиявию иқтисодии корхона бо мақсади таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ аз ҷониби роҳбарият;

 пешгӯии натиҷаҳои молиявию иқтисодии корхона барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди корпоративӣ;

 назорати ҷории вазъи молиявию иқтисодии корхона дар ҷараёни расидан ба ҳадафҳои тактикӣ.

Гурӯҳи буҷетӣ дар ҷараёни буҷетикунони корҳои зеринро иҷро менамоянд:

✓ тартиб додани буҷетҳои амалиётӣ, ташаккули буҷети маҷмуӣ, ки ҳадафҳои стратегии корхонаро инъикос мекунад;

✓ пешгӯии самаранокии иқтисодии марказҳои масъулият (бизнес-ҷараёнҳо, сегментҳо) дар асоси нишондиҳандаҳои асосии фаъолият;

✓ ба роҳбарият асосноккунии захираҳои молиявӣ ва моддии ҷудошаванда барои таъмини истеҳсолоти асосӣ ва ёрирасон;

✓ таҳлили фаврии майлкуниҳои ҳақиқӣ аз қиматҳои нақшавии буҷети маҷмуї, аз ҷумла таҳлили майлкуниҳои буҷети амалиётӣ;

✓ назорати ҷории истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ, тақвият додани интизоми молиявӣ;

✓ пешгӯии тағйироти вазъи молиявию иқтисодии корхона дарояндаи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат;

✓ барасмиятдарорӣ ва ба роҳбарияти корхона пешниҳод намудани маводҳои таҳлилӣ оид ба иҷроиши буҷети маҷмӯӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ;

✓ мунтазам такмил ва инкишоф додани системаи буҷетикунонии корхона.

Дар фаъолияти худ кормандони шуъбаи молиявӣ (шӯъбаи баҳисобгирии идоракунӣ) бо дигар зерсохторҳои корхона хамкорӣ

мекунанд, ки онҳо дар навбати худ бояд ба гуруҳи буҷетӣ иттилооти заруриро барои тартиб додани буҷет пешниҳод намоянд.

Иттилоот барои банақшагирии буҷетҳо ва маълумоти воқеии иҷроиши онҳо ба шуъбаи молиявӣ аз якчанд сарчашмаҳо ворид мегардад: дар василаи коғазӣ ва электронӣ, тавассути ворид намудани маълумот аз дигар системаҳои автоматикунонидашуда гирифта мешавад.

Шуъбаи баҳисобгирии идоракунӣ буҷетҳоро тартиб медиҳад, онҳоро дар доираи давраи буҷетӣ тасҳеҳ мекунад ва маълумотҳоро бо директори молиявӣ – сармуҳосиби корхона мувофиқа мекунад ва ӯ буҷетҳоро ба директори генералӣ барои тасдиқ пешниҳод мекунад. Муҳосиботи корхона барои тартиб додани ҳисобот оид ба иҷроиши ҳақиқии буҷетҳо масъул буда, сари вақт ҳамаи иттилооти заруриро ба директори молиявӣ пешниҳод мекунад.

Буҷетҳои банақшагирифташуда ва ҳақиқӣ, инчунин майлкуниҳои нақшавӣ аз воқеӣ ҳар моҳ аз тарафи шуъбаи баҳисобгирии идоракунӣ таҳлил карда мешавад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлил директори молиявӣ оид ба натиҷаҳои фаъолият хулоса мебарорад ва ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявию иқтисодии марказҳои масъулият ва умуман корхона пешниҳодҳо ва чораҳо таҳия мекунад. Натиҷаҳои таҳлил ва пешниҳодҳо барои баррасӣ ба директор пешниход карда мешаванд. Директор буҷети солона, семоҳа ва моҳонаро тасдиқ мекунад. Ӯ инчунин масъалаҳои дигари ҷараёни буҷетикунонии корхонаро, ки барои баррасӣ директори молиявӣ, роҳбарони дигар зерсохторҳо пешниҳод кардаанд ва ё худ ташаббус кардааст, баррасӣ ва тасдиқ мекунад.

Директори молиявӣ дар ҷараёни буҷетикунонӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- ташкили ҷараёни буҷетикунонӣ дар корхона;

 назорати ҷории истифодабарии захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ;

 тақвият додани интизоми молиявӣ;

 ҳамоҳангсозии буҷетҳо дар ҷараёни таҳия ва тасҳеҳи онҳо;

 пешниҳод намудани нақшаҳо ва буҷетҳои моҳона, семоҳа ва солона директори генералӣ;

 таҳлили ҳармоҳа ва семоҳаи майлкуниҳои нақша-ҳақиқӣ, баррасии ҳисоботҳои роҳбарои марказҳои масъулият оид ба аз меъёр зиёди майлкуниҳои нақша-ҳақиқӣ, ошкор кардани омилҳои ба майкуниҳо таъсиррасон;

 таҳлили майлкуниҳои нақша-ҳақиқӣ, ки ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои стратегӣ таъсири манфӣ расонидаанд, инчунин роҳҳои бартараф ё кам кардани таъсири омилҳои манфӣ дар давраҳои оянда;

 коркарди пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти молиявию хочагии марказҳои масъулият ва умуман корхона;

 гузаронидани экспертиза ва таҳияи қарорҳо оид ба татбиқи ҷараёни буҷетикунонӣ дар ҳамаи зинаҳои идоракунии корхона;

 такмил додани методологияи буҷетӣ мувофиқи стратегияи қабулшудаи рушди корхона.

### 8.2. Назорати буҷет

Назорати дурустии пур кардани шаклҳои бучет ва эътимоднокии маълумоти онҳо бевосита аз тарафи кормандони шуъбаи баҳисобгирии идоракунӣ амалӣ карда мешавад.

Кормандони шуъбаи баҳисобгирии идоракунӣ ҳар моҳ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба директори молиявии корхона натиҷаҳои иҷроиши буҷети маҷмуиро пешниҳод мекунанд. Директори молиявӣ маълумоти гирифташударо ҷамъбаст намуда, дар бораи чораҳои бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ ва оптимизатсияи ҷараёнҳои дахлдор қарор қабул мекунад, сипас онро бо роҳбаронии марказҳои

масъулияти дахлдор мувофиқа мекунад ва директори генералӣ тасдиқ мекунад.

Назорати ҷараёни буҷетикунонӣ аз ҷониби роҳбарияти корхона дар асоси нишондиҳандаҳо ва меъёрҳое, ки барои роҳбарони марказҳои масъулият дар давраи буҷетӣ муқаррар шудаанд, амалӣ карда мешавад. Нишондиҳандаҳо ва маъёрҳои асосӣ пешакӣ муқаррар карда шуда, дар тамоми давраи буҷетӣ бетағйир мемонанд, агар дар фаъолияти молиявию хочагии корхона тағйироти куллӣ пешбинӣ нашуда бошад. Таҷдиди назари (тасҳеҳи) онҳо дар охири давраи буҷетӣ дар ҷараёни таҳияи буҷети давраи ояндаи буҷетӣ сурат мегирад.

Меъёрҳои майлкуниҳои нақша-ҳақиқӣ то 10 фоизро ташкил медиҳад. Зиёд шудан аз ин нишондиҳанда ҳатман аз тарафи роҳбари маркази масъулият дар шакли хаттӣ (ҳисобот) асоснок карда шуда, ба директори молиявӣ ва генералӣ пешниҳод карда мешавад. Агар пешниҳоди ҳисобот ба директори генералӣ зарур набошад, дар ин сурат таҳлили майлкуниҳо аз меъёрҳо дар доираи фаъолияти ҷории гурӯҳи буҷетӣ гузаронида шуда, аз рӯйи натиҷаҳои таҳлил ҳатман ҳисоботи хаттӣ ба директори молиявӣ пешниҳод карда мешавад.

Ба зиммаи директори генералии корхона роҳбарии умумии ҷараёни буҷетикунонӣ ва қабули қарорҳои дахлдори идоракунӣ гузошта шудааст. Дар ҷараёни буҷетикунонӣ ӯ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- назорати стратегии буҷетҳои марказҳои масъулият ва дар умум корхона;
- тасдиқи буҷетҳои нақшавӣ ва ҳақиқӣ – моҳона, семоҳа ва солона;
- ташкили таҳлили сабабҳои майлкуниҳои барзиёди нақшавӣ-ҳақиқӣ;
- тасдиқи натиҷаҳои таҳлили сабабҳои иҷро нагардидани буҷетҳо, ки директори молиявӣ пешниҳод кардааст;

 баррасӣ ва тасдиқи пешниҳодҳои директори молиявӣ оид ба чораҳо ҷиҳати беҳтар кардани вазъи молиявии корхона ё маркази масъулияти алохида;

 тасдиқи натиҷаҳои экспертиза ва қабули қарор оид ба ҷори намудани ҷараёни буҷетикунонӣ дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии корхона.

Қарори директор аз рӯйи тамоми масъалаҳои ҷараёни буҷетикунонӣ дар корхона хусусияти тавсиявӣ ё ҳатмӣ дорад. Тавсияҳои директор метавонанд ҳамчунин барои асоснок кардани қарорҳо, ки дар сатҳи марказҳои масъулият қабул мешаванд, истифода шаванд. Қарорҳои ҳатмии директор аз тарафи сохторҳое, ки ба онҳо дахл дорад, иҷро карда мешавад.

Директор оид ба масъалаҳои буҷети рушди стратегии корхона хулоса таҳия мекунад. Хулосаҳо бояд дар ҳама сатҳҳои идоракунӣ ҳатмӣ иҷро карда шаванд.

## 9. Тартиби эътибор пайдо кардани Стандарт

Стандарти мазкур бо фармони директори генералӣ пас аз шинос шудани роҳбарони воҳидҳои сохтории корхона мавриди амал қарор дода мешавад.

Замимаи 4

## Шакли буҷетҳои асосии ҷории корхонаи парандапарварӣ

Ҷадвали 1

Буҷети ҳаҷми интизории фурӯш

| **Моддаи буҷет** | **Воҳиди ченак** | **Семоҳаи 1** | **Семоҳаи 2** | **Семоҳаи 3** | **Семоҳаи 4** |
|---|---|---|---|---|---|
| ***Маҳсулоти тӯдаи мурғони саноатӣ (тухм)*** | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 |
| Ҳаҷми фурӯши маҳсулоти тӯдаи мурғони саноатӣ, тухм | дона | | | | |
| Тухми шикаста | дона | | | | |
| Пору | тонна | | | | |
| Нархи фурӯши як воҳиди тухм, барои ҳаз. дона | дона | | | | |
| Тухми шикаста | сомонӣ | | | | |
| Пору | сомонӣ | | | | |
| Даромад аз фурӯши намуди маҳсулот, барои ҳаз. дона | сомонӣ | | | | |
| Тухми шикаста | сомонӣ | | | | |
| Пору | сомонӣ | | | | |
| Даромади умумӣ аз фурӯши маҳсулоти тӯдаи мурғони саноатӣ (тухм) | сомонӣ | | | | |
| ***Маҳсулоти тӯдаи мурғони саноатӣ (гушт)*** | | | | | |
| Ҳаҷми фурӯши маҳсулоти гуштӣ | тонна | | | | |
| Тухми истеъмолӣ | дона | | | | |
| Пору | тонна | | | | |
| Нархи фурӯши як воҳиди маҳсулот, барои як кг | сомонӣ | | | | |
| Тухми истеъмолӣ | сомонӣ | | | | |
| Пору | сомонӣ | | | | |
| Даромад аз фурӯши намуди маҳсулот, барои як тонна гушт | сомонӣ | | | | |
| Тухми истеъмолӣ | сомонӣ | | | | |
| Пору | сомонӣ | | | | |
| Даромади умумӣ аз фурӯши маҳсулоти тӯдаи мурғони саноатӣ (гуштӣ) | сомонӣ | | | | |

Ҷадвали 2

Буҷети хариди захираҳо

| **Моддаи буҷет** | **Воҳиди ченак** | **Нарх** | **Миқдор** | **Семоҳаи 1** | **Семоҳаи 2** | **Семоҳаи 3** | **Семоҳаи 4** | **Маблағи умумӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| Хӯрокаи омехта | тонна | | | | | | | |
| Доруворӣ | дона | | | | | | | |
| Сӯзишворӣ | тонна | | | | | | | |
| Қувваи барқ | Кв.соат | | | | | | | |
| Об | $M^2$ | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Ҷадвали 3

Буҷети хароҷоти мустақими моддӣ

| **Моддаи буҷет** | **Воҳиди ченак** | **Нарх** | **Миқдор** | **Семоҳаи 1** | **Семоҳаи 2** | **Семоҳаи 3** | **Семоҳаи 4** | **Маблағи умумӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 |
| Хӯрокаи омехта | тонна | | | | | | | |
| Доруворӣ | дона | | | | | | | |
| Сӯзишворӣ | тонна | | | | | | | |
| Қувваи барқ | Кв.соат | | | | | | | |
| Об | $M^2$ | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Ҷадвали 4

Буҷети хароҷоти мустақими меҳнатӣ

| Сех | Моҳи иҷроиши кор | № ва номгӯи кор | Меҳнатталабӣ | Ставкаи тарифӣ | Миқдори одам-соат | Маблағ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| | | | | | | |

Ҷадвали 5

Буҷети хароҷоти умумиистеҳсолӣ (ХУИ)

| Моҳ | Намуди хароҷот | Ставкаи тарифӣ | Маблағи умумии хароҷот | Сех | Пояи тақсимкунии ХУИ | Ставкаи тақсимкунии ХУИ | Маблағи ХУИ, ба объекти баҳисобгирӣ ҳамроҳшаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |

Ҷадвали 6

Буҷети хароҷоти умумихоҷагӣ (ХУХ)

| Моҳ | Намуди хароҷот | Ставкаи тарифӣ | Маблағи умумии хароҷот | Сех | Пояи тақсимкунии ХУХ | Ставкаи тақсимкунии ХУХ | Маблағи ХУХ, ба объекти баҳисобгирӣ ҳамроҳшаванда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |

Ҷадвали 7

Буҷети истеҳсолӣ

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| | | | | | | |

Ҷадвали 8

## Буҷети пардохтҳои андозӣ

| **Намудҳои андоз** | **Маълумоти иловагӣ** | | **Семоҳаи 1** | **Семоҳаи 2** | **Семоҳаи 3** | **Семоҳаи 4** | **Маблағи умумӣ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Базаи андозбандӣ** | **Алоқамандӣ бо ҳуҷҷати тасдиққунанда** | | | | | |
| 1 | 2 | 3 | 4 | | 5 | 6 | |
| *Андозҳои мустақим* | | | | | | | |
| **ААИ** | | | | | | | |
| Ҳисобкардашуда | Фурӯш | Буҷети фуруш, буҷет даромад ва хароҷот | | | | | |
| Тахфиф | Хариди захираҳо | Буҷети хариди захираҳо | | | | | |
| Барои пардохт | Фурӯш | Буҷети фуруш | | | | | |
| Андозҳое, ки хароҷоти корхонаро зиёд мекунанд | | | | | | | |
| Андози амволи манъқул | Арзиши миёнасолонаи амвол | Тавозуни пешгӯишудаи муҳосибӣ | | | | | |
| Андози воситаҳои нақлиёт | Иқтидори муҳарик (қ.асп) | Паспорти техникии нақлиёт | | | | | |
| Андози замин | Арзиши кадастрии замин | Шаҳодатномаи ҳуқуқи моликият | | | | | |
| **Аз он ҷумла кормандон** | | | | | | | |
| Андози иҷтимоӣ | Пардохтҳо ва подошти кормандон тибқи шартномаи меҳнатӣ | Буҷети музди меҳнат | | | | | |
| **Андоз аз фоида** | Фоидаи андозбандишаванда | Сабткунаки ҷамъбастии андозӣ | | | | | |
| | | | | | | | |

Ҷадвали 9

Буҷети даромад ва хароҷот

<table>
<tr><td colspan="5">Даромад ва хароҷот аз фаъолияти амалиётӣ</td><td colspan="2">Даромад аз дигар намудҳои фаъолият</td><td rowspan="3">Ҳамагӣ даромад</td></tr>
<tr><td colspan="5">Даромад аз фурӯши маҳсулот</td><td>Фурӯши захираҳо</td><td>Молиявӣ</td></tr>
<tr><td>Марказҳои масъулият</td><td>Сехи 1</td><td>Сехи 2</td><td>Сехи 3</td><td>Шуъбаҳои функсионалии дигар</td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>1</td><td>2</td><td>3</td><td>4</td><td>5</td><td>6</td><td>7</td><td>8</td></tr>
<tr><td>Даромад аз фурӯши маҳсулот</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Хароҷот аз рӯйи моддаҳои арзишмуайянкунӣ</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>1.</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>2.</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>3.</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>…</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>n</td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Ҳамагӣ хароҷот</td><td></td><td></td><td colspan="2"></td><td></td><td></td><td></td></tr>
<tr><td>Даромади соф</td><td></td><td></td><td colspan="2"></td><td></td><td></td><td></td></tr>
</table>